қобилияти он оид ба таъмини тақсимоти инвентар, захираҳои молиявӣ ва меҳнатӣ аз рӯи соҳа ва минтақа фаҳмида мешавад.

Функсияи алоқамандкунандаи ҷузъҳои инфрасохтори бозорро, ки барои рушди бонизоми шаҳрҳо, деҳаҳо ва минтақаҳо шароит фароҳам меоранд, қайд намудан зарур аст. Дар ин асос зикр кардан лозим аст, ки дар назарияи иқтисоди минтақавии ҷонибдорони рушд, рушди нигаронидашуда ва иқтисодиёти фосилавӣ, вақте ки сухан дар бораи омилҳои мутавозунӣ меравад, ҷузъҳои инфрасохтори бозор дар назар дошта шудааст (расми 2.). Муҳиммияти инфрасохтори бозор барои минтақа бо он асос меёбад, ки маҳз дар ин ҷо аввалин ҳамкориҳои иқтисодӣ – тиҷоратӣ амалӣ мешаванд. Самаранокии амалии минбаъдаи онҳо бештар аз рушди инфрасохтори бозор вобаста аст.

Ба ҳар як бозор вобаста аз махсусияти он инфрасохтори муайян мувофиқат мекунад, зеро дар ҳар бозор миёнаравҳо байни бозор ва истеъмолкунанда мавҷуданд ва маҷмӯи ин миёнаравҳо унсурҳои инфрасохтори бозорро ташкил медиҳанд.




**Расми 2. Таъсири мутақобилаи инфрасохтори минтақавии бозор**

Дараҷаи инкишофи бозори меҳнат ба ҷараёнҳое, ки дар ҷамъият ба амал меоянд, бевосита таъсир мерасонад. Бозори меҳнат як унсури хеле муҳим ва мураккаби иқтисоди бозорӣ мебошад. Маҳз тавассути механизми бозори меҳнат сатҳи шуғл ва музди меҳнат муқаррар карда мешавад. Ба инфрасохтори бозори меҳнат мақомоти давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, хадамоти кадрии корхонаю ташкилотҳо, биржаҳои меҳнатӣ ва ғайритиҷоратӣ, агентиҳои кадрӣ, ки ба роҳнамоии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, инчунин, бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор, ҳифзи иҷтимоии онҳо машғуланд, дохил мешаванд.

Бозори молҳо ва хидматҳо пайвасткунандаи маркази системаи умумии бозорҳои ба ҳам алоқаманд мебошад. Натиҷаҳо ва шаклҳои фаъолияти он бештар вазъи бозорҳои дигарро муайян мекунанд. Бозори мол ва хизматҳо маҷмӯи муносибатҳои

марбут ба хариду фурӯши тамоми молҳои дар хоҷагии халқ дар давраи муайян истеҳсолшуда ва барои истифодаи ниҳоӣ пешбинишуда мебошад. Барои фаъолияти мутақобилаи истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда ҳаҷми мол ва талабот ба он кофӣ нест, соҳаҳое лозиманд, ки равандҳои мубодилаи байни онҳоро таъмин кунанд, ин инфрасохтори бозори мол ва хизматрасонӣ мебошанд ба монандӣ: корхонаҳои яклухтфурӯшӣ, корхонаҳои чаканафурӯшӣ, биржаҳои молӣ, агентиҳои реклама ва ғ.

Бахши бонкӣ дар рушди муносибатҳои бозорӣ нақши муҳим дорад ва дар ин ҷо бояд ба рушди бонкҳои тиҷоратӣ диққати махсус дода шавад. Низоми бонкӣ – сармояи муваққатан озод ва маблағҳои аҳолиро ҷалб карда, ба истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда хизматрасониҳои зеринро пешкаш менамояд, аз қабилӣ: ҳисоббаробаркуниҳо, додани қарз, амалиёти клирингӣ, лизингӣ ва ғайраҳо. Албатта ин амалиётҳо бояд дар дохили бозор ба анҷом расонида шаванд, ки мушкилоти доштаи истеъмолгарон ва фурӯшандагон осон гардонида, низоми суғурта дуруст ба роҳ монда шавад.

**Адабиёт:**


*1. Rosenstein-Rodan P. N. Notes on the Theory of the «Big Push» / Rosenstein-Rodan Economic Development for Latin America: proceedings of a conference held by the International Economic Association. / ed. HowardS. Ellis. London: Mac-millan. 1961. P. 60*

*2. Гокжаева, Е.Б. Управление развитием инфраструктуры региона: концепция, факторы, институциональные механизмы и инструменты реализации / Е.Б. Гокжаева. - Майкоп : ООО «Качество», 2008. - 139 с.*

*3. Дворядкина Е.Б., Сапожникова Е.Э. Кредитные организации как элемент региональной рыночной инфраструктуры. – 2008. – № 29. – с. 45-52.*

*4. Кузнецова А.И. Инфраструктура. Вопросы теории, методологии и прикладные аспекты современного инфраструктурного обустройства // Геоэкономический подход. - М.: КомКнига, 2006.*

*5. Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс..докт. экон.наук/ 08. 00. 04/Р.К.Раджабов.-Душанбе,2000.-с.17-18.*

*6. Солеҳзода А.А. Нақши инфрасохтори бозор дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ/ Солеҳзода А.А., Ашуров М.Н.// Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021. № 1. с. 231-236.*

*7. Ярыгина И.З. Экономическая энциклопедия. /И.З. Ярыгина Том IX / Ярыгина И.З.; под ред. Л.И. Абалкиной. - М.:Финансы и статистика, 2003. – с.29*



**Рахимзода Ш,**
**Ашуров М.Н.**


## ФОРМИРОВАНИЕ РЫНОЧНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ


**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана,**
**Таджикский государственный финансово-экономический университет**



*Статья посвящена основным компонентам формирования и развития рыночной инфраструктуры. В переходный период рыночных преобразований происходит формирование специальных учреждений, необходимых для налаженной работы рынка, каковыми выступают элементы рыночной инфраструктуры. В статье рассматривается функционирование данных элементов.*



***Ключевые слова:*** *экономика, развитие, формирование, рыночная инфраструктура, рынок товаров, рынок услуг, элементы рыночной инфраструктуры.*

Rakhimzoda Sh.,
Ashurov M.N.

# FORMATION OF MARKET INFRASTRUCTURE AND PROSPECTS FOR ITS DEVELOPMENT

**Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Tajik State University of Finance and Economics**

*The article is devoted to the main components of the formation and development of market infrastructure. In the transitional period of market transformations, the formation of special institutions necessary for the well-functioning of the market, which are the elements of the market infrastructure, takes place. The article discusses the functioning of these elements.*

***Key words***: *economy, development, formation, market infrastructure, market for goods, market for services, elements of market infrastructure.*

***Сведение об авторах***:

***Шариф Раҳимзода***-*д.э.н., профессор, директор Института экономики и демографии, Национальной академии наук Таджикистана. Адресс: 734025, Республика Тоджикистан, г. Душанбе, ул. Айни 44. e-mail: shama100@inbox.ru*

***Ашуров Мухаммади Нусратович***-*к.э.н., доцент, заведующий кафедрой Системы и информационные технологии в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. e-mail: m_a_84-84@mail.ru*

УДК 338.43(575.3)

**Мирсаидов А.Б.**
**Мирсаидов Ф.А.**

# ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ДАР ТАТҚИҚОТИ МУАММОҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академия миллии илмии Тоҷикистон, Донишкадаи сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон**

*Дар мақола масъалаҳои амиқсозии таҳқиқоти институтсионалӣ ва таъсири онҳо ба самти рушди назарияҳо ва консепсияҳои рушди ичтимоиву иқтисодии мамлакат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аниқ карда шудааст, ки кӯшишҳои таҳияи консепсияи неоинститутсионалии таърихи иқтисодии ҷумҳурӣ ба мушоҳида расида истодааст, таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикии ниҳодҳои иқтисодӣ, ки асоси рушди устувори муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи ичтимоӣ – иқтисодӣ мебошанд, сурат гирифта истодааст. Тасдиқ карда шудааст, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ кӯшиши амиқтар кардани муносибати тамаддунӣ аз ҳисоби таҳлили асосҳои институтсионалии рушди низоми иҷтимоию иқтисодии ба тамаддунҳои шарқӣ хос ва мактаби ватании иқтисодиву иҷтимоӣ ташаккул ёфта истодааст, ки тарҳи назарияи институтсионалии рушди иқтисодии кишвар, пеш аз ҳама, назарияи иқтисодии редистрибутивиро таҳия менамояд, ба мушоҳида мерасад.*

***Калидвожаҳо**: низоми ичтимоиву иқтисодӣ, иқтисоди миллӣ, сотсиологияи иқтисодӣ, институт, матритсаи институтсионалӣ, сохтори институтсионалӣ, пардигмаҳои иктисодӣ, иқтисодиёти редистрибутивӣ ва ғ.*

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 “роҳандозӣ намудани сохтори ташкилӣ ва вазифаҳои идоракунӣ тавассути бартараф кардани пайвандҳои зиёдатӣ, такмилдиҳии равандҳои маъмурӣ ва кам кардани хароҷот, такмил додани ҳамоҳангсозӣ дар бахши таҳия ва амалисозии сиёсат байни мақомотҳои ҳокимияти иҷроия ва сатҳҳои ҳудудии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ” [1.40]дар радифи самтҳои муҳими такмилдиҳии низоми идоракунии давлатӣ қарор гирифтааст. Дар коркарди механизми татбиқи ин ҳадафҳои муҳим механизми институтсионалӣ, эҷоди ниҳодҳо ва сохтори институтсионалии мувофиқ накши бунёдӣ дорад. Умуман дар замони муосир, ки дар он сифати тазоди муносибатҳои ичтимоиву иқтисодии хеле мураккабу зудтағирёбанда бештар аён шуда истодааст, зарурати такмили ниҳодҳои амалкунанда ва коркарди ниҳодҳои нав, ки ин муносибатҳоро дар доираи тартиботи низомӣ мегирад, муҳимият пайдо намудааст. .

Аз ин рӯ, дар адабиёти илмии ватанӣ ниҳодҳо ба объекти таҳқиқи шумораи афзояндаи илмҳои сиёсӣ, сотсиология, иқтисодӣ ва умуман ҷамъиятшиносӣ мубаддал мегарданд. Хусусан омӯзиши ниҳодҳо ва сохтори институтсионалии иқтисоди миллӣ фаъолнок шуда истодааст. Аз солҳои 20 – уми асри гузашта сар карда, ниҳодҳо объекти таваҷҷуҳи илмии олимон – иқтисодчиёни давлатҳои ИДМ, аз он ҷумла ҷумҳурӣ гардида, азхудкунии консепсияҳои назариявии неоинститутсионалистҳои кишварҳои Ғарб ба таври фаъолона шурӯъ гардид. Дар асоси методологияи назарияи нави институтсионалии иқтисодӣ таҳқиқи тағйиротҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ васеъ паҳн шудааст. Муносибати институтсионалӣ ба таҳлили масоили иқтисодӣ аз ҷониби кормандони илмии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолона таҳия карда мешавад. Дар таҳқиқи масъалаҳои тағйири соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ истифодаи муносибати институтсионалӣ самарабахш гардид.

Дар асарҳои муаллифони ватанӣ вазифаҳои таҳқиқи нисбатан бунёдитари ниҳодҳо гузошта ҳал карда шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки сабабҳои дохилӣ ва пинҳонӣ, механизмҳои рушди низомҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ муайян карда шаванд. Айни замон

амиқсозии таҳқиқоти институтсионалӣ ба самти рушди назарияҳо ва консепсияҳое равона гардидааст, ки дар онҳо ниҳод категорияи марказии методологӣ маҳсуб меёбад. Кӯшишҳои таҳияи консепсияи неонститутсионалии таърихи иқтисодии ҷумҳурӣ ба мушоҳида расида истодааст, таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикии ниҳодҳои иқтисодӣ, ки асоси муносибатҳои таърихан устувори иҷтимоӣ – иқтисодӣ мебошанд, гузаронида мешаванд. Ҳамин тариқ, як мактаби ватании иқтисодиву иҷтимоӣ ташаккул ёфта истодааст, ки назарияи институтсионалии рушди иқтисодии кишвар, пеш аз ҳама, назарияи иқтисодии редистрибутивиро таҳия менамояд.” [6.42.5.7.8.] Дар натиҷаи омӯзиши институтсионалии аз ҷониби мо маълум карда шуд, ки яке аз сабабҳои паст будани сатҳи институтсионаликунонии муносибатҳо дар иқтисодиёти гузариши ҷумҳурӣ мушкилоти ҷиддӣ дар ҳисобдории миллӣ мебошад, яъне масъалаи баҳисобгирии он маҳсулоти зиёди молҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба бозор ворид намешаванд. Ҳамин тавр, масалан, дар минтақаҳои деҳот (ки дар он беш аз 70% аҳолии кишвар зиндагӣ мекунанд), хусусан дар минтақаҳои кӯҳистон, хусусиятҳои ҷомеаи анъанавӣ бартарӣ доранд. Қисми асосии неъматҳои иқтисодӣ дар хоҷагиҳои пӯшида (худтаъминкунанда), ки бо ҷаҳони беруна робитаи кам дошта, ба муносибатҳои бозаргонӣ дохил намешаванд, истеҳсол ва истеъмол карда мешавад. Бале, дар ҳақиқат, ҳанӯз ҳам сатҳи баланди худтаъминкунӣ дар байни сокинони деҳоти ҷумҳурӣ мавҷуд аст, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла як қатор неъматҳои ҷамъиятӣ (тавассути роҳи ғайрибозаргонӣ) тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ (аёдати беморон, кӯмак ба камбизоатон, сохтани роҳҳо ва канали обёришаванда, таъмири мактабҳо ва дигар иншооти иҷтимоӣ тавассути ҳашар ва ғайра) сурат мегиранд. Ҳамин тариқ, дар иттилоот шикоф мавҷуд аст, ки манзараи воқеиро таҳриф мекунад. Бояд қайд кард, ки дараҷаи таҳриф ҳангоми заиф будани хусусияти бозаргонии иқтисод боз ҳам қавитар мегардад, аз ин рӯ сатҳи худтаъминкунӣ дар минтақаҳои камтар тараққикардаи кишвар ҳамеша баланд мебошад. Масалан, вақте ки мо дар омор мебинем, ки даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол дар деҳот аз 30– 35% камтарро нисбат ба шаҳр ташкил медиҳад, аммо дар воқеият ин ақибмонӣ он қадар хусусияти таҳдидкунанда надорад. Азбаски дар ҷумҳурӣ сатҳи худтаъминкунии ғайрибозаргонӣ баланд аст, тақсимоти як қатор неъматҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад. Вобаста ба ин, дар иқтисоди ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он се навъи сохторҳои институтсионалиро фарқгузорӣ кардан мумкин аст (воқеан якҷоя вуҷуд доранд), ки муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро дар маҷмӯъ, ҳаракати молу захираҳои иқтисодиро ба танзим медароранд.

*Навъи якуми* сохтори институтсионалӣ – ин иқтисоди редистрибутивӣ ё дистрибутивӣ мебошад. Дуюм – иқтисоди бозорӣ. Сеюм, иқтисоди тухфаҳо ё кӯмаки мутақобилаи шабакавӣ. Хусусиятҳои ин навъҳои иқтисод дар адабиёти иқтисодӣ то андозае муайян ва тавсиф карда нашудаанд: аломатҳо ва хусусиятҳои инфиродӣ, нақш ва мавқеи онҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа ошкор карда нашудаанд. Омӯзиш ё таҳқиқи ҷойгоҳи ин се навъҳои иқтисод дар истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои иқтисодӣ, бахусус неъматҳои ҷамъиятӣ, дар сатҳи зарурӣ ба назар мерасад. Ин имкон намедиҳад, ки дар бораи мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодии ҳаёт дар минтақаҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ маълумоти лозима ба даст оварда шавад. Новобаста ба ин , ниҳодҳои бунёдӣ ва баъзе хусусиятҳои бунёдии онҳо муайян ва тавсиф карда шудаанд.” [7.34]

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ кӯшиши амиқтар кардани муносибати тамаддунӣ аз ҳисоби таҳлили асосҳои институтсионалии низоми иҷтимоию иқтисодии ба тамаддунҳои шарқӣ хос ба мушоҳида мерасад. Ин ҷо овардани иқтибосҳо аз олимон– иқтисодчиёни алоҳидаи ҷумҳурӣ бамаврид аст. Масалан, академик Саидмуродов Ҳ.М. қайд мекунад: “Илмҳои иқтисодӣ дар холо вуҷуд надоранд. Дар рушди онҳо нақши муҳимро омилҳои беруна, идеологияи ҳукмрон, фармоиши сиёсӣ – иҷтимоии давлат ва ғайра мебозанд. Барои ин доштани заминаи боэътимоди мониторинги равандҳои

иқтисодӣ... омӯзиши равандҳои иқтисодӣ аз дидгоҳи таърихӣ зарур аст”. ”[11.40] Академик Н. Қаюмов низ қайд намудааст: “Мисолҳое дар таърихи муосир вуҷуд надоранд, вақте ки ҳамзамон бо шикасти қудрати бузург, ҷанги шаҳрвандӣ, тағйири моликият, комилан рад кардани идеологияи ҳукмрон ва низоми мавҷудаи иқтисодӣ ислоҳот бедард гузашта бошанд.... Дар чунин ҳолат, вақте ки одатҳои маъмулии зиндагӣ мешикананд, ёфтани қарори дуруст душвор мегардад”[4.20] Тавре ки дида мешавад, олимон– иқтисодчиёни ватанӣ ба нақши муҳими решаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки дар заминаи таърихӣ ташаккул ёфта, аз табиати тарзи осиёии истеҳсолот бармеояд, таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Ҳамин тариқ, тамоюли дар боло зикршуда дар таҳқиқи ниҳодҳо барои ташаккули фарзия оид ба матритсаҳои институтсионалӣ асос гардиданд. Фарзияи назариявии матритсаи институтсионалӣ ба муносибати байнифаннӣ асос ёфта, натиҷаи дарку дарёфти муколамаи васеъ байни олимон – иқтисодчиён ва дигар олимон - ҷамъиятшиносони ватанӣ мебошад, ки бо омӯзиши ниҳодҳо машғуланд. Ниҳодҳо ҳамчун шаклҳои амиқ, таърихан устувор шарҳ дода мешаванд, ки бозтавлиди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро дар шаклҳои гуногуни ҷомеаҳо таъмин менамоянд. Дар мавриди мазкур ниҳодҳо дар чорчӯба, пеш аз ҳама, парадигмаи объективистӣ дар сатҳи низоми миллии иҷтимоиву иқтисодӣ таҳқиқ мешавад.

Аммо, аксари таҳқиқоти институтсионалӣ асосан ба муносибати субъективистӣ асос ёфтаанд. Дар асарҳои Лауреати Нобелӣ Дуглас Норт муносибат ба таҳқиқи ниҳодҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун “маҳдудиятҳои аз ҷониби одамон таҳияшуда, ки ҳамкориҳои инсониро сохторсозӣ мекунанд” истифода мешавад. [9.344] Диққати асосии ӯ, пеш аз ҳама, ба ҷанбаи субъективии ниҳодҳо, ба имкониятҳои ташаккули мақсадноки онҳо нигаронида шудааст. Чунин муносибат, ба фикри мо, бо ҳадафҳои таҳқиқотии ӯ, ки ба эҷоди назарияи тағйироти институтсионалӣ нигаронида шудааст, муайян шудааст.

Дар доираи парадигмаи объективистӣ ва муносибати низомӣ вазифаи асосии таҳқиқоти институтсионалӣ аз муайян намудани ҷузъи таркибии устувори ниҳодҳо иборат аст, ки траекторияҳои ташаккули сохтори институтсионалии низоми иҷтимоию иқтисодиро, ки хусусият ва самтҳои ҳамкории гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё агентҳоро мушаххас месозанд, муайян мекунанд. Аз ин рӯ, назарияи матритсаҳои институтсионалӣ ниҳодҳоро ҳамчун асосӣ, амиқ, таърихан устувор ва доимо бозтавлидкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки ҳамгироии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро таъмин менамоянд, шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ниҳодҳои бунёдии таърихан ташаккулёфта ба низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеа имкон медиҳанд, ки боқӣ монда, рушд карда, дар айни замон якпорчагии низомии худро дар раванди рушди таърихӣ новобаста аз ирода ва хоҳиши иштирокчиёни мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ нигоҳ доранд. Дар чунин тафсир ба хосияти муҳими ниҳодҳо, ҳамчун омили муҳим, интихоби табиии шаклҳои ҳаёт ва муносибатҳои инсонӣ, ки ба шароити ҷамъиятӣ муносиб мешаванд, таъкид карда мешавад. Дар ин бобат Т. Веблен навишта буд: «Худи ниҳодҳо на танҳо натиҷаи интихоб ва мутобиқшавӣ мебошанд, ки сифатҳо ва қобилиятҳои рӯҳонии афзалиятнокро ташаккул медиҳанд; онҳо дар айни замон шаклҳои махсуси ҳаёт ва муносибатҳои инсониро ифода мекунанд ва аз ин рӯ, дар навбати худ, омилҳои муҳимтарини интихоб маҳсуб меёбанд. [3.188] Ниҳодҳои асосӣ устухонбандии низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро ташкил дода, хусусиятҳои умумитари ҳолатҳои иҷтимоию иқтисодиро муқаррар карда, самтҳои рафторҳо ва амалҳои гурӯҳӣ ва инфиродиро муайян мекунанд.

Дар назарияи матритсаҳои институтсионалӣ на танҳо ниҳодҳои танзимкунандаи бозтавлиди маҳз шахс (ниҳодҳои оила ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ), балки инчунин ниҳодҳои заминавие, ки бозтавлиди соҳаҳои асосии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро танзим мекунанд, инъикос меёбанд. Ин ниҳодҳо ҳам дар сатҳи расмӣ (конститутсия, қонунгузорӣ, танзими ҳуқуқӣ ва ғайра), ҳам дар соҳаи ғайрирасмӣ

(меъёрҳои рафтор, одатҳо, анъанаҳо, низомҳои таърихан устувори арзишҳо ва ғайра) ба вуҷуд омада, татбиқ меёбанд. Ин ниҳодҳои заминавии расмӣ ва ғайрирасмӣ якпорча буда, ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ роҳ ёфтаанд.

Ниҳодҳои заминавӣ дар раванди таърихии рушд, дар навбати аввал, дар натиҷаи мутобиқшавии аҳолии маскун дар ҳудуди муайян ба шароитҳои берунае, ки ба онҳо дода шудаанд, ташаккул ва рушд меёбанд. Дар раванди рушди ҷамъиятӣ ниҳодҳои заминавӣ бо нигоҳ доштани хусусияти сифатии худ шаклҳои рушдкарда ва мутамаддинро қабул мекунанд. Ниҳодҳо аз ҳамдигар вобастаанд ва аз ин рӯ низоми муайянеро ташкил медиҳанд, ки фаъолияти якдигарро дастгирӣ мекунад. Танзими самтҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ вазифаи асосии ниҳодҳои заминавӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки фарзия оид ба матритсаҳои институтсионалӣ дар асоси назарияи низомӣ – баррасии соҳаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳамчун низоми якпорча матраҳ мешавад. Якпорчагӣ ҳамчун низом дар асоси вобастагии сегона: а) ҳар яке аз қисмҳои муҳимтарини он аз қисмҳои боқимонда; б) ҳар яке аз қисмҳои муҳимтарини он аз тамоми низом; в) тамоми низом аз қисмҳои он сохта мешавад. ” [12.48] Ба назари мо, таърифи мазкур барои таҳқиқи матритсаҳои институтсионалӣ бештар мувофиқ аст.

Дар сохтори ҷомеа ҷузъҳои муҳимтарини он, яъне соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ (иҷтимоӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ – фарҳангӣ)–и ҷомеа фарқ мекунанд. Байни онҳо робитаи наздик вуҷуд дошта, як навъи муайяни ҷомеаро ташкил медиҳанд, ки хусусиятҳои он аз мушаххасоти ҳар яке аз соҳаҳои номбаршуда вобастаанд. Мутобиқан, навъҳои субъектҳо, намудҳои гуногуни созмонҳо, муассисаҳо, инчунин ниҳодҳое, ки онҳоро танзим мекунанд, фарқ мекунанд.

Ҳар яке аз соҳаҳои номбаршуда, гарчанде ки зернизоми давлатӣ эътироф шуда, алоқаҳои зичи мутақобила доранд, аммо ҳанӯз ҳам мустақилона омӯхта мешаванд. Дар шароити муосир ҳадгузории иқтисод, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ ба таври равшан ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, дар адабиёти илмӣ даъват ба муттаҳидсозии кӯшишҳо барои таҳқиқоти низомӣ вомехӯрад. Дар робита ба ин, И. Валлерштайн қайд мекунад, ки: «ягон амсилаи муносиби таҳқиқотӣ наметавонад “омилҳоро” мувофиқи категорияҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ тақсим карда, танҳо бо як навъи тағйирёбандаҳо бо ҳисобидани тағйирёбандаҳои дигар ҳамчун доимӣ, сарукор дошта бошад. Мо тасдиқ мекунем, ки «маҷмӯи қоидаҳо» ё «маҷмӯи маҳдудиятҳо»–и ягона вуҷуд доранд, ки дар дохили онҳо ин сохторҳои гуногун фаъолият мекунанд”. [2.134]

Гарчанде ки дар шуури илмӣ тасаввуроти сегона дар бораи ҷомеа ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бартарӣ дорад, аммо методологияи конвенсионалие, ки имкон медиҳад ин зернизомҳо якҷоя дар доираи навъи муайяни ҷомеа мавриди таҳлили амиқ қарор дода шаванд, ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Масъалаҳои мазкур, яъне имкониятҳои ҷустуҷӯи методологияи муносиби таҳқиқоти хеле васеъро тақозо менамояд. Аммо ҳоло кӯшиш менамоем, ки гоми аввалро дар роҳи андеша, ки дар он ҳамзамон ҳам ягонагӣ, ҳам сегонагии ҷомеа инъикос меёбанд, бардорем (ниг.:расми 1.).

Мазмуни тасаввуроти мазкури назариявӣ дар он аст, ки зернизомҳои иқтисод, сиёсат ва фарҳанг (идеология)–ро ҳамчун се зернизом ё проексияҳои баробарарзиши ҷомеа баррасӣ кардан мумкин аст. Амале, ки субъектҳо дар ҷомеа анҷом медиҳанд, ҳамзамон амал ё муносибатҳои марбут ба зернизомҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологиро (ки бо низоми арзишҳо “меъёрбандӣ” карда мешаванд) дар бар мегирад. Аз ин рӯ, тақсимоти ин зернизомҳо, гарчанде ки инъикоси воқеият мебошад, вале воситаи сирф илмие маҳсуб меёбад, ки дорои аҳамияти назариявӣ – методологӣ мебошад. Ҷамъкунии ин зернизомҳо мушобеҳ ба он аст, тавре ки андозанокии фазои физикӣ, ки дар доираи се меҳвари координатҳо пешниҳод шудааст, ки имкон медиҳад ҳаҷм ва мавқеи ҳар чиз муайян карда шуда, фаҳмо бошад. Се соҳаи ҷомеа инчунин моҳияти се сатҳҳои муҷарради ҷомеа мебошанд, ки «андозанокӣ»–и онро тавсиф мекунанд.




**Расми 1. “Низоми координатҳо” барои тавсифи ҷомеа ҳамчун чизи томи ягона (сиёсат, идеология, иқтисод).**

Чунин муаррифии умумиилмӣ имкон медиҳад, ки ин зернизомҳо «ҷойгир» карда шуда, муносибатҳои мушаххаси иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ дар фазои координатаҳои додашуда мавриди таҳлил қарор дода шуда, падидаҳои воқеии ҳаёт тавсиф карда шаванд.Муаррифии ҷомеа дар «фазо» –и сеандоза инчунин имкон медиҳад, ки зиддияти тафсири ҷомеа ҳамчун як воҳиди ягона ва маҷмӯи се зернизом (иқтисод, сиёсат ва фарҳанг) бартараф карда шавад. Аз ин нуқтаи назар, ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун калидӣ ҳисобида шуда, онҳо дар бозтавлиди ҷомеа ҳамчун организми ягона баробарарзиш мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ҳудудҳо ва вазифаҳои зернизоми иқтисодии ҷомеа ба таври дақиқ муайян карда шудаанд. Омӯзиши ниҳодҳои иқтисодӣ, ки аз ҷониби иқтисоди сиёсии марксистӣ оғоз ёфтааст, метавонад имрӯз ҳамчун соҳаи пешрафтаи таҳқиқоти институтсионалӣ амал кунад. Зернизоми сиёсӣ инчунин аз соли 1950–уми асри XX мавриди таҳқиқи фаъоли ҷомеашиносон қарор гирифт. Муносибати низомнок ба таҳлили сиёсӣ таҳия карда шуд, ки ба ҷудо гардидани сотсиологияи сиёсӣ ва иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) ҳамчун як соҳаи нави дониш мусоидат кард. Дар ин самт Толкот Парсонс саҳми муайян гузошт. Вай он ҷанбаҳои амали иқтисодиву иҷтимоиро сиёсӣ меҳисобид, ки ба ташкил ва сафарбаркунии захираҳо барои ноил шудани гурӯҳ ба ҳадафҳои он нигаронида шудаанд. Дар ин ҳолат, ин рисолатро давлат метавонад ҳамчун як мақоми махсусгардонидашудаи ҷомеа, ки асоси низоми сиёсии онро ташкил медиҳад, иҷро кунад. Вазифаҳои асосии низомҳои сиёсӣ инҳоянд: Якум, ҳифзи тамомияти ҷомеа ва фазои мусоиди фаъолияти иқтисодиву иҷтимоӣ дар асоси қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ҳамчун раванди қонунигардонии меъёрҳои ташаккулёбанда. Вазифаи дуввум ба ташкили амалҳои дастаҷамъӣ бо мақсади татбиқи манфиати ҷамъиятӣ ва миллӣ нигаронида шудааст. [10.30] Ҳамин тариқ, то ба имрӯз ҳудуди соҳаи сиёсӣ ва вазифаҳои он, ки таъмини тамомияти ҷомеа мебошад, муайян карда шудаанд.

Аммо, ҳудуди соҳаҳои фарҳанг ҳамчун зернизоми ҷамъиятӣ ба таври кифоя шуста шудаанд, аз ин рӯ, номуайянии хусусияти мазмунии истилоҳотшиносидошта сабаби он буд, ки соҳаи фарҳанг дар назарияи институтсионалӣ бо ҳамон амиқӣ, аз қабили иқтисодиёт ва сиёсат кам омӯхта шудааст.

Дар адабиёт фарҳанг ҳамчун маҷмӯи тартибот ва объектҳои сунъӣ, ки аз ҷониби одамон илова бар табиат офарида шудаанд, таъриф мешавад. Шаклҳои омӯхташудаи рафтор ва фаъолияти инсон, ба даст овардани дониш, симоҳои худшиносӣ ва нишонаҳои рамзии олами атроф низ ба соҳаи фарҳанг дохил мешаванд. Фарҳанг – ин на

танҳо дастовардҳои моддӣ мебошад, балки инчунин маҷмӯи «қоидаҳои бозӣ»–и ҳамзистии дастаҷамъонаро, ки аз ҷониби одамон таҳия гардидааст, дар бар мегирад. Одамон барои татбиқи амалҳои гуногуни иҷтимоӣ – иқтисодӣ технологияҳои танзимкунанда ва меъёрҳои арзёбиро муқаррар кардаанд. Соҳаи фарҳанг тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, метавонад барои ҳар як зернизоми ҷомеа махсус гардонида шавад.

Аксар вақт омезиш дучор омада, низомҳои фарҳангиро бо гурӯҳҳои иҷтимоӣ айният дода, дар айни замон гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ – этникӣ, давлатӣ, ҳудудӣ ё дигарро тамаддунҳо ё фарҳангҳо меноманд. Инчунин таҳқиқоти масъалаҳои фарҳанги иқтисодӣ ва сиёсӣ низ дучор меоянд, ки ҳамчун зуҳурот ва ҷузъҳои таркибии фарҳанг баррасӣ мешаванд.

Ҷомеашиноси маъруф Парсонс оид ба диалектикаи низомҳои фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ мулоҳиза ронда, қайд кардааст, ки гарчанде «ҳама ҷомеаҳои инсонӣ “фарҳангӣ ҳастанд”, ва доштани фарҳанг меъёри ҷудонопазири ҷомеаи инсонӣ мебошад», «гарчанде фарҳанг барои ҷомеа аз ҷиҳати эмпирикӣ бунёдӣ мебошад, аз дидгоҳи назариявӣ онҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Низоми фарҳанг сатҳи дигари абстрактистӣ мебошад... Низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ низоми стандартҳои фарҳангӣ набуда, он бо онҳо тавре ҳамкорӣ мекунад, ки бо шароити физикӣ ва биологӣ мекунад”.[10.39] Ба ақидаи ӯ, вазифаи фарҳанг дар ҷомеа ба нигоҳ доштани намунаҳои назарраси институтсионалӣ нигаронида шудааст.Талаботи асосии функсионалӣ байни ҷомеа ва низоми фарҳангӣ қонунигардонии тартиботу меёрҳои ҷамъиятӣ мебошад. Он бо намунаҳои фарҳангии арзишманд таъмин карда мешавад. [10.115] Дар ин асос, агар дар бораи нақши ғояҳо дар нигоҳдории тартиботи иҷтимоиву иқтисодӣ ҳарф зада шавад, пас фарҳангро ҳамчун идеология ё соҳаи идологӣ тасаввур кардан мумкин аст. Зеро маҳз идеологияи мавҷуда дар ҷомеа намунаҳои назарраси рафтор ва меъёрҳоеро, ки бояд дастгирӣ шаванд, муайян мекунад.

Соҳаи идеологиро аз қабили зернизомҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа ҳам аз ҷиҳати мазмунӣ, ҳам функсионалӣ аз дигар соҳаҳои ҷомеа ҷудо кардан мумкин аст. Соҳаи ташаккулёфтаи томи идеологӣ ба ҳамгироии низомии ҷомеа мусоидат менамояд, зеро оқилонасозии амали сохтори мавҷудаи сиёсиву иқтисодӣ ва инчунин ташаккули низомҳои муносиби арзишҳое, ки аз ҷониби аксарияти аҳолӣ қабул карда мешаванд, вазифаи асосии идеология маҳсуб меёбад. Дар ҳолати мазкур намунаҳои институтсионалии арзишӣ дар шакли «тасаввуроти дастаҷамъӣ» ташаккул меёбанд, ки навъи матлуби низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро муқаррар мекунанд. Дар пояи ин тасаввурот аъзои ҷомеа дар раванди татбиқи худ роҳнамоӣ мешаванд. Сатҳи худкифоягии ҷомеа аз дараҷаи қонунигардонии ниҳодҳои ҷомеа вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, фарқгузории иқтисодиёт, сиёсат ва идеология ба сифати зернизомҳои асосӣ, ҳамгирокунандаи ҷомеа комилан муносиб ва саҳеҳ ба назар мерасад. Дар ҳамкории диалектикии онҳо ҳар яке аз ин зернизомҳо вазифаҳои мушаххаси худро иҷро мекунанд. Дар натиҷаи ин дар ҳаёт мондан ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷомеа дар маҷмӯъ ҳамчун чизи томи ягона таъмин мегардад, ки ҳамчун маҷмӯи ниҳодҳои бунёдӣ ё ҳастаи институтсионалии ҷомеа амал мекунад. Вазифаи зернизоми иқтисодӣ истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо барои фаъолияти ҳаёти ҷомеа буда, вазифаи сиёсат ба таъмини муттаҳидии қувваҳои иҷтимоӣ нигаронида шуда, вазифаи идеология бошад, аз таъмини ҳамгироии аъзои ҷомеа, субъектҳои хоҷагидор дар асоси умумияти арзишҳо ва меъёрҳои даркшавандаи рафтор иборат мебошад.

Маҳз тасаввурот дар бораи сегонаи ҷудонопазири ҷомеа постулати сеюмро, ки асосҳои ташаккул ва рушди назарияи матритсаҳои институтсионалиро муайян мекунад, ташкил медиҳад. Ғояи сегонагӣ яке аз ғояҳои қадимтарин, вале ҳамзамон муосиртарин маҳсуб меёбад, ки тибқи он ташкилоти сегона (бадан, ақл ва рӯҳ) олами ҷисмонӣ, инсонӣ ва илоҳиро дар бар мегирад. Ҷамъияти инсонӣ ба ин монанд аст:

- ба сатҳи аввал, ҷисмонӣ ё сатҳи бадан зернизоми иқтисодӣ мувофиқат мекунад, ки дар он таҷдиди моддии ҳаёти иҷтимоӣ, фаъолияти иқтисодӣ таъмин карда мешавад;

- ба сатҳи дуюм – сатҳи ақл, соҳаи сиёсат, ҳокимияти давлатӣ, ки вазифаи он ташкили оқилона ва ба тартиб даровардани қувваҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, мувофиқат мекунад;

- сатҳи сеюм – рӯҳи инсонро дар ғояҳои дар ҷомеа ҳукмфармо ифода кардан мумкин аст, ки арзишҳо ва самтҳои асосии рушди тамоми соҳаҳои ҷомеаро муқаррар мекунанд.

Ҳамин тавр, баррасии зернизомҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ – идеологӣ ҳамчун соҳаҳои аз ҷиҳати диалектикӣ ба ҳам алоқаманди ҷомеаи ягона ба рушди ғояи тартиби умумӣ, ва ба ин васила ба таъмини шароити мавҷудияти низоми иҷтимоиву иқтисодӣ ба сифати як чизи том мусоидат менамояд. Ҳамзамон, тасаввурот дар бораи сохтори низоми иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа дақиқ карда мешавад, ки имкон медиҳад ниҳодҳои бунёдие муайян ва омӯхта шаванд, ки фаъолияти ҳар яке аз ин низомҳоро ба танзим медарорад.

**Адабиёт:**


1. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с 40*
2. *Валлерштайн И. Анализ мировых систем: современное системное видение мирового сообщества// Социология на пороге XXI века: Новые направления исследований. - М.: Интеллект, 1998. с. 134*
3. *Веблен Т. Теория праздного класса. – М.: Прогресс, 1984. с. 188*
4. *Каюмов Н.К.Экономические реформы в РТ: история, последствия и уроки//, Экономика Таджикистан: стратегия развитие, №4 2006 г. С 13-21*
5. *Мирсаидов А.Б. Институциональная системаобщественного сектора экономики// Экономика Таджикистан, 2014, № 1-2, С 32-45*
6. *Мирсаидов А.Б. Социально – культурные факторы экономического роста// Вестник ТГУ ПБП, 2009, № 1 с.42-53;*
7. *Мирсаидов А.Б. Институциональная система общественного сектора экономики// Экономика Таджикистан, 2014, № 1-2, С 32-45*
8. *Мирсаидов А.Б. Развитие институциональной структуры экономики Республики Таджикистана// Экономика Таджикистан, 2016, № 2-3, С 46-59*
9. *Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. – М.: Фонд экономической книги «Начала», 1997 с. 344.*
10. *Парсонс Т. Система современных обществ. – М.: Аспект Пресс, 1998. с. 13, 39-50*
11. *Саидмуродов Х.М. О концепции историко-экономической науки// Экономика Таджикистан: стратегия развитие № 1, 1999, с 34-41*
12. *St. Thomas Aquinas. Decem libros ethicorum. – Bk 1, sect. 1; Summa theologise. IIa, IIae, q. 58, q. 47, 11.*

**Мирсаидов А.Б.,**
**Мирсаидов Ф.А.**

# ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОГО ПОДХОДА В ИССЛЕДОВАНИЯХ НАУЧНЫХ ПРОБЛЕМ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

**Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана,**
**Институт туризма и предпринимательства Таджикистанай**

*В статье рассматриваются вопросы уровня институциональных исследований и их влияние в направлениях и уровнях развития экномических парадигм и консепции социально-экономического развития страны. Уточнено, что в республике наблюдается стремление разработки институциональной концепции социально-экономического развития республики, теоретические и эмперические исследования социальных и экономических институтов, которые определяют основу устойчивого развития исторически сложившихся социально-экономических отношений. Обосновано, что в отечественной экономической литературе наблюдается процесс расширения цивилизованного подхода к анализу инстиуциональной основы развития социально-экономических систем, который исходит из восточного типа цивилизации, а также выявлено, что в республике формируется научная социально-экономическая школа, которая определяет траекторию институциональной теории экономического развития, прежде всего, наблюдается экономическая теория редистрибутивной экономики.*

***Ключевие слова:*** *социально-экономическая система, национальная экономика, экономическая социология, институциональная матрица, институциональная структура, экономические парадигмы, редистрибутивная экономика и тд.*

**Mirsaidov A.B.,**
**Mirsaidov F.A.**

# FORMATION OF INSTITUTIONAL APPROACH IN RESEARCHING SCIENTIFIC PROBLEMS OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT TAJIKISTAN

**Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan**
**Institute of tourism and entrepreneurship of Tajikistan**

*Authors examines the issues of the level of institutional research and their influence in the directions and levels of development of economic paradigms and the concept of the country's socio-economic development in this article. It was clarified that in the republic there is a desire to develop an institutional concept of the socio-economic development of the republic, theoretical and empirical studies of social and economic institutions that determine the basis for the sustainable development of historically established socio-economic relations. It is substantiated that in the domestic economic literature there is a process of expanding the civilized approach to the analysis of the institutional basis for the development of socio-economic systems, which proceeds from the eastern type of civilization, and it is also revealed that a scientific socio-economic school is being formed in the republic, which determines the trajectory of the institutional theory of economic development , first of all, the economic theory of the redistributive economy is observed.*

***Keywords:*** *socio-economic system, national economy, economic sociology, institutional matrix, institutional structure, economic paradigms, redistributive economy, etc.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***
***Мирсаидов А.Б.*** *- д.и.и., профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. Суроға: 734024 ш.. Душанбе, х. Айнӣ, 44. Тел. (992 37) 221-67-50, факс (992 37) 221-57-65, e-mail: eco_institute@rambler.ru*
***Мирсаидов Ф.А.*** *– номзади илмҳои сиёсӣ, декани факультаи сайёҳии Донишкадаи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Адрес: 734049, ш.. Душанбе, х. Ҷ. Расулов х. 57, у.26 Тел: +( 992) 927050010.*

**УДК 330.322:338.2(575.3)** **Бабаджанов Р.М.**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕТОДИКИ СОСТАВЛЕНИЯ ПЛАНА МЕРОПРИЯТИЙ ПРОГРАММЫ СРЕДНЕСРОЧНОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В статье анализируются механизм разработки Программ среднесрочного развития Республики Таджикистан и опыт их практической реализации в рамках Национальных Стратегий Развития страны, включая порядок разработки программ социально-экономического развития местностей. Особое внимание уделяется основному разделу этих программ – Плану мероприятий, и его элементам.*

*С учетом опыта работы автора по разработке этих документов, а также мониторинга и оценки их реализации, даются обоснованные рекомендации по совершенствованию методики составления Плана мероприятий Программ развития Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *стратегии и программы развития, разработка, план мероприятий, финансирование мероприятий, вклад частного сектора и других участников, партнеры по развитию.*

Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, утвержденная Правительством Республики Таджикистан и Маджлиси Намояндагон (Маджлиси Оли) Республики Таджикистан, разработана на основе положений Конституции Республики Таджикистан, Закона Республики Таджикистан «О государственных прогнозах, концепциях, стратегиях и программах социально-экономического развития Республики Таджикистан» [1] и в соответствии с долгосрочными целями и приоритетами развития страны, указанными в посланиях Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона в посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан [2, 5]. В целом, данный документ выступает как директивный план действий для всех органов государственного управления и индикативный план действий для частного сектора и гражданского общества, и на нем будут основываться программы технической и финансовой помощи стране.

При этом основной целью мониторинга и оценки (МиО) является продолжение и углубление обеспечения независимых и прозрачных, направленных на достижение конечных результатов, процессов реализации мероприятий по достижению целей и задач НСР-2030 [2,100].

Также в Программе среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы отмечается, что «*необходимо улучшить условия и качество жизни людей посредством расширения реализации «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года» по отношению к сегодняшнему дню, поскольку каждый гражданин страны заслуживает достойной и мирной жизни»* [8, 2]. Для этого должны быть усилены меры по обеспечению устойчивого экономического роста, координации макроэкономической политики, предотвращению негативного воздействия внешних факторов, диверсификации внутреннего производства и национальной экономики в целом, повышению ее конкурентоспособности и эффективного использования внутренних источников экономического роста. Поэтому ПСР 2021-2025 разработана с учетом достижений социально-экономического развития страны за последние годы и накопленного опыта индикативного национального планирования. Программа продолжает курс на последовательный рост благосостояния населения посредством эффективного использования национальных ресурсов и возможностей с учетом новых глобальных тенденций и вызовов для Таджикистана.

Очевидно, что достижение целей, направленных на решение тех или иных конкретных проблем, невозможно без тщательного планирования процесса ее выполнения. Поэтому Система мониторинга и оценки (МиО) ПСР 2021-2025 построена

таким образом, чтобы обеспечить достижение установленных целей путем координации деятельности государственных институтов страны, мобилизации внутренних и внешних финансовых ресурсов, их оптимального и эффективного использования на основе вовлечения всех заинтересованных сторон, включая партнеров по развитию, в реализацию Программы.

Система МиО ПСР 2021-2025 предназначена для отслеживания прогресса в деле достижения целей, выявления накопленного положительного опыта и имеющихся проблем реализации НСР-2030, анализа процессов развития в рамках самой Программы и выработки обоснованных предложений по корректировке политики в области реализации целей, направленных на повышение ее эффективности. Система МиО позволяет обеспечить тесную и непрерывную обратную связь между принимаемыми политическими решениями и результатами их практической реализации, прозрачность и подотчетность в деятельности институтов, связанных с выполнением поставленных задач.

**Система индикаторов ПСР 2021-2025.** Для измерения прогресса страны на пути продвижения к поставленным целям используется система индикаторов, позволяющая отслеживать эффективность и результативность мер политики, заложенных в ПСР 2021-2025[1].

В целях этого, Правительство Республики Таджикистан и Совет Национального Развития при Президенте Республики Таджикистан приняли ряд основополагающих документов, реализация которых должна обеспечить эффективное выполнение поставленных целей и задач развития, прежде всего, – это: Правила проведения мониторинга и оценки реализации Стратегических документов национального уровня, отраслевых и региональных программ развития в Республике Таджикистан (утверждены Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 29 декабря 2018 года, № 615); Положение о Совете Национального Развития при Президенте Республики Таджикистан (утверждено Указом Президента Республики Таджикистан от 15 июля 2019 года, №1282), и Порядок разработки программ социально-экономического развития местностей (утвержден Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 02 мая 2019 года, № 181).

Иными словами, соответствующая институциональная база для разработки, реализации, мониторинга и оценки Стратегий и Программ национального развития разработана.

В то же время, Обзор реализации Программы среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы [7; 9], в котором автор принимал участие, а также завершающий первый год реализации ПСР 2021-2025, показывают, как нам представляется, что порядок разработки Программ социально-экономического развития местностей, а также форматирование Плана мероприятий (матрицы действий) ПСР 2021-2025, а также других последующих Программ развития (как на страновом, так и на отраслевом и региональном уровнях) нуждаются в некоторой корректировке и совершенствовании.

В Порядке разработки программ социально-экономического развития местностей, утвержденном Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 2 мая 2019 года, № 181, в разделе 3 «Основные принципы и задачи по разработке программ развития и их сроки» отмечается, что «Процесс разработки программ развития осуществляется на основе следующих принципов: … полное и комплексное обеспечение программ социально-экономического развития местностей, охватывающих все национальные программы и мероприятия на республиканском уровне, финансируются

[1] Система индикаторов Программы – это упорядоченная совокупность взаимосвязанных индикаторов (показателей), характеризующих достижение установленных целевых значений. МиО Программы осуществляется на основе значений индикаторов (целевых величин) и реализуемых мероприятий в рамках Матрицы действий (Плана мероприятий) Программы, как для страны в целом, так и (когда это возможно и уместно) с разбивкой по регионам, по гендерным, экологическим и иным признакам, с выделением отдельных особо уязвимых групп населения.

за счет государственного бюджета, партнеров по развитию, общественные организации, отечественных и зарубежных инвесторов… [6, 4]. Здесь же [6, 6], в основных задачах при разработке программ развития, отмечается, что они состоят из «… повышение роли и инициатив гражданского общества в данном направлении и увеличение объема местных инвестиций, которые привлекаются для развития и решения социально-экономических проблем». Хорошая задача, и включение общественных организаций в перечень финансируемых субъектов – положительный момент, но он никак не отражен ни в самих Программах развития, ни в Планах мероприятий. И что имеется в виду под «отечественными и зарубежными инвесторами»? – Правительство и доноры также являются инвесторами. Частный сектор? В таком случае надо выделить его особо.

Рассмотрим формат Плана мероприятий (Матрицы действий) ПСР 2021-2025.

| **План мероприятий**<br>по реализации Программы среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № | Цели, задачи, мероприятия (Activities) | Индикаторы воздействия, целей и задач (Indicators) | Базовый показатель (baseline) (2019 г.) | Целевое значение индикатора (Target)/ X- Срок исполнения мероприятий | | | | | Потребность в финансировании (млн. сомони) (Input) | Финансовые ресурсы (Cost share) | | | Ответственный | Партнеры по развитию |
| | | | | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | | Правительство | Доноры | Частный сектор | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |

И в НСР-2030, и в ПСР 2016-2020 и ПСР 2021-2025 (в разделах «Система мониторинга и оценки»), и в Правилах проведения мониторинга и оценки… особо выделяются индикаторы воздействия, но в самом Плане мероприятий (столбец 3) под этими индикаторами, в основном, имеются ввиду индикаторы результатов.

Если в Главе 1 Правил… подробно описываются индикаторы воздействия [4, 4], то в Главе 2 (п.6) Правил… индикаторы воздействия вообще не упоминаются [4, 5-6].

В Главе 8. Правил… говорится: «48. Во всех отраслевых и территориальных органах управления будут определены ответственные структуры и лица, отвечающие и координирующие проведение мониторинга и оценки в своих ведомствах, обобщающие информацию, а также подготавливающие отчёты о реализации Программы и Целей для предоставления (после утверждения руководством) в уполномоченный орган» [4, 28]. Несмотря на то, что эти правила были утверждены 3 года назад, данный пункт до сих пор не выполнен. Также до сих пор не разработан Формат Отчета по оценке Воздействия на социально-экономическое развитие страны.

Правильными и вполне обоснованными являются предусмотренные Правилами… выделение в параграфе 2 «Задачи мониторинга и оценки национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», в частности «определить степень участия всех заинтересованных сторон в реализации Стратегии» [4, 8]. Но почему до сих пор не сформулирована и не принята методика определения Финансовых ресурсов (Cost share) трех партнеров, финансирующих и реализующих мероприятия ПСР на всех уровнях: Правительство, Доноры; Частный сектор (столбцы 11, 12 и 13 Плана мероприятий)?

Наш опыт показывает[2], что после определения Потребности в финансировании (млн. сомони) (Input) - столбец 10, выявляются средства Правительства, затем – подтвержденные средства, выделяемые международными Партнерами по развитию, а всю недостающую сумму записывают на частный сектор. Но опять же возникают вопросы методического характера:

1. Почему не выделены вклады Организаций Гражданского Общества и самого населения, которые реально имеют место и являются очень весомыми?

[2] Автор принимал участие в разработке НСР-2015, ССБ 2007-2009, НСР-2030, ПСР 2016-2020 и ПСР 2021-2025.

К примеру, население за счет своих собственных средств[3] финансирует расходы дошкольного, школьного, начального и среднего профессионально-технического и высшего образования (услуги частных детских садов, школ, лицеев, колледжей и высших учебных заведений /договорные группы/), а также большое количество услуг здравоохранения.

Помимо этого (начиная с середины 90-х годов прошлого века), Проекты международных организаций, реализуемые в Таджикистане по соглашениям с Правительством Республики Таджикистан (а также его отраслевыми и территориальными структурами), обязательно предусматривают партнерский вклад общин (от 10% до 50%) в реализацию Проектов – в денежной, натуральной (строительные материалы, организация питания и временного проживания) и трудовой форме[4].

Так почему эти затраты нельзя отнести к финансированию тех или иных мероприятий в соответствующих отраслях социально-экономической структуры государства?

2. Что имеется ввиду под «Правительством»? При наличии 2-х уровневого Государственного бюджета (Республиканский и Местный) желательно четко знать (особенного для Региональных Программ Развития) какова доля для каждого из уровней бюджета в общем объёме финансирования. Безусловно, в дотационных регионах практически все затраты несет республиканский бюджет, но у нас в республике есть и бюджетно-формирующие территориально-административные образования.

3. Доноры: несовпадение календарных сроков Финансового года республики и большинства международных организаций часто приводит к тому, что предложенное финансирование по различным причинам – не выделяется, или же наоборот, появляется дополнительное финансирование в периоды после принятия ПСР (пример – Рамочная Программа сотрудничества по устойчивому развитию на 2023-2026 годы между Правительством Республики Таджикистан и системой ООН, в процессе Разработки которой только в 2022 году будут определены возможные объемы финансирования).

4. Особый вопрос вызывает достоверность определения вклада частного сектора. Часто можно услышать, что в условиях рыночных отношений государство не имеет права указывать частному сектору (столбец 13 Плана мероприятий), сколько средств он должен внести в реализацию тех или иных мероприятий Плана действий. И это правильно.

Но проблема в другом, и она решается, на наш взгляд, достаточно просто:

Ни один предприниматель не может официально начать какое-либо дело (в промышленности, сельском хозяйстве, строительстве, в социальном сектор) без разрешения органов государственной исполнительной власти на местах. Следовательно, в каждом Хукумате есть информация о предлагаемых финансовых средствах, она должна быть собрана и внесена в План мероприятий ПСР конкретного региона.

После завершения своего Проекта предприниматели официально сдают их (объекты, мероприятия) представителям местных Хукуматов и представителям Общественности – это есть фактическое финансирование регионального ПСР, которое необходимо для проведения завершающей оценки.

Безусловно, не может быть гарантии абсолютного учета всех затрачиваемых частным сектором средств (например, учет расходуемых средств на благотворительность и т.д.), но в любом случае можно добиться получения более полной и реальной информации.

[3] Мы имеем ввиду только официальные платежи

[4] Мы здесь не говорим о повсеместно распространенной форме совместного участия населения в строительстве жилых домов, обустройстве территорий, прокладке питьевых и оросительных каналов методом хашара, которые также (в пересчете на финансовые средства) являются весьма значительными.

В этой связи мы предлагаем:

1. Обеспечить безусловное выполнение положений, принятых и утвержденных нормативно-правовых документов.
2. Четко определить – что подразумевается под индикаторами воздействия и разработать методику их расчета, а также сбора информации по ним.
3. Внести изменения в Порядок разработки программ социально-экономического развития местностей касательно конкретизации места и роли всех субъектов, участвующих в финансировании мероприятий Национальных Программ развития страны и ее регионов.
4. Разработать Формат Отчета по оценке Воздействия Стратегий и Программ развития всех уровней на социально-экономическое развитие страны.
5. Конкретизировать источники финансирования в Плане мероприятий (Правительство, доноры, частный сектор) и дополнить их реально существующими элементами.

Очевидно, что совершенствование рассматриваемой нами методики и ее применение позволят определить фактических партнеров реализации программ развития на всех уровнях, а также выявить реальный вклад Республики Таджикистан в финансирование Национальных и региональных Стратегий и Программ развития.

**Литература:**


1. *Закон Республики Таджикистан «О государственных прогнозах, концепциях, стратегиях и программах социально-экономического развития Республики Таджикистан» - Закон РТ от 26.12.11г., №781.*
2. *Национальная Стратегия Развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016г.*
3. *Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы. – Душанбе, 2016г.*
4. *Правила проведения мониторинга и оценки реализации Стратегических документов национального уровня, отраслевых и региональных программ развития в Республике Таджикистан // Утверждены постановлением Правительства Республики Таджикистан от «29» декабря 2018 года, № 615.*
5. *Положение о Совете Национального Развития при Президенте Республики Таджикистан // Утверждено указом Президента Республики Таджикистан от «15» июля 2019 года, №1282.*
6. *Порядок разработки программ социально-экономического развития местностей // Утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан от «02» мая 2019 года, № 181.*
7. *Обзор реализации Программы среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы. – Душанбе, 2020г.*
8. *Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы. – Душанбе, 2021г.*
9. *Бабаджанов Р.М. Результаты реализации Программы среднесрочного развития Республики Таджикистан. Их влияние на предпринимательство и человеческое развитие // Сборник научных статей Круглого Стола «Современные проблемы и перспективы развития экономики Республики Таджикистан» - РТСУ, кафедра экономики предприятий и предпринимательства, Душанбе, 31 марта 2020г. – Душанбе: РТСУ, 2020, с. 74-77.*

**Бабаджанов Р.М.**

# ТАКМИЛ КАРДАНИ ТАРТИБИ ТАҲИЯИ НАҚШАҲОИ ТАЪДИРҲО БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақола механизми таҳияи Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи татбиқи амалии онҳо дар доираи Стратегияи миллии рушди кишвар, аз ҷумла тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо таҳлил гардидааст. Ба фасли асосии ин барномаҳо — Накшаи чорабиниҳо ва унсурҳои он диққати махсус дода мешавад.*

*Бо дарназардошти таҷрибаи муаллиф дар таҳияи ин ҳуҷҷатҳо, инчунин мониторинг ва арзёбии иҷрои онҳо оид ба такмили методикаи тартиб додани Нақшаи чорабиниҳои Барномаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои асоснок дода шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *стратегияҳо ва барномаҳои рушд, таҳия, нақшаи амал, маблағгузории чорабиниҳо, саҳмҳои бахши хусусӣ ва дигар иштирокчиён, шарикони рушд.*

**Babajanov R.M.**

# IMPROVING THE METHODOLOGY FOR PREPARING THE ACTION PLAN OF THE PROGRAM OF MEDIUM-TERM DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Institute of economics and demography**
**of the National academy of sciences of Tajikistan**

*Author in this article analyzes the mechanism for the development of Medium-Term Development Programs of the Republic of Tajikistan and the experience of their practical implementation within the framework of the National Development Strategies of the country, including the procedure for developing programs for the socio-economic development of localities. Particular attention is paid to the main section of these programs - the Action Plan, and its elements.*

*Taking into account the author's experience in the development of these documents, as well as monitoring and evaluating their implementation, substantiated recommendations are given for improving the methodology for drawing up an Action Plan for the Development Programs of the Republic of Tajikistan.*

**Key words:** *development strategies and programs, development, action plan, financing of events, contributions from the private sector and other participants, development partners.*

***Сведения об авторе:***

***Бабаджанов Рустам Мирзоевич*** *– зав.отделом «Институциональные исследования» ИЭД НАНТ, к.э.н., доцент, член-корр. Инженерной Академии Таджикистана.*

*Адрес: 734024Таджикистан, г.Душанбе, ул.Айни, 44. Тел:/Факс+ 992 (37) 227 51 57; Э-почта: barumi@mail.ru*

УДК 331.5(575.3) Ризоқулов Т.Р.

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТНОКИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

*Дар мақола зарурати таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири пешӯинашавандаи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ асоснок карда шудааст. Дар мақола истифодаи равишҳои гуногуни методологӣ дар баҳодиҳии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ омӯхта мавриди назар қарор дода шуда, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди иқтисодиёти миллӣ ва рейтинги ҷаҳонӣ дар шароити рақобатпазирии кишвар таҳлил мегардад.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *рақобатпазирӣ, таълимоти назариявии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, равишҳои методологии баҳодиҳии рақобат, индекси рақобатпазирии ҷаҳонӣ, индекси фаъолияти соҳибкорӣ, ҳосилнокӣ, навоварӣ, рушди технологӣ, рейтинги рақобат.*

Марҳилаи имрӯзаи тараққиёти иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти паҳншавии оқибатҳои манфии пандемияи Covid-19, афзоиши рақобат дар байни мамлакатҳои дунё барои захираҳо, шиддатнокии манфиатҳои геосиёсии давлатҳои абарқудрат, зарурати таъмини рақобатпазирии ҳар як давлатро ба миён меорад. Аз ҷумла дар Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими ҳокимияти сиёсии иқтисодӣ ва барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бояд ҳама корҳои имконпазир анҷом дода шавад, зеро маҳз рақобатпазирӣ мақом, ҷой ва нақши ҳар як давлатро дар иқтисоди ҷаҳонӣ муайян мекунад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳамаи кишварҳои пасошӯравӣ, алалхусус Тоҷикистон кӯшиш намуда истодааст, ки рақобатпазирии худро таъмин намоянд ва ба ин васила дар фазои ҷаҳонӣ мақоми сазовор гирад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи бартарияти муносибатҳои бозорӣ сатҳи рақобатпазирии миллӣ дар афзоиши некӯаҳволии аҳолӣ, қобилияти тобоварӣ ба ҳолатҳои бӯҳронӣ, дахлнопазирии кишвар аз таҳдидҳои беруна, афзоиши потенсиали содиротӣ ва рушди истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда зоҳир мегардад. Дар ин хусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1,5] (22.12.2017) таъкид карданд, ки нуктаи асосӣ дар Стратегияи рушди дарозмуддат ин индустриализатсияи минбаъдаи кишвар мебошад ва он бе истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ғайриимкон аст. Бо назардошти иҷрои вазифаҳои аз ҷониби роҳбари давлат гузошташуда ва дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайяншуда дар кишвар барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ чораҳои мушаххас андешида шуда истодааст.

Маврид ба зикр аст, ки солҳои охир дар мақомотҳои идоракунандаи аксари мамлакатҳои ҷаҳон комиссияи махсус ҷиҳати таҳлили рақобатпазирии иқтисодиёти дар сатҳи макро таъсис дода шудааст, ки барои таҳлил ва такмили чораҳои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда андешида мешавад. Аз ҷумла, дар ИМА соли 1986 Шӯрои сиёсати рақобатпазирии назди Президенти ИМА таъсис дода шуд, ки ҳадафи ин ниҳод баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ бо пешниҳоди молу хизматрасониҳои ҷавобгӯ ба бозори байналмилалӣ мебошад [2].

Дигар давлатҳо низ чунин сиёсатро пеш гирифтаанд. Масалан, ҳукумати Британияи Кабир барои беҳтар кардани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ тавассути ташкили «иқтисодиёти инноватсионӣ» чораҳо андешидаанд [3]. Дар оғози ҳазорсолаи нав давлатҳои Иттиҳоди Аврупо Эъломияи Лиссабонро қабул карданд ва дар он гуфта мешавад, ки «Иқтисодиёти Иттиҳоди Аврупо дар қаламрави ҷаҳон бояд аз ҳама рақобатпазир ва дар зинаи илму дониш асосёфта табдил ёбад. Дар навбати худ бояд ба рушди устувори иқтисодӣ тавассути ташкили ҷойҳои кории босифати холӣ ва дараҷаи баланди иҷтимоиёт қодир бошад» [3].

Дар адабиёти иқтисодӣ таҳқиқоти зиёде ба асосҳои назариявии рақобатпазирии иқтисодиёт андешаҳое мавҷуданд, ки баъзеи онҳо дар ҷадвали 1 оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.**

**Таълимоти назариявӣ оид ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ**

| |
|---|
| **Назарияи афзалияти мутлақ (А. Смит ва дигарон)** |
| *Омилҳои истеҳсолот: замин, сармоя, захираҳои табиӣ ва меҳнат афзалияти мутлақи давлатро дар таъмини рақобатпазирии кишвар дар заминаи татбиқи иқтисодиёти кушод муайян мекунанд.* |
| **Назарияи афзалияти муқоисавӣ (Д. Рикардо)** |
| *Давлат метавонад ҳамчун афзалияти муқоисавӣ дар истеҳсолот ягон маҳсулотро пешниҳод намояд ва аз ин тариқи иваз ба дигар молҳо бартариро ба даст орад.* |
| **Назарияи омилтаъминкунанда (назарияи Хекшер-Олин)** |
| *Фаровонии захираҳои муайян дар мамлакат афзалияти иловагии рақобатӣ нисбат ба дигар давлатҳои ҷаҳонро таъмин менамояд.* |
| **Назарияи Майкл Портер** |
| *Дар бозори ҷаҳонӣ на худи давлатҳо рақобат мекунанд, балки ниҳодҳои алоҳидаи ин давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки талаботи тағйирёбандаи бозорро ба таври ҳадди аксар ба инобат гиранд ва стратегияро барои ба даст овардани мавқеи қавӣ дар бозори маҳсулот таҳия ва татбиқ намоянд.* |

Дар асоси фаҳмиши моҳияти назарияҳои овардашуда метавон хулосабарорӣ кард, ки ҳамаи онҳо рақобатпазирии иқтисодиётро бо табиат ва сохтори хароҷот пайваст мекунанд. Ба ибораи дигар, давлат метавонад дар мавриди рақобатпазирӣ маълумоти бисёр дошта бошад, агар имконияти баанҷомрасонии раванди такрористеҳсолотро бо хароҷоти камтарин нисбати дигар давлатҳоро дошта бошад.

Мавриди зикр аст, ки дар охири асри XX дар фазои ҷаҳонӣ, хусусан дар низоми сиёсиву иқтисодӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад, ки ба таркиби равандҳою падидаҳои он таъсир расонд. Масалан, захираҳои калони табиӣ чун шарти зарурии таъмини рақобатпазирии мамлакатҳо кам шуданд. Аз ин рӯ, давлатҳое, ки қаблан аз захираҳои табиӣ бой буданд ва қувваи кории арзон доштанду дар гузашта бартариҳои назарраси рақобатпазирӣ доштанд, мавқеи муфидро дар тиҷорати байналмилалӣ аз даст доданд. Дар ин замина нуктаи назари М. Портер доир ба доираи рақобатпазирӣ муҳим аст, зеро он исбот намудааст, ки некӯаҳволии аҳолӣ мерос набуда, балки натиҷаи заҳмати зиёди субъектҳои иқтисодӣ аст. Ин ақида тадриҷан дар амал васеъ паҳн шуда истодааст.

М. Портер пешниҳод мекунад, ки муқаррароти назарияи Д. Рикардо дар бораи афзалияти муқоисавӣ ба назарияи афзалияти рақобатпазирӣ иваз карда шавад.Чунки назарияи афзалияти муқоисавӣ муваффақият дар бозори ҷаҳониро бо баланд шудани истеҳсолнокӣ тахмин мекунад ва назарияи афзалияти рақобатпазирӣ муваффақияти давлатро дар рушди инноватсионӣ ва навсозии ширкатҳо мебинад.

Дар иқтисоди ҷаҳони муосир санҷида шудааст, ки пешравӣ дар рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ин аз дараҷаи рушди он вобаста аст. Аз ин рӯ, дар илми иқтисодӣ се зинаи рушд, ки дар форуми иқтисодии умумиҷаҳонӣ пешниҳод гардидаст, ҷудо менамоянд:

1. “Зинаи омилӣ” дар давлатҳое паҳн мешавад, ки аз ҳама дараҷаи пасти рушдро доранд ва барои онҳое, ки мобилизатсияи омилҳои асосии истеҳсолот (замин, ашёи хом, меҳнати бетахассус) шарти асосии рушди макроиқтисодӣ мебошад. Барои ин гуна давлатҳо нарх дороии асосӣ дар рақобатпазирии умумиҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад ва асоси рушд ба зинаи дигар ин воридкунии технологияҳо тариқи импорт, сармояҳои мустақими хориҷӣ ва имитатсия мебошад.

2. “Зинаи инвеститсионӣ” ба давлатҳое тааллуқ дорад, ки дорои даромаднокии миёна мебошанд. Тараққиёт дар ин давлатҳо аз сармоягузорӣ ва рақобатпазирӣ тариқи истифодаи технологияҳои ҷаҳонӣ дар истеҳсолот вобаста аст.

Сармояҳои мустақими хориҷӣ, ташкилотҳои муштарак ва аутсорсингҳо имкон медиҳанд, ки иқтисодиёти миллӣ ба низоми умумиҷаҳонии истеҳсолот пайваст гардад. Дар ин зина бо мақсади баланд бардоштани ҷолибият, Ҳукумати давлат бояд ба инфрасохторҳои "ҷисмонӣ" (портҳо, телекоммуникатсия, роҳҳо) ва анбори ҳуқуқӣ (гумрук, андоз) диққати махсус диҳад, то ки пайвастшавии мукаммали иқтисодиёти миллиро бо иқтисоди ҷаҳонӣ таъмин намояд.

3. "Зинаи инноватсионӣ" ба давлатҳое тааллуқ дорад, ки дараҷаи баланди рушди иқтисодиро доро мебошанд ва гузаришро аз иқтисодиёти воридкунандаи технологияҳо ба иқтисодиёти истеҳсолкунандаи технологияҳо ба анҷом расонидаанд. Дар ин ҳолат алоқаи муҳим байни рақобатпазирӣ ва дараҷаи баланди маориф ва имконияти тез гузариш кардан ба технологияи нав мавҷуд аст.

Ин гузариш аз ҳама мушкилтарин ба ҳисоб меравад, чунки рушди дар навоварӣ асосёфта иштироки бевоситаи давлатро дар имтиёзҳои инноватсионӣ тариқи сармоягузориҳои хусусиву давлатӣ ба таҳқиқотҳову кашфиётҳои илмӣ, маърифати баланд, такмилдиҳии бозори сармоя ва низоми ҳуқуқӣ, ки таъсиси корхонаҳои нави бо технологияҳои муосир муҷаҳҳазонидашударо талаб мекунад.

Дар илми иқтисодии муосир якчанд усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яке аз онҳо дар ҳисоботи Форуми байналмилалии иқтисодӣ мавҷуд аст, ки ҳамасола расман чоп мегардад.

Байни олимон оид ба моҳияти рақобатпазирӣ ақидаи ягона мавҷуд нест, инчунин бобати баҳодиҳии он низ фикрҳои мухталиф вуҷуд дорад.[5, 189]. Аз ҳама равияи паҳншудатарин равияи дар Форуми байналмилалии иқтисодӣ истифодашаванда мебошад. Мувофиқи он ду гурӯҳ индексҳо ҳисоб карда мешавад, ки расман чоп мегарданд. Дар қатори ин равияҳо боз равияи аз тарафи олимони рус ва амрикоӣ (Е.Ясин [6, 4-32], М.Портер [7, 495]) пешниҳодшуда низ истифода мешавад. Муҳтавои ин усулҳо дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Равияҳои методӣ оид ба баҳодиҳии рақобатпазирӣ**

| **Индекси глобалии рақобатпазирӣ** | **Индекси фаъолияти кории рақобатпазирӣ** | **Баҳодиҳии рақобатпазирии Е. Ясин** | **Баҳодиҳии рақобатпазирии М.Портер** |
|---|---|---|---|
| Бо воситаи баҳодиҳии нишондиҳандаҳои зерин ҳисоб карда мешавад: | Дар асоси таҳлили индикаторҳои зерин муайян карда мешавад: | Дар асоси ҷудо намудани сифатҳои алоқамандии гурӯҳҳо баҳо дода мешавад, ки ба онҳо тааллуқ доранд: | Ҳамчун индикатори умумии аз сохторҳои зерин иборатбуда баҳо дода мешавад: |
| ✓ самаранокии бозор<br>✓ тандурустӣ<br>✓ маориф<br>✓ омодагии технологӣ<br>✓ навоварӣ<br>✓ инфрасохтор | ✓ ҳолати фазои корӣ<br>✓ шароитҳои макроиқтисодии роҳбарӣ<br>✓ амалиётҳои стратегии ташкилотҳо | ✓ захиравӣ<br>✓ дохилӣ<br>✓ институтӣ<br>✓ берунӣ | ✓ рақобатпазирии маҳсулот<br>✓ рақобатпазирии ташкилотҳо<br>✓ рақобатпазирии соҳаҳо<br>✓ рақобатпазирии минтақаҳо |

Бо оғози ҳазорсолаи нав, камшавии захираҳои табиӣ ҳарчӣ бештар возеҳ гардида истодааст ва бинобар ин афзоиши мухолифоти геосиёсӣ байни давлатҳои абарқудрат, инчунин бад шудани вазъи экологӣ дар сайёра ба миён омадааст. Аз ин нуктаи назар, афзоиши рақобатпазирии миллӣ боиси нигаронии давлатҳои тараққикарда ва ҳам тараққикардаистода шуда истодааст ва ин масъала бояд дар маркази таҳияву татбиқи

сиёсати иқтисодии ҳар як мамлакати ҷаҳон қарор гирад. Вақте ки дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон тағйиротҳои динамикӣ бо тақвияти равандҳои ҳамгироӣ, рушди босуръати пешрафти илмӣ-техникӣ ва либерализатсияи бозорҳо ба миён меояд, рақобат байни давлатҳо барои беҳтаргардонии шароити иқтисодӣ шадидтар мегардад.

Имрӯз иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар байни иқтисодиёти рақобатпазири ҷаҳон дохил кардан мумкин нест, аммо барои он заминаҳои хуб мавҷуданд. Дар Индекси глобалии рақобатпазирӣ, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ ҳисоб карда мешавад, Тоҷикистон дар соли 2019 дар байни 141 давлат дар мақоми 104 қарор гирифт [8, 542].

Сатҳи рақобатпазирии миллӣ дар муҳтавои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла дар ҳаҷми умумии маҳсулот, нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ, некӯаҳволии аҳолӣ, дараҷаи муқовимати иқтисодӣ бо таҳдидҳои беруна, омодагӣ ба амалиётҳои манфӣ, афзоиши иқтидори содирот ва афзоиши рейтинги давлат дар иқтисоди ҷаҳонӣ нишон дода мешавад.

Арзиши мусбии нишондиҳандаҳое, ки рушди иқтисодиёти мамлакат ва афзоиши некӯаҳволии аҳолии давлатро вобаста ба сиёсати моҳиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф менамояд, ба мо имкон медиҳад, ки мавқеи рақобатпизирии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ изҳор намоем. Инро бо далели дастовардҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ тасдиқ намудан мумкин аст. Дар байни онҳо, пеш аз ҳама, метавон ба афзоиши мунтазами ҳаҷми ММД ишора намуд. Воқеан, ба туфайли гузаштан ба марҳилаи эҷодӣ ҳаҷми ММД дар 20 соли охир ба таври мутлақ тамоюли доимии афзоиш ва рушдро дорад (расми 1).




**Расми 1. ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2020 (млрд сомонӣ)**
*Сарчашма: Муаллиф тартиб додааст [9, 196-206].*

Дар соли 2020 ММД ба ҳар сари аҳолӣ 8788,9 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2000 30,4 маротиба ва нисбат ба соли 2010 2,6 маротиба зиёд аст [9, 196-206].

Ба туфайли татбиқи босамари стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба барқарорсозии иқтисодиёт ва таъмини рушди устувори он ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар қаламрави мамлакат мусоидат кардааст, ки дар расми 2 инъикос мегардад.




**Расми 2. Тамоюли пастшавии камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Маълумоти дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки сатҳи камбизоатӣ аз 81% дар соли 1999 то 20% дар соли 2020 коҳиш ёфтааст, ки ин як дастоварди назаррас дар беҳбудии некӯаҳволии моддии аҳолӣ мебошад. Ин натиҷаи пай дар пай афзудани даромади пулии аҳолӣ мебошад. Ҳаҷми умумии даромади пулии аҳолӣ дар соли 2020 нисбат ба солҳои 2000 ва 2010 мутаносибан 36,5 ва 3,3 маротиба афзоиш ёфтааст [9,27].

Бояд таъкид намуд, ки агар қаблан ҳангоми муайян кардани рақобатпазирии миллӣ ба дараҷаи таъминоти давлат бо захираҳо ва арзон будани онҳо таваҷҷӯҳи махсус дода мешуд, ҳоло муайянкунандагони асосӣ ин маҳсулнокӣ, навоварӣ ва рушди технологӣ мебошад.

Рейтинги рақобатпазирии Тоҷикистон дар муқоиса бо баъзе давлатҳои ИДМ, аз нуктаи назари мутахассисони созмонҳои байналмилалӣ мусбат нишон дода шудааст [8].

Тибқи маълумот Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ дар муқоиса бо давлатҳои ИДМ, ки дар [8] оварда шудааст, ҳарчанд тамоюли мусбӣ дорад, аммо дар сатҳи кофӣ нест ва нисбати баъзеи давлатҳо дар сатҳи миёна қарор дорад. Ин таъхирнопазирии мушкилотро исбот мекунад ва вазифаҳои навро дар назди мақомоти ваколатдор мегузорад, то барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат чораҳои муносиб андешанд.

Дар давраи дарозмуддат рақобатпазирии ҳар як мамлакат аз татбиқ ва ҷоринамоии навоварӣ боваста аст. Афзоиши фаъолияти инноватсионӣ зиёдшавии хароҷоти бахши хусусиро барои корҳои илми таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ (КИТТ), мавҷудияти институтҳои илмӣ-таҳқиқотии технологияҳои навро таҳиякунанда, роҳандозии фаъоли ҳамкорӣ байни донишгоҳҳо ва истеҳсолот, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳниро дар бар мегирад.

Беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ ба хотири баланд бардоштани фаъолияти соҳибкории аҳолӣ масъалаи стратегии баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Маълум аст, ки Бонки умумиҷаҳонӣ ҳар сол “Ҳисоботи пешбурди тиҷорат”-ро нашр мекунад, ки вазъи фазои тиҷоратро нишон медиҳад. Мувофиқи маълумотҳои ин омор, Тоҷикистон дар соли 20 аз рӯи фазои мусоиди пешбурди тиҷорат дар ҷойи 138 қарор дошт. Дар соли 2019 давлати мо мавқеи худро беҳтар кард ва дар байни 189 кишвар дар ҷои 126 қарор гирифтааст [10].

Маҳз ба туфайли ислоҳотҳои гузаронидашуда дар заминаи қабули низоми соддакардашудаи тиҷорат, Тоҷикистон мавқеи худро дар миқёси ҷаҳонӣ ба таври назаррас беҳтар намуд.

Дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон, вақте ки аксари субъектони хоҷагидор норасоии захираҳои молиявиро аз сар мегузаронанд, мавҷудияти захираҳои қарзӣ

барои ташаккули фазои мусоиди тиҷорат аҳамияти калон дорад. Тибқи ин гуфтаҳо, Тоҷикистон дар ҷойи 124-ум аст, ки аз сатҳи нисбатан пасти дастрасии қарздиҳӣ ба корхонаҳо шаҳодат медиҳад. Дар шароити муосир, бо мурури гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ, аз ҳама самаранок ва муҳимтарин ин тартиби андозбандӣ мебошад. Тоҷикистон, ки аз рӯи осонии пардохти андоз аз ҷониби корхонаҳо ва дигар субъектони соҳибкорӣ дар мақоми 136 қарор дорад, аз ҳамаи кишварҳои ИДМ ба истиснои Қирғизистон пасттар аст [10] аз рӯи маҷмааи муайянкунандаи рейтинги Бонки Ҷаҳонӣ (Doing business).

Дар давраи татбиқи ислоҳоти бозорӣ амалан дар ҳама бахшҳои воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат мушоҳида карда мешавад. Ин оқибати ақибмонии технологии истеҳсолот мебошад ва бартараф кардани он бо ҷорӣ намудани навовариҳо алоқаманд аст. Баамалдарории фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар қаноатбахш аст, зеро чунин меъёр ба монанди омодагии технологӣ, ки дараҷаи ҷорӣ намудани навтарин технологияҳои пешрафтаро дар истеҳсолот ба назар дорад, дар мамлакат ғайриқаноатбахш аст.

Ҷиҳати баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ дар корхонаҳои Тоҷикистон, ба андешаи мо, амалӣ намудани амалҳои зерин зарур аст:

1. Барпо намудани шаклҳои махсуси шарикии давлат ва тиҷорат дар робита бо ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ.
2. Дар сатҳи баланд таъмин намудани кафолати ҳифзи моликияти зеҳнӣ.
3. Инкишофи кооператсияҳои байналмилалии истеҳсолӣ.

Дар ин замина, самтҳои асосии ислоҳот, ки баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад, нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

Самти аввал - истеҳсолот дар системаи ниҳодҳои идоракунии давлатӣ. Дар ин ҷо ихтилоф вуҷуд дорад, ки аз як тараф дар табдилёбии давлатро ба муҳаррики асосии ислоҳот ва аз тарафи дигар қонунҳои рушди бозор коҳиши ширкати давлатро дар иқтисодиёт коҳиш доданӣ ҳастанд. Аз ин рӯ, дигаргуниҳои институтсионалӣ дар низоми танзими маъмурӣ бояд баланд бардоштани шаффофият, масъулият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва пешгирии коррупсия равона карда шаванд, зеро онҳо ба муваффақияти ислоҳоти дар ҷомеа татбиқшаванда шубҳа доранд.

Самти дуввум - рушди муассисаҳо барои фароҳам овардани фазои мусоиди тиҷорат аст, ки рушди бахши соҳибкориро дар иқтисодиёти миллӣ муайян мекунад.

Соҳаи сеюм ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ тавассути пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ мебошад.

Самти чорум рушди сармояи инсонӣ тавассути такмили фаъолияти бахшҳои маориф, тандурустӣ ва амнияти иҷтимоӣ мебошад. Дар ин ҷо таъмини аҳолӣ бо таҳсилоти босифат ва хизматрасонӣ ба хотири ҳифзи саломатии аҳолӣ аҳамият пайдо мекунад.

Самти панҷум кам кардани бори маъмурӣ ба соҳибкорон, рафъи монеаҳо барои ворид шудан ба тиҷорат ва ҳавасманд кардани муҳити рақобат дар иқтисоди миллӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ. – Душанбе; нашриёти "Шарқи озод", 2017. – С. 7.*

2. *www.compete.org – Официальный сайт Совета по политике конкурентоспособности США – (дата обращения 21.10.2020).*

3. *Вальтер Ж. Конкурентоспособность: общий подход – М.: Российско-Европейский центр экономической политики. – С. 46.*

4. *The Global Competitiveness Report 2011-2012. World Economic Forum. New York, Oxford University Press, 2012. P. 3-4.*

*5. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Пер. с англ. А.Н. Нестеренко. М.: Фонд экономической книги «Начало», 1997. -180 с.*

*6. Ясин Е. Конкурентоспособность и модернизация российской экономики // Вопросы экономики. 2004. №7. - С. 4–32.*

*7. Портер М. Конкуренция. - Санкт-Петербург; изд-во «Вильямс», 2000. - 495 с.*

*8. Klaus Schwab. World Economic Forum/ The Global Competitiveness Report 2019: insight report. – Geneva; 2019. – P. 542.*

*9. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе; Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2020. – С. 196-206.*

*10. Doing business 2019: Training for Reform // The World Bank Group flagship report – 16-th edition. Washington; 2019. – P. 5.*

**Ризокулов Т.Р.**

## ТЕОРЕТИКО-ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОВЫШЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

*В статье обосновывается необходимость обеспечения конкурентоспособности экономики Республики Таджикистан в современных непредсказуемых условиях глобального экономического развития. В статье исследуется использование различных методологических подходов к оценке конкурентоспособности национальной экономики, анализируются основные макроэкономические показатели развития национальной экономики и глобальный рейтинг конкурентоспособности страны.*

***Ключевые слова:*** *конкурентоспособность, теоретические доктрины конкуренто-способности национальной экономики, методика оценки конкурентоспособности, индекс глобальной конкурентоспособности, индекс деловой активности, продуктивность, инновационность, технологическая развитость, рейтинг по конкурентоспособности.*

**Rizokulov T.R.**

## THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS OF INCREASING THE COMPETITIVENESS OF THE NATIONAL ECONOMY

**Tajik state university of law, business and politics**

*Author justifies the need to ensure the competitiveness of the economy of the Republic of Tajikistan in the modern unpredictable conditions of global economic development in this article. The article examines the use of various methodological approaches to assessing the competitiveness of the national economy, analyzes the main macroeconomic indicators of the development of the national economy and the global rating of the country's competitiveness.*

***Key words:*** *competitiveness, theoretical doctrines of national economy competitiveness, assessment methods of competitiveness, global competitiveness index, business activity index, productivity, innovativeness, technological development, rating of competitiveness.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович-*** *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, e-mail: t_rizokulov@mail.ru,*

УДК 338.514 (575.3)

**Назирӣ Г.Н.,**
**Султонов М.С.**

# РОҲҲОИ ТАНЗИМИ СУҒУРТАКУНИИ ХАВФҲОИ БОНКӢ

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

*Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи роҳҳои танзими суғуртакунии хавфҳои бонкиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Қайд мегардад, ки пешгирӣ, танзим ва идоракунии хавфҳо дар фаъолияти бонкҳо яке аз вазифаҳои калидии бонк маҳсуб мeёбанд.*

***Калидвожаҳо:*** *танзим, суғурта, хатар, бонк, амалиёти бонкӣ, хизматрасонии суғуртавӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, идоракунӣ, пешгирӣ.*

Ҷиҳати таъмини устувории молиявӣ ва пешгирӣ аз эҳтимолияти таъсири манфии омилҳои гуногун ба низоми молиявӣ, баҳогузории хавфҳои низом, танзим ва идоракунии дурусти онҳо муҳим ба шумор меравад. Хавфи низоми бонкӣ хавфе мебошад, ки ба низоми молиявии кишвар таҳдид намуда, дар ҳолати рӯй додани он қисми зиёди бахши молиявӣ ғайри қобили пардохт мегардад. Ин хавф барои иҷро гардидани вазифаҳои асосии низоми молиявӣ ва рушди бахши воқеии иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад.

Дар шароити муосир фаъолияти бонкӣ бо хавфҳои гуногун алоқаманд мебошад, чунки мақсади бонкҳо ба даст овардани ҳадди аксари фоида буда, бонкҳо зимни ба анҷом расонидани амалиётҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки хавфҳоро ба ҳадди ақал бирасонанд. Олимони рус Бондарь А. П. ва Мочалина О.С. дар таҳқиқотҳои худ қайд намудаанд, ки низоми бонкӣ дар раванди фаъолияти худ доимо бо хавфҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, бонкҳоро лозим аст, ки хавфҳоро бартараф накарда, балки онҳоро идора намуда, инчунин таъсиррасонии онҳоро зери назорат гиранд [1, 190]. Ба андешаи мо, идоракунӣ, пешгирӣ ва кам намудани хавфҳо, ки ба фаъолияти самараноки бонкҳо таъсир мерасонанд, яке аз вазифаҳои калидии худи бонкҳо маҳсуб мeёбанд.

Бо дарки хусусияти фаъолияти бонкӣ, метавон изҳор дошт, ки сарфи назар аз тамоми чораҳое, ки бонкҳо барои бартараф кардани хавфҳо меандешанд, дар ҳар сурат онҳо аз таъсири он хавфҳо пурра эмин буда наметавонанд. Бинобар ин, на танҳо идора кардани хавфҳо, балки коҳиш додани сатҳи таъсири он ба устувории молиявӣ вазифаи бонкҳо маҳсуб мeёбад ва ин корро метавон бо роҳи суғуртаи хавфҳои бонкӣ амалӣ намуд.

Суғуртаи хавфҳои бонкӣ яке аз инструментҳои нисбатан самараноки ҳифзи сармоя аз талафотҳои калон маҳсуб мeёбад. Аз ин рӯ, ин далел комилан возеҳ аст, ки аксари кишварҳои аз назари иқтисодӣ тараққикардаи ҷаҳон дар муддати тӯлонӣ ба таври муваффақона онро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Яке аз чунин давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардаи ҷаҳон Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад. Дар ИМА аввалин полиси суғуртаи бонкӣ соли 1911 ба истифода дода шуд. Аз он замон то имрӯз таҷрибаи суғуртаи хавфҳои бонкӣ дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегиранд [2].

Ҳангоми татбиқи хавфҳои бонкӣ дар кишварҳои аврупоӣ масъалаҳои гуногуни ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва як қатор масъалаҳои дигар пайдо шудаанд, ки барои ба танзим даровардани ин ҷараён корпоратсияи Lloyd's уҳдадориҳоро бо номи «Уҳдадориҳои умумӣ доир ба таъмини суғуртаи бонкҳо» таҳия намудааст, ки онҳо бо номи“Bankers Blanket Bond Insurance (B.B.B.)”дар тамоми ҷаҳон маъруф буда, маънои «Суғуртаи муҷтамаи бонкӣ» -ро доро мебошад.

Дар ИМА суғуртаи хавфҳои бонкӣ дар асоси “Полиси генералӣ” татбиқ гардида, ки фаъолияти он ба фаъолияти B.B.B. монандӣ дорад. Инчунин, барои бонкҳои амрикоӣ суғуртаи муҷтамаи хавфҳои бонкӣ ҳатмӣ мебошад [3]. Ба андешаи мо бо дарназардошти ҳодисаҳои солҳои охир дар хусуси зиёд шудани қарзҳои мушкилситон, кам шудани теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд ва бонкҳоро ба инобат гирифта ҷорӣ намудани таҷрибаи ИМА дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ дар қатори дигар намудҳои суғуртаи ҳатмӣ, илова намудани суғураи ҳатмии муҷтамаи хавфҳои бонкиро зарур мешуморем. Зеро, ки бонкҳо

дар иқтисодиёт ҳамчун локомотив ё худ пешбарандаи соҳаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбанд.

Аз ҳамин хотир мо низ тавсия менамоем, ки бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурии мо ба таҷрибаи ҷаҳонӣ такя намуда, инчунин, тадриҷан дар фаъолияти хеш суғуртаи дастаҷамъонаи хавфҳои бонкиро мавриди истифода қарор диҳанд. Мубрамияти истифодаи «В.В.В.» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он маншаъ мегирад, ки фаъолияти молиявӣ ва кредитии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир ҳар чи қадар бештар мураккаб гашта, талаботи танзимгарҳо яъне Бонки Миллии Тоҷикистонро нисбат ба эътиборнокии бонкҳо меафзояд.

Аксаран бонкдорони ҷумҳурӣ нисбат ба суғуртакунӣ муносибати дастаҷамъонаро мавриди истифода қарор намедиҳанд, балки хавфҳои амалиётҳои ҷудогонаро суғурта мекунанд. Ин ба як қатор масъалаҳо вобаста мебошад, ки дар ҷараёни суғурта кардани хавфҳои бонкӣ пайдо мешаванд.

Яке аз чунин масъалаҳо дар он аст, ки ҳангоми суғуртакунии хавфҳои худ бонкҳо аксаран аз суғуртаи масъулияти шаҳрвандии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, суғуртаи ҳаёт, суғуртаи тиббӣ, суғуртаи ихтиёрии воситаҳои нақлиёт ва дигар намудҳои суғурта истифода мекунанд. Аммо истифодаи суғуртакунии дастаҷамъона аз назари молиявӣ, дар муқоиса ба ҳамаи намудҳои суғуртакунӣ дар алоҳидагӣ фоидаовартар мебошанд. Полисҳои суғуртавии В.В.В. якдигартакмилкунанда буда, хавфҳое, ки дар асоси як навъи суғурта пӯшонида мешаванд, аз тарафи хавфҳои дигар истисно карда мешаванд.

Дар бисёр бонкҳо амалиётҳои суғуртавӣ мутобиқи принсипи бақиявӣ амалӣ карда мешаванд. Чунки бонкҳо, дар сурати рӯ ба рӯ шудан ба ҳолати хавфу таҳдиди талафотҳои ҷиддӣ хавфи амалиётиеро суғурта мекунанд, ки аз ҳам бештар хатарзо мебошанд. Дар чунин ҳолат сухан дар бораи суғуртаи дастаҷамъона низ намеравад.

Ба андешаи мо дар бисёр бонкҳо талабот ба суғуртаи дастаҷамъона дар сурате пайдо мешавад, ки тарифҳои суғуртаи дастаҷамъона нисбат ба хароҷотҳое, ки барои ҳимоя аз ин қабил хавфҳо анҷом дода шудааст, поёнтар мебошад. Дар дигар ҳолат, аксари бонкҳои ҷумҳурӣ барои суғурта кардани хавфҳои ҷудогона қарордод ба имзо мерасонанд, ки он боиси ба таври дастаҷамъона ҳимоя накардани онҳо мешавад.

Яке аз масъалаҳои назаррасе, ки ҳангоми суғуртаи дастаҷамъонаи хавфҳои бонкӣ пайдо мешавад, ин боварии хеле пасти бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба пардохтпазирии онҳо мебошад, ки яке аз мушкилотҳои асосии бозори суғуртаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ соли 2014 дар хусуси беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кориро ташкил намуда буд, ки гурӯҳи корӣ 10,3 фоизи ноустувории пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавиро яке аз мушкилотҳои асосии бозори суғуртавии ҷумҳурӣ ҳисобидааст [5, 89].

Бинобар ин, зарур аст, ки ташкилоти суғуртавӣ ҳангоми бастани шартномаҳои суғуртавӣ ва барои ба даст овардани полиси В.В.В., ҳимояи бонкро аз хавфҳо ҳимоя намояд. Арзёбии механизҳои асосии идоракунии хавфҳои ниҳоди молиявиро таҳлил намуда, тавсияҳоро доир ба беҳтар намудани бехатарӣ пешниҳод намояд. Чунин таҳлил бояд аз тарафи мақомоти махсус ё мутахассисони касбии соҳавӣ гузаронида шавад.

Сарфи назар аз он ки санҷиш на фақат ба хотири манфиатҳои ташкилоти суғурта, балки ба хотири манфиати худи муштарӣ низ гузарониа мешавад, ташкилотҳои суғуртавӣ айни ҳол намехоҳанд, дастрасиро ба иттилооти шахсӣ дар ихтиёр бигузоранд, зеро, ки дар раванди таҳқиқот аз сомонаҳои интернетии ташкилотҳои суғуртаи ватанӣ аз қабили КВД «Тоҷиксуғурта» , КВДС «Тоҷиксармоягузор» , ҶДММ ТС «МУИН», ҶСП ТС«Кафил», ҶДММ ТС «Меҳнат», ҶДММ ТС «Эсхата-Суғурта», ҶСДММ «Спитамен-Суғурта» ба ҷуз аз маводҳои умумӣ дастрасии маводи зарурӣ ғайриимкон мебошад. Сомонаҳои интернетии ташкилотҳои суғуртаи ватанӣ дорои маълумоти кофӣ намебошанд.

Бонкҳое, ки дар ҳар сурат ба суғуртаи дастаҷамъона даст мезананд, ба иҷрои ҳамаи шароитҳои ҳатмии он розӣ мешаванд, ба таври хеле дақиқ нисбат ба интихоби ташкилотҳои суғуртавӣ муносибат менамоянд, аз ин рӯ на ҳар як суғуртакунанда метавонад, шарики бонк

гардад. Ба андешаи мо, бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ танҳо он ташкилотҳои суғуртавиеро интихоб менамоянд, ки дорои устувории молиявӣ мебошанд. Айни ҳол ҶДММ «Суғуртаи аввалини миллӣ», ҶСДММ «Спитамен-Суғурта», КВД «Тоҷиксуғурта», КВДС «Тоҷиксармоягузор» аз лиҳози дороиҳо дар вазъи мутавозинӣ ва мусбӣ қарор доранд.

Муайян кардани устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ ва саҳеҳияти маълумотҳое, ки аз тарафи онҳо ба бонкҳо пешниҳод мегарданд, хеле мураккаб буда, нобоварии ташкилотҳои қарзиро асоснок мекунанд.

Имрӯзҳо бозори суғурта дар муқоиса бо низоми бонкии кишвар ба маротиб кам рушд ёфтааст. Аксаран дороиҳои бонкҳо аз дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба маротибаҳо бештар мебошанд ва ин вазъ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ба пӯшондани суғуртаи хавфҳои бонкӣ, хусусан суғуртаи дастаҷамъона қодир намебошанд.

Масъалаҳоеро, ки зимни суғуртаи дастаҷамъонаи хавфҳои бонкӣ пайдо мешаванд мавриди таҳлил қарор дода, зарур мешуморем, ки фоидаи бонкҳоро чунин ҷудо намоем:

- зарурат барои бунёди захираҳо ба хотири талафотҳои имконпазир дар натиҷаи татбиқи хавфҳои суғурта карда шуда мавҷуд намебошад, ин имкон медиҳад, ки сифати пешниҳоди қарзҳои фоидаовар барои муштариён беҳтар карда шавад, дар навбати худ, ин амал имкон медиҳад, ки шумораи муштариён зиёд карда шавад;

- ҳангоми суғуртаи хавфҳо бонкҳо имконият доранд, ки ҳаҷми амалиётҳоро афзоиш диҳанд;

- бонкҳо имконият доранд, ба таври назаррас хароҷотҳои худро барои таъмини идоракунии доимии ҳавфҳо тавассути назорати дохилӣ коҳиш диҳанд;

- мавҷуд будани қарордод эътибори бонкҳоро боло бурда, барои ҷалб кардани муштариён ва сармоягузорон кумак мерасонад, чунки хавфи ғайри қобили пардохтпазирӣ ва муфлисшавиро коҳиш медиҳад;

Ҳамаи афзалиятҳоро аз истифодаи суғуртаи дастаҷамъона ба назар гирифта, бонкҳоро зарур аст, ки пешниҳодҳои худро доир ба такмили ин раванд ироа намуда, модели татбиқи суғуртаи дастаҷамъонаи хавфҳои бонкиро таҳия намоянд [4,129].

Барои он ки полиси суғуртаи "В.В.В."- ро на танҳо бонкҳои калон, ки дар бозори молиявии кишвар фаъолияти самаранок доранд ва дар ҳудуди кишвар дорои теъдоди зиёди филиалҳо мебошанд, харидорӣ карда тавонанд, инчунин ташкилотҳои хурди қарзӣ низ онро харидорӣ намуда, истифода намоянд, бояд як қатор масъалаҳои тадбирҳои танзими суғуртаи хавфҳо андешида шаванд.

Имрӯзҳо танзими қонунии суғуртаи хавфҳои бонкӣ мубрам боқӣ мемонад. Аз таҷрибаи кишварҳои хориҷа маълум мешавад, ки талаботи давлат нисбат ба бонкҳое, ки хавфҳоро ба таври ҳатмӣ суғурта намоянд, мусбӣ арзёбӣ мегардад ва на танҳо дар низоми бонкӣ, балки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт роҳандозӣ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар кишвар дар заминаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ масъалаи суғуртаи хавфҳо ба танзим дароварда шудааст. Талабот ба суғуртаи хавфҳои бонкӣ имкон медиҳад, ки сатҳи масъулияти ташкилотҳои суғуртавӣ баланд бардошта шуда, теъдоди мавридҳое, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ба демпинг (шикасти нарх ва арзонфурӯшӣ) машғул мешаванд, коҳиш дода шуданд.

Инчунин, дар сатҳи давлатӣ муносибати ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба танзим дароварда шуда, мутобиқати ҳаҷми дороиҳои бонке, ки бояд хавфҳои худро суғурта кунад ва ҳаҷми дороиҳои ташкилоти суғуртавиеро, ки бонк онро интихоб кардааст, танзимро талаб мекунад. Зарурати таъсиси гурӯҳҳои дастаҷамъонае пеш омадааст, ки барои онҳо бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ бо ҳаҷми муайяни дороиҳо ва тасдиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ хос мебошанд. Бонкҳоро зарур аст, ки нисбат ба хавф-менеҷменти бонк муносибати дастаҷамъонаро мавриди истифода қарор диҳанд. Барои ин бонкҳо бояд зарурати идора кардани хавфҳоро ҳамчун яке аз вазифаҳои калидӣ дарк карда, идоракуниро на мутобиқи принсипи бақиявӣ, балки ҳамзамон бо дигар вазифаҳои калидӣ ҳаллу фасл намоянд.

Мо тавсия менамоем, ки ҳангоми суғуртаи хавфҳои худ бонкҳо ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ намоянд:

- ба муштарӣ додани имконият ҷиҳати интихоби ташкилоти суғуртавӣ ва маҳсулоти суғуртавӣ дар бозори суғурта;

- муштарӣ бояд дар бораи моҳият ва арзиши маҳсулотҳои истеъмолии суғуртавӣ хабардор карда шавад;

- бояд муҳлате муайян карда шавад, ки дар тӯли он муштарӣ метавонад аз қарордоди суғурта даст бикашад.

Ҳангоми суғуртаи ҳаёт ва саломатии қарзгиранда аз бонк, муҳлате бояд муайян карда шавад, ки дар тӯли он муҳлат суғурташаванда ҳақ дорад аз қарордоди суғурта бидуни талафоти молиявӣ даст бикашад.

Бонкҳо бояд ҳангоми интихоби ташкилоти суғуртавӣ ба устувории молиявии он диққат диҳанд. Муайян кардани устувории молиявӣ ба андозаи кофӣ кори мушкил аст, аммо ин кор дар сурати гузаронидани таҳлили таносуби дороиҳо ва ӯҳдадориҳои он имконпазир аст. Барои он ки ҷолибияти суғуртаи дастаҷамъона барои бонкҳо таъмин карда шавад, ташкилотҳои суғуртавиро низ лозим аст, ки чораҳои заруриро андешанд. Ташкилотҳои суғуртавие, ки ба суғуртакунии манфиатҳои бонкҳо махсусгардонида шудаанд, зарур аст, ки қоидаҳои суғуртавии махсусро барои бонк ва муштариён таҳия карда, пешниҳод намоянд. Дар чунин қоидаҳо бояд ҳамаи хусусиятҳои суғуртаи манфиатҳои бонкӣ инъикос карда шаванд.

Афзалият барои ташкилотҳои суғуртавӣ ин бастани қарордоди суғуртаи муҷаддади ӯҳдадориҳои хеш бо ташкилоти суғуртаи хориҷӣ мебошад, ки он имкон медиҳад, ки боварии бонк нисбат ба суғуртакунанда баланд бардошта шуда, иҷрои ӯҳдадориҳои худро дар

сурати нарасидани воситаҳои захиравӣ ҷиҳати ҷуброни он таъмин намояд. Ба мақсади ба ҳадди ақал расонидани хавфҳои асъор бонкҳоро лозим аст, ки иштироки мақомоти идоракуниро дар ҷараёни ташкили фаъолияти низоми идоракунии хавфҳо таъмин намуда, инчунин, тақсими дақиқи ихтиёрот доир ба идоракунии хавфҳоро ифода намоянд.

Барои он ки механизми ҳамкории ҳамаи ниҳодҳо дар раванди суғуртаи хавфҳои бонкҳо фаҳмида шавад, аз тарафи мо модели суғуртаи хавфҳои бонкӣ таҳия карда шуд (расми 1).

Дар модели пешниҳодшуда алоқаи байни ниҳодҳо ва равандҳо зикр карда мешавад. Ба ин модел алоқаҳои зерин характернок мебошанд.

1. Дар сатҳи қонунӣ бо талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дигар фишангҳои таъсиррасон муносибатҳо байни бонкҳо ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба танзим дароварда мешавад.
2. Бонк тавассути мақоми танзимкунандаи Бонки милли Тоҷикистон, метавонад сатҳи устувории молиявии ташкилоти суғуртавиро арзёбӣ намояд, чунки устувории молиявии ташкилоти суғуртавӣ тавассути таносуби дороиҳо ва ӯҳдадориҳо муайян карда мешавад. Ин масъала бошад, тавассути Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми додани иҷозатнома ба танзим дароварда мешавад.
3. Мутахассиси ташкилоти суғуртавӣ таҳлили арзёбии ҳимояи бонкҳоро аз хавфҳо анҷом дода, тавсияҳоро доир ба беҳтар кардани бехатарӣ пешниҳод менамояд.
4. Ташкилоти суғуртавӣ ӯҳдадориҳои худро дар назди ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ суғурта мекунад.
5. Бонк вазъияти молиявӣ, нишондодҳои фаъолият ва шароитҳое, ки ташкилоти суғуртавӣ барои бастани шатномаи суғуртаи дастаҷамъона пешниҳод мекунад, таҳлил менамояд.
6. Ташкилоти суғурта ба бонк дархостро барои суғурта кардани хавфҳо ва маълумотро дар бораи фаъолияти хеш ирсол менамояд.
7. Бонк ва ташкилоти суғуртавӣ шартномаро доир ба суғуртаи дастаҷамъона ба имзо мерасонанд.
8. Бонк полиси суғуртаи «В.В.В.»-ро дарёфт мекунад.




**Расми 1. Модели суғуртаи хавфҳои бонкӣ.**
Манбаъ: Таҳияи муаллиф

Имрӯзҳо низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ яке аз вазифаҳои асосии бонк ҷиҳати самаранок амалӣ намудани фаъолияти хеш махсуб меёбад. Дар низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ суғурта ҷойи махсусро ишғол мекунад, асоси онро таҷрибаи бисёрсолаи мамлакатҳои ғарбӣ ва уҳдадориҳо доир ба кӯшиши суғуртаи бонкҳо, ки бо номи “Bankers Blanket Bond Insurance” маълуму маъруф аст, ташкил медиҳад. Рушди суғуртаи хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки инкишофи самараноки ҳамкорӣ дар байни бонкҳои тиҷоратӣ ва бонкҳои калони байналмилалӣ таъмин карда шуда, эътибортнокӣ ва устувории фаъолияти ин бахши моливию қарзии низоми бонкии мамлакат баланд бардошта шуда, ба ҷараёни ҳамгироии низоми бонкии мамлакат бо низоми бонкии байналмилалӣ таъсири назаррас расонад.

**Адабиёт**


1. *Бондарь А. П., Мочалина О. С. Международные расчеты и валютные операции: учебно–методическое пособие. Симферополь: Антиква, 2014. 190 с.*
2. *Винникова А. А. Банковское страхование в России: проблемы и перспективы развития // VI Международная студенческая электронная научная конференция «Студенческий научный форум» (15 февраля — 31 марта 2014 г.). Режим доступа: http://www.scienceforum.ru/2014/pdf/ 1518.pdf (дата обращения 30.03.2016).*
3. *Мировой финансовый кризис и его последствия на рынке банкострахования. Режим доступа: http://pressrelizy.ru/archive/business/71192.html.*
4. *Саидмуродов Ш.М., Султонов М.С. Мушкилоти бозори суғурта ва роҳҳои бартараф намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, Душнбе 2019, №2 саҳ 129.*
5. *Ҳисоботи гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта дар Ҷумҳурии Точикистон, Душанбе.-2014. С.89*


**Назири Г.Н.,**
**Султонов М.С.**

## СПОСОБЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ СТРАХОВАНИЯ БАНКОВСКИХ РИСКОВ

**Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава**

*В своей статье авторы рассматривают способы регулирования страхования банковских рисков. Отмечено, что управление рисками, возникающее в результате деятельности банков, является одной из ключевых задач банков по их регулированию, управлению и предотвращению.*

***Ключевые слова:*** *регулирование, страхование, риск, банковское дело, банковские операции, страховые услуги, коммерческие банки, страховые компании, менеджмент, профилактика.*

**Naziri G.N.,**
**Sultonov M.S.**

## BANK RISK INSURANCE REGULATION METHODS

**Bokhtar state university named after Nosiri Khusrav**

*Authors examines the ways to regulate banking risk insurance in this article. It is noted that the management of risks arising from the activities of commercial banks is one of the key tasks of the bank to prevent and reduce them.*

***Keywords:*** *regulation, insurance, risk, banking, banking operations, insurance services, commercial banks, insurance companies, management, prevention.*

***Сведения об авторах:***

***Назири Гулбахор Назир*** *- доктор экономических наук, заместитель Председателя Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по экономике и финансам. 734051, Республика Таджикистан, тел .: 92 779-19-36.*

***Султонов Мусулмон Субхонович*** *- преподаватель кафедры теории экономики финансы Бохтарского государственного университет им.Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел: (+992)988-93-90-35.*

УДК 330.8 (575.3)

Коваленко В.П.

# ВКЛАД АКАДЕМИКА КАЮМОВА Н.К. В ИССЛЕДОВАНИЕ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В исследовании отражена роль академика Каюмова Н.К. в решении проблем развития внешнеэкономических отношений Республики Таджикистан в период независимости. Практическое их решение необходимо для завоевания нашей страной прочных и устойчивых позиций в системе современного всемирного товарного хозяйства.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, региональная экономическая интеграция, структура экспорта, импортозамещение.*

С переходом Таджикистана к государственной независимости качественно новое развитие получили внешнеэкономические отношения республики. Большой вклад в исследование этих отношений внёс академик Каюмов Н.К. [1.1] Он представил их как форму ускорения темпов экономического роста страны, а сам этот рост определил как предпосылку завоевания Таджикистаном прочных и устойчивых позиций в системе современного всемирного хозяйства. Для достижения поставленной цели Каюмов Н.К. обосновывает необходимость разработки Правительством Таджикистана новой стратегии и новых механизмов перехода к экономическому росту инвестиционного типа и взятие Правительством курса на капитализацию глобальных конкурентных преимуществ страны: людского потенциала, водно-энергетического и других ресурсов. Такой подход создаст реальные предпосылки для перехода к следующему, более высокому, этапу развития инновационной экономики, т.е. экономики, основанной на знании. Переход к этому этапу развития неизбежен.

Вопреки классической либеральной концепции рыночного саморегулирования экономики [1.3;1.4.] Каюмов Н.К. обосновал вывод о том, что в современную эпоху государство может и должно играть главную роль в регулировании национальной экономики и её экономических отношений с другими государствами. Особо отмечает он необходимость программирования и планирования развития народного хозяйства применительно к специфическим условиям экономики Таджикистана. Опыт многих капиталистических государств свидетельствует о том, что организация планирования не только необходима, но и возможна.

В качестве материально-вещественной субстанции, порождающей саму себя и соответствующие ей современные всемирные стоимостные отношения, Каюмов Н.К. представил процесс глобализации мировой экономики формой современного всемирного обобществления труда. Определяя этот процесс, Каюмов Н.К. отмечает, что глобализация экономики как объективный процесс сближения стран на качественно новой основе, начавшаяся в конце двадцатого века и усилившаяся в начале нового тысячелетия, становится доминирующей тенденцией общемирового развития. Создание международных транснациональных корпораций, финансово-промышленных групп является порождением глобализирующегося хозяйства. Как любой объективный процесс, его нельзя остановить, игнорировать. Существенную роль в усилении процесса глобализации играет формирование так называемой «новой экономики», экономики, основанной на знании, позволяющей создать информационно-коммуникационную систему, управлять крупными международными системами из единого центра, ускорять процесс перевода технологии на пятые и шестые уклады.

Следует отметить, что источником саморазвития глобализации является основное противоречие современного всемирного хозяйства – противоречие между интернациональным трудом всемирной общественной рабочей силы и индивидуальным трудом каждого ассоциированного национальным обобществлением производства товаропроизводителя. Развертывание этого противоречия отражает основной экономический закон современного всемирного хозяйства – закон стоимости, в соответствии

с которым современный всемирный товарообмен осуществляется на основе величины кристалла субстанции всемирной интернациональной стоимости, овеществленного в каждом товаре, реализуемом на современном всемирном рынке.

Основной экономический закон современного всемирного хозяйства отражает усиления конкурентной борьбы между участниками всемирного разделения труда и обмена. В этой связи Каюмов Н.К. делает вывод о том, что рынок сам по себе не может решать все экономические проблемы, особенно в переходный период, в том числе и в отношениях между государствами. Государство может и должно играть главную роль, не только корректируя провалы рынка, но и обеспечивая социальную справедливость. Рыночные механизмы, представленные самим себе, оставляют большому числу людей слишком мало ресурсов для выживания.

Интеграция экономики Таджикистана во всемирное хозяйство исследуется как государственно регулируемый процесс. В отличие от многих стран Республика Таджикистан более чувствительна к торговым и финансовым потрясениям происходящим на глобальном уровне. Убедительным примером может служить падение в 2001г. и в кризис 2008 – 2009гг. цен на хлопок-волокно и алюминий на мировых рынках, что оказало сильное отрицательное воздействие на динамику социально-экономического развития Таджикистана. Другими словами, экономика Таджикистана, будучи подключенной к процессам глобализации, может в больше степени чувствовать как положительные, так и отрицательные импульсы этого процесса.

Модель Бейна предполагает абсолютное преимущество в издержках у доминирующей авиакомпании. Согласно этой модели для предотвращения входа новых компаний в отрасль, старая авиакомпания должна установить цену ниже издержек на единицу перевозки у компании-конкурента, которая потенциально могло бы войти в отрасль. Проблема выбора между стратегиями «препятствовать входу» или «не препятствовать

входу» возникает только тогда, когда ограничивающая вход цена ниже цены, приносящий максимальную прибыль авиакомпанией в краткосрочном периоде. В этом случае для выбора стратегии компания оценивает текущую дисконтированную стоимость потока прибыли, которую она может получить, препятствуя входу, и ту, которую она получит, если будет стремиться к максимизации своей прибыли. Конечно, второй вариант создает угрозу входа многих компаний на рынок, что для старой авиакомпании крайне нежелательно. Очевидно, что выбор между двумя стратегиями будет зависеть не только от величины прибыли в том и другом варианте, но и от величины дисконта, отражающего предпочтения авиакомпании по отношению к будущим и текущим доходам, а также от уровня хозяйственного риска. Чем ниже величина дисконта и выше уровень риска, тем предпочтительнее оказывается стратегия максимизация прибыли, и здесь конкуренты могут свободно входить в отрасль, ведь авиакомпания будет занята процессом создания прибыли.

Модель Модильяни предполагает, что для предотвращения вход новых конкурентов в отрасль старая авиакомпания должна обладать относительным преимуществами в издержках, порожденными объемом перевозок при наличии положительной отдачи от масштаба. Старая авиакомпания в отрасли назначает такую цену, чтобы новичку было бессмысленно входить на рынок. Она формирует ограничивающую вход цену и объем перевозок таким образом, чтобы при данном остаточном спросе новая компания не могла получить прибыль ни при каком объеме перевозки. Таким образом, новая компания может при таком раскладе нести убытки, то она тем самим будет лишена стимулов, входить в отрасль. Эта модель предусматривает, что скорость входа компании не очень высока, ибо если этого не наблюдается и компания может мгновенно войти на рынок, то ей ничего не стоит поменять местами со старой и назначить цену ниже имеющейся. В результате любого развития событий все равно в отрасли остается наиболее мощная авиакомпания исходя из относительных преимуществ в издержках.

Поэтому уровень ограничивающей вход от величины превышения цены перевозок над уровнем издержек их осуществления при минимально эффективном объеме перевозок, определяется соотношением минимально эффективном объеме освоения перевозок, которые в свою очередь, определяется соотношением минимально эффективного объема перевозок к размеру рынка и эластичностью спроса по цене. Чем больше уровень минимально эффективного выпуска по отношению к размеру рынка и чем меньше эластичность спроса, тем больше возможности для отклонения цены перевозок от уровня их издержек, тем выше возможности проводить политику ограничивающего вход ценообразования. Эти модели ценообразования довольно широко распространены на практике, однако их применение требует соблюдения ряда условий, ведь такая политика расценивается как метод установления барьеров входа. [1,3,5, 6,7]

Первое условие - доминирующая авиакомпания должна точно оценить издержки объема своих перевозок и условия спроса (ценовую эластичность). Переоценка своего преимущества приводить к потере прибыли, а недооценка - потоком вхождения новых компаний в отрасль.

Второе условие - доминирующая компания должна поддерживать свой объем перевозок и соответственно объем продаж перевозок на таком уровне, чтобы суммарный объем освоения перевозок всех компаний оказался в точности равен уровню, способному эффективно ограничить вход. Самая большая трудность здесь состоит в том, что крайне трудно определить свою рыночную долю и долю компаний-конкурентов. Поскольку существуют значительные расхождения в издержках, а объем спроса неустойчив.

Третье условие - новая компания может быть крупным диверсифицированным предприятием, и тогда доминирующая авиакомпания будет вынуждена сократить свой объем перевозок в отрасли. Для предотвращения этой ситуации доминирующая авиакомпания может назначить цену на уровне, максимизирующем краткосрочную прибыль, и попытаться предотвратить вход с помощью угрозы снижения цены до ограничивающего уровня в случае их входа. Здесь важна способность доминирующей авиакомпании испугать угрозой своих конкурентов, для этого существуют два пути

решения: репутация - «я - агрессивный конкурент», использование асимметрии информации в отношении внутренних условий отрасли.

Четвертое условие - в отраслях с высокой скоростью технологических изменений и быстро растущего спроса такая стратегия мало эффективна, так как быстро изменяющаяся внешняя среда не позволяет доминирующей авиакомпании адекватно оценить уровень цены, ограничивающей вход.

Пятое условие - существующая асимметрия информации об издержках делает эту стратегию мало эффективной, ведь именно данный экономический параметр является стратегической переменной и от правильности его анализа зависит возможности ограничить вход в отрасль или максимизировать свою прибыль.

Особенности гражданской авиации заключаются в том, что авиакомпании не могут входить и выходить непрерывно. Поэтому доминирующая авиакомпания может в начале назначить очень высокую цену, не опасаясь конкурентов и понижать ее по мере притока новых компаний.

***Литература***

*1. Алейникова И.С., Евтюхов С.А., Лукьянов С.А. Определение входных барьеров в экономической теории и практике антимонопольной политики // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: Социально-экономические науки, 2011. -Т. 11. - №2. - С.105-110.*

*2. Баумоль, Уильям Дж. Состязательные рынки: мятеж в теории структуры отрасли. / Вехи экономической мысли. Теория отраслевых рынков. Т.5. СПб.: Экономическая школа, 2003. - 684 с.*

*3. Евтухов С.А., Тёмкина И.М. Барьеры входа на регулируемых российских рынках в условиях глобализации мировой экономики // Журнал экономической теории. 2010. - №4. - С.183-187.*

*4. Ларионова Н.И., Рехлицская Я.С. Рыночная власть и методы ее оценки // Вестник Поволжского государственного технологического университета. Серия: Экономика и управление, 2010. - №3. - С.33-40.*

*5. Лукьянов С., Кисляк Н. Входные барьеры: важнейший инструмент политики ограничения конкуренции на российских рынках // Современная конкуренция, 2013. - №1. - С.54-71.*

*6. Мальцева О.В. Управление барьерами входа на рынок как инструмент государственного стимулирования конкуренции // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки СКАГС, 2012. - №3. - С.174-182.*

*7. Рауфи А. Транспорт в системе рыночной экономики. - Душанбе: «Ирфон», 2002. - С.123.*

*8. Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции/ Дж. Робинсон. - М.: Прогресс, 1986. - 265 с.*

*9. Тироль Ж. Рынки и рыночная власть: теория организация промышленности / Ж. Тироль // В 2 т. СПб.: Экономическая школа, 2000. Т.1 -328 с.; Т.2 - 450 с.*

*10. Хвалько А.А. Основные подходы к анализу поведения фирмы с точки зрения типов рыночных структур // Вестник Самарского государственного экономического университета, 2013. - №11.- С.139-142.*

*11. Шкардун, В.Д., Ахтямов, Т.М. Методика исследования конкуренции на рынке / В.Д. Шкардун, Т.М. Ахтямов // Маркетинг в России и за рубежом. - 2000. - №4. - С.44-54.*

**Мирзоева Ҷ.П.,**
**Шералиев З.А.**

# ТАДҚИҚОТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИИ ИННОВАТСИОНИИ ИНТИҚОЛИ МУСОФИРОН ТАВАССУТИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОЙ

**Институти иқтисодӣёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақола методологияи таҳқиқиот ва муайян намудани махсусиятҳои ташкили ҳамлу нақл дар нақлиёти ҳавоӣ пешниҳод карда шудаанд. Барои муайян кардани вазъи доминантии ширкат дар бозори ҳамлу нақл истифода бурдани меъёрҳои баҳодиҳии зерин истифода бурда шаванд: афзалият дар хароҷот; баҷо овардани ҳамлу нақли сифаташ баланд ва бастани мувофиқатномаи картелӣ миёни ширкатҳо. Дар мақола кӯшиши истифода бурдани моделҳои Бэйн ва Модилияну Сайлос-Лабин нишон дода шудаанд. Муқаррар карда шудаанд, ки ҳар қадар сатҳи пасттарини истеҳсоли фоиданок нисбат ба андозаи бозор бештар бошад ва ҳар қадар чандирнокии талабот камтар бошад, ҳамон қадар имконияти дуршавӣ аз нархи ҳамлу нақл, аз хароҷоти он бештар мешавад; ҳамон қадар имконияти роҳандозӣ намудани сиёсати маҳдудсозандаи нархгузорӣ бештар мешавад. Дар амалия аз амсилаҳои нархгузорӣ васеъ истифода бурдан, бо истифодаи як қатор шартҳо тавсия мешавад, ки онҳо дар мақола оварда шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *ширкати ҳавопаймоӣ, ширкати доминнатӣ, инҳисор, сиёсати нарх дар бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ.*

**Mirzoeva J.P.,**
**Sheraliev Z.A.**

# RESEARCH METHODOLOGY AND FEATURES OF INNOVATIVE ORGANIZATION OF PASSENGER AIR TRAFFIC

**Institute of economics and demography**
**of the National academy of sciences of Tajikistan**

*The article proposes a research methodology and defines the features of the innovative organization of passenger air transportation. It has been established that the air transport market has a monopoly character or the existence of a dominant company in the air transport market. To establish the dominant position of the airline, the following evaluation criteria were proposed: advantage in transportation costs; implementation of high quality transportation and the conclusion of a cartel agreement between airlines. The article attempts to apply the Bane and Modigliani and Silos-Labini models. It has been established that the greater the level of minimum effective output in relation to the market size and the lower the elasticity of demand, the greater the opportunity for the price deviation of transportation from the level of their costs, the higher the opportunity to pursue a policy of restricting entry pricing. It is recommended that these pricing models be fairly widely applied in practice, but their application requires compliance with a number of conditions that are set out in this article.*

**Key words:** *airline, dominant airline, monopoly, price policy in the air transportation market.*

***Сведения об авторах:***

***Мирзоева Джононбиби Пируншоевна,*** - *к.э.н., ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. 734025, г. Душанбе, улица Айни №44, моб. тел: (+992) 915842500.*

***Шералиев Зикрулло Абдухомидович,*** - *старший сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистан. 734025, г. Душанбе, улица Айни №44, моб. тел: (+992) 908688866 E-mail: sh_zicrullo@mail.ru*

УДК 330+336.02(575.3) Сабуров Д.Ч.

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

*Дар шароити иқтисоди бозорӣ механизми низоми андозбандӣ яке аз фишангҳои асосии иқтисодиёти миллӣ ва танзими низоми молия ба ҳисоб меравад. Рушди иқтисодиёти давлат аз дуруст роҳандозӣ гардидани тартиби андозбандии корхонаю ташкилотҳо вобастагӣ дорад. Сиёсати андоз дар ҳамоҳангӣ бо низоми молия ва пулию қарзии давлат қисмати марказии сиёсати молиявии кишвар буда, ҳадафҳои давлат тавассути бозтақсими қисми маҳсулоти ҷамъиятӣ барои эҳтиёҷоти мамлакат, ҷалби маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати таъмини рушди босуботи бахши воқеии иқтисодиёт, иқтисодиёти минтақаҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона гардидааст.*

***Калидвожаҳо**: андоз ва андозбандӣ, иқтисодиёти рақамӣ, сиёсати андоз, маҷмӯи маҳсулоти дохила, воридоти андоз, ҳукумати электронӣ*

Барои амалӣ намудани ҳадафҳои такмили низоми андозбандӣ омили рушди иқтисодиёти минтақа дар шароити рақамикунонӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар давоми сӣ соли Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати пиёда намудани ҳадафҳои стратегии барои рушд равонашуда аз ҷумла, соҳаи андоз як қатор тадбирҳо дар самти ҳамоҳангсозии сиёсати андози кишвар дар ҳамоҳангии таҷрибаи пешқадами ҷаҳони муосир роҳандозӣ гардид.

Фароҳам овардани фазои самаранок бо мақсади рушди босуботи иқтисодиёт дар солҳои охир, дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорони ватанӣ, пайдо намудани заминаҳои устувор дар масири рақобатпазирӣ ва дигаргуниҳои низоми андозбандӣ самаранок арзёбӣ карда шуда, дар натиҷа болоравии динамикаи афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохила ва воридоти андозҳои давлатӣ ба назар мерасад. Дар панҷ соли охир (2015-2020) новобаста аз пандемия, тамоми давлатҳои дунёро фарогир гардидааст, Маҷмӯи маҳсулоти дохила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 55% ва даромади умумии буҷети давлатӣ 63,3 % афзоиш ёфтааст.




**Диаграмма 1. Динамикаи рушди маҷмӯи маҳсулоти дохила ва воридотҳои андозӣ дар солҳои 2015-2020 (млрд сомонӣ)**

***Сарчашма**:маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар пешбурди сиёсати андозӣ бояд зикр намуд, ки низомҳои амалкунандаи андозӣ дар маҷмӯъ самарабахш арзёбӣ гардида, дар натиҷаи ҷорӣ намудани низомҳои умумии андозбандӣ, низомҳои махсус барои соҳибкорони хурд ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, низомҳои имтиёзноки андозбандӣ, инчунин мавриди истифода қарор додани технологияҳои муосири инноватсионии иттилоотӣ, новобаста аз таъсири манфии пандемия иҷроиши нақшаи пешбинишудаи ҷамъоварии андозҳо ба буҷет босубот афзоиш ёфта, дар натиҷа тамоюли пастшавии сатҳи камбизоатӣ мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 81%-и соли 1999 ба 27,5%-и соли 2019 поён фаромадааст.

Дар замони муосир аксар давлатҳои абарқудрат, ба монанди ИМА, Хитой, Федератсияи Россия, Ҷопон ҳадафҳои олии худро дар баробари таъмини рушди иқтисодиёт рақобатпазир, истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда, таъмини тараққиёти босуботи дигар соҳаҳои хоҷагии халқ барои инкишофи иқтисодиёти рақамӣ низ дар мадди аввал қарор додаанд.

Заминаҳои аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба раванди ташаккул ва густариши раванди рақамикунонӣ, технологиҳои инноватсионӣ асосан ба даҳсолаи охир сурат гирифта, ҳоло дар аксар соҳаҳо таъсири худро гузоштааст.

Дар заминаи татбиқи амалии «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2018 – 2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018 тасдиқ гардидааст, Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз қабул гардидааст [6].

Дар ин раванд, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ваколатдори пешбурди сиёсати андоз бо мақсади таъмини иҷроиши нақшаи пешбинишудаи воридотҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ, самаранокии додугирифти маълумотҳо ва коркарди онҳо тариқи технологияи рақамӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мутобиқ ба талаботи имрӯзаи иқтисоди ҷаҳонӣ, аз ҷумла беасос халалдор сохтани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, бо истифода аз технологияи муосир ба роҳ мондани пешниҳоди электронии эъломия ва ҳисоботи андоз, дар доираи маълумоти барномаҳои ҳисоботиву назоратӣ анҷом додани корҳои таҳлилиро роҳандозӣ намудааст.

Табадулоти назаррас марбут ба ин раванд асосан баъди қабул гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи тасдиқи барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2013-2017” амалӣ карда шуда, ҳоло 36 адад барномаи компютерии Системаҳои муттаҳидии иттилоотии идоракунии андоз (СМИИА), ҷиҳати бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор, пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисоботҳои андозӣ тариқи электронӣ, баҳисобгирӣ ва назорати андози субъектҳои хоҷагидор, идоракуни ва мониторинги қарзи андоз, таҳлили хавфҳо, қабули пардохтҳо тавассути нуқтаҳои хизматрасонии “ Амонатбонк ба роҳ монда шудаанд [9].

Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки новобаста аз пешравиҳои бадастомада дар раванди маъмурикунонии андоз, татбиқи технолигияҳои муосир, таҳия ва татбиқи барномаҳои компютерӣ дар самти баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон ҳоло ҳам чораҳои амалишуда барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд кифоя набуда, алҳол муаммоҳои зерин мавҷуд мебошанд:

• ҷой доштани ҳолатҳои кам нишон додан ва ё пинҳон намудани манбаъҳои андозбандӣ;

• дар муҳлатҳои муқарраршуда ба мақомоти андоз пешниҳод накардани эъломия ва ҳисоботи андоз аз тарафи агентҳои андоз;

• сари вақт пардохт накардани андозҳои ҳисобшуда ба буҷет;

• новобаста аз чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз, роҳ додан ба афзоиши бақияпулиҳои андоз;

• Пардохти андозҳои ҳисобшудаи андозсупорандагон тариқи маблағҳои нақдӣ тавассути кормандони мақомоти андоз:

• ташрифи зиёди кормандони мақомоти андоз ба ташкилоту муасисаҳо ва ҷойҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба пардохти андозҳои ҳисобшуда, таъмини иҷрои нақшаи пешбинишудаи буҷети давлатӣ;

• нокифоягии санадҳои мавҷуда вобаста ба қабули таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон оид ба маъмурикунонии андоз дар раванди истифодаи самараноки технологияи рақамӣ

Тарҳрезӣ намудани нақшаҳои амалӣ вобаста ба рушди ҷараёни иқтисодиёти рақамӣ, дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намудани ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД, фароҳам овардани заминаҳои роҳандозӣ намудани технологияҳои иттилоотии инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ талаботи замони муосир буда, вазифаҳои афзалиятнокро дар пешбурди сиёсати рақамикунонии иқтисоди миллӣ пеш овардааст.

Вобаста ба ин, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда мешавад, ки: «Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисодиёти миллӣ чорабинӣ карда шаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда мешавад, ки ба мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияи рақамӣ дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад» [7].

Сарвари давлат дар мулоқоти худ бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо ҷиҳати таҳия намудани таҳрири нави Кодекси андоз дар радифи соддаву такмили қонунгузории андоз, ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дастуру супоришҳо доданд [8].

Таҷрибаи мамолики мутараққӣ гувоҳӣ медиҳад, ки баъзе аз кишварҳои абарқудрат кӯшишҳои пурра ба диктатураи рақамӣ гузаштанро пешбинӣ намуда, Ҷумҳурии Чин дар реҷаи таҷрибавӣ ҳануз аз соли 2014 дар 40 шаҳри калони мамлакат лоиҳаи гузаштан ба технологияи рақамиро ҳадафи асосии худ қарор додааст [9].

Аз давлатҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ танҳо ба Федератсияи Россия муяссар гаштааст, ки ба панҷгонаи кишварҳои бо сатҳи баланди рушди рақамисозии иқтисодиёт дохил шавад.

Барои таъмини босуботи рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳануз хатарҳои осебпазирӣ низ таҳдид менамояд, рушди андозбандӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аҳамияти хосса дошта, барои аз байн бурдани кушишҳои пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ, пешниҳоди саривақтии ҳисоботи андоз, пардохти пурра ва саривақтии андозҳо, пешбурди корҳои назоратӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва дигар унсурҳои номатлуб низ мусоидат менамояд.

Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" пешбинӣ шудааст, ки ба мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда шартҳои асосии рушди минбаъда инҳо мебошанд:

1) мавҷудияти ҳукумати касбӣ, ки қобилияти ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти хоҷагӣ, таъмини рушди устувори дарозмуҳлат ва фарогирро доро;

2) ташаккули минбаъдаи иқтисодиёти омехта, ки рушди он ба соҳибкории хусусӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунад;

3) ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди рушд" [4].

Қайд карда шудааст, ки "Таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ метавонанд ба Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои иқтисодиёти дарҳои кушода дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ ва тасҳеҳи марҳилаҳои рушд таъсир расонад".

Дар санади мазкур таҳдидҳои асосии зеринро метавон ҷудо кард:

- нокифоягии шароити фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва бесамар, коррупсия, гаронии аз ҳад зиёди андоз ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, ҳимояи заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон ифода ёфтааст;
- нокифоягии механизми андози ба рушди иқтисодиёт нигаронидашуда, ки ҷиҳати маъмуригардонии андозсупорандагон вазнинӣ меорад;
- ҷорӣ намудани усулҳои ба хавфҳо нигаронидашуда дар низоми танзим ва назорат;
- ташаккул додани унсурҳои зарурии "ҳукумати электронӣ" ҷиҳати татбиқи сиёсати "маълумоти кушода";
- такмил додани маъмурикунонии андоз ба мақсади баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварӣ, коҳиш додани фишори маъмурӣ ба андозсупорандагони бомасъулият, баланд бардоштани дараҷаи шаффофият ва қобилияти пешгӯии низоми андоз [4].

Дар марҳилаи муосир гузоштани заминаҳои устувор ва рақобатпазири рушди босуботи иқтисодиёт, аз ҷумла, пиёда намудани ҳадафҳои сиёсати молиявӣ – андозӣ, таъмини нақшаҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ҳамчун омили асосии баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон муҳайё намудани шароитҳои ҳамлу васли технологияи муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ такмили қонунгузориҳои амалкунанда ва маблағгузориҳои иловагӣ талаб менамояд.

Роҳандозӣ намудани низоми мукаммали технологияи рақамӣ танҳо аз ҳамлу васли технологияи муосир дар ин масир вобаста набуда, самаронокии он аз амалӣ намудани маҷмӯи чораҳои комплексии дар асоси қонунгузорӣ ҳифзшавандаи таъсирбахш дар фаъолияти ҳамаи субъектҳои хоҷагии халқ аз ҷумла, ҳатмӣ будани татбиқи он дар пешбурди фаъолияти ҳамарӯзаи хизматӣ, баланд бардоштани маданият ва малакаи дониши субъектҳои хоҷагидор, шахсони масъул вобастагӣ дорад.

Бо сабаби номукаммал будани шароити мусоид барои истифодаи амалиётҳои ҳамарӯзаи технологияи рақамӣ, интиқоли ҳатмии маблағҳои харидӣ ва таҳвилӣ, хизматрасониҳо тариқи бонкҳо, таъмини пардохти уҳдадориҳои андозӣ, музди меҳнати кормандон, маблағгузориҳои депозитӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳо, маблағи нерӯи барқ, об ва дигар хизматрасониҳои коммуналӣ алҳол нуфузи муомилоти маблағҳои нақдӣ тавассути шахсони сеюм, кормандони соҳаҳои гуногуни ваколатдор ва хизматрасон ба тариқи назаррас коҳиш наёфтааст.

Раванди рақамикунонии муносибатҳои иқтисодӣ дар таъмини рушди низоми андозбандии миллӣ афзалиятнок арзёбӣ гардида, амалӣ намудани он танҳо аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои ваколатдор ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ вобастагӣ надошта, балки аз иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ, субъектҳои мақомоти андоз, андозсупорандагон бонкҳои хизматрасон низ алоқамандии ногусаста дорад.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронида ташрифҳои зиёди кормандони мақомотҳои ҳудудии андоз ба ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ, макони фаъолияти соҳибкорон ва махсусан хоҷагиҳои кишоварзӣ бо сабаби пеш омадани зарурати корӣ буда, сабаби он таъмин нагардидани саривақтии иҷроиши уҳдадориҳои андозӣ, ҳисоб ва пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ, тибқи муқаррароти Кодекси андоз пешниҳод накардани эъломияҳо ба мақомоти ҳудудӣ мебошад. Чунин ташрифҳо вақти зиёдро талаб намуда, ин ҳолат боиси коҳиш ёфтани корҳои хизматрасонӣ ва назоратӣ дар утоқҳои корӣ тариқи барномаҳои компютерӣ, инчунин даҳолат намудан барои пардохти маблағҳои нақдии андозӣ мегардад.

Вобаста ба ин зарурат пеш омадааст, ки дар заминаи самаранокии иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳияи нақшагирӣ ва инчунин пайгирии натиҷаи иҷроиши онҳо беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, роҳандозӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ, махсусан омӯзиши истифодабарии технологияи муосири рақамӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни

субъектҳои хоҷагидор, фароҳам овардани заминаҳои васли технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун самти афзалиятнок муносибат карда шавад.

Вобаста ба амалӣ гардонидани ҳадафҳои асосӣ тибқи нақшаи дурнамо ва рушди иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод карда мешавад, ки:

❖ ҷиҳати пурра ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ татбиқи амалии Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ таъмин карда шуда, дар асоси барномаи кӯтоҳмуддат дар давоми 2 соли тақвимӣ ҳатмияти пешниҳоди ҳамаи эъломияҳо ва ҳисоботи андоз, инчунин роҳандозӣ намудани пардохти андозҳо танҳо тариқи электронӣ, бонкҳои хизматрасон ва терминалҳо;

❖ фароҳам овардани шароити пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисоботҳои андоз тариқи электронӣ дар терминалҳо, махсусан, ба соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ дар бинои мақомоти андоз ва ё бонки хизматрасонӣ, ташкилотҳои қарздиҳӣ;

❖ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ амалӣ намудани чораҳои маъмурикунонии андоз, махсусан, ба андозсупорандагони бемасъулият барои дар мӯҳлатҳои муқарраршуда пешниҳод накардани эъломияҳо ва ҳисоботи андоз, пардохти андозҳо танҳо тариқи технологияи рақамӣ;

❖ ба мақсади ҳавасмандгардонии андозсупорандагони бомасъулият барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва риояи талаботи технологияи рақамӣ ҷорӣ намудани имтиёзҳои андоз ва пешбурди корҳои назоратӣ.

Адабиёт:

1. *Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 335 с.*

2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ». – Душанбе, 26.12.2005. - №320.*

3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамӣ». – Душанбе, 21.07.2007.*

4. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2015.*

5. *Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 30.12.2019. - № 642.*

6. *Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияи иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2017. - Душанбе, 2014. - №534.*

7. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, 26.12.2019. – 47с.*

8. *Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар. – Душанбе, 2019.*

9. *Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [сомона]. URL: http://www.andoz.tj*

**Сабуров Д.Дж.**

## ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ В ПРОЦЕССЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ

**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

*В рыночной экономике механизм налоговой системы является одним из основных рычагов национальной экономики и регулирования финансовой системы. Развитие экономики государства зависит от правильного регулирования налогообложения предприятий и организаций. Налоговая политика, согласованная с финансово-денежной системой государства, является центральной частью финансовой политики страны.*

***Ключевые слова:*** *налог и налогообложение, цифровая экономика, налоговая политика, валовый внутренний продукт, налоговое поступление, электронное правительство.*

**Saburov D.J.**

## FACTORS OF THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL TAX SYSTEM IN THE PROCESS OF DIGITALIZATION OF ECONOMIC RELATIONS

**Tajik state university of law, business and politics**

*The mechanism of the tax system is one of the main levers of the national economy and regulation of the financial system in a market economy. The development of the state economy depends on the correct regulation of taxation of enterprises and organizations. Tax policy, consistent with the financial and monetary system of the state, is the central part of the country's financial policy.*

***Keywords:*** *tax and taxation, digital economy, tax policy, gross domestic product, tax revenue, e-government.*

***Сведение об авторе:***

***Сабуров Дустмухаммад Джумаевич*** *– старший преподаватель кафедры Налоги и налогообложение Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Телефон: 98-510-00-42*

УДК 351.713(575.3) Нурзода Ҷ.М.

# МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛИ СИСТЕМАИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ТАВАССУТИ ТАЪСИСИ УТОҚИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақола ба тариқи тезиси баромад моҳият ва роҳҳои ислоҳоти системаи маъмурикунонии андоз, аз ҷумла тавассути таъсиси утоқи шахсии андозсупоранда нишон дода шудааст. Дар мақола барои равшан намудани принсипҳои асосии ислоҳоти минбаъдаи маъмурикунонии андоз дар кишвар кӯшиш карда шудааст.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *<u>маъмурикунонии андоз, </u>механизми электронии амалиёт дар системаи андоз, утоқи шахсии андозсупоранда.*

Тӯли даврони ба дастории истиқлолияти давлатӣ дар низоми андози кишвар тағйироти назаррас ба амал омадаанд, ки он барои беҳдошти вазъи умумии иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсии кишвар асос гузоштааст. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ, иқтисоди кишвар хароб гардида, низоми идораи иқтисод, аз ҷумла низоми андоз ба пуррагӣ фалаҷ гашта буд. Танҳо пас аз иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ, ки 16 ноябри соли 1992 баргузор шуд, барои ислоҳоти конститутсионии минбаъда дар кишвар замина гузошт. Маҳз сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои барқарорсозии низоми сиёсӣ, низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии харобшуда, таъмини фаъолияти муътадили ҳукуматро ҳам дар сатҳи мақомоти марказии идораи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи мақомоти маҳаллии идораи давлатӣ асос гузоштааст.

Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои солонаи худ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла беҳбудии сифат ва сатҳи зиндагии аҳолиро бо масъалаҳои тақвият додани ҳам иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии кишвар ва ҳам системаи ташаккули буҷети давлатӣ ва низоми андоз алоқаманд кардаанд.

Мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ба содда ва дастрасии он ба андозсупорандагон, умуман ба ҳама шаҳрвандон, хизматрасониҳои босифати хадамоти андоз чун омилҳои муҳими ба раванди таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии кишвар таъсиррасон, ба рақамикунонии (электроникунонии) расмиёти андоз ва ҳарчӣ бештар аз байн бурдани тамоси шахсӣ миёни андозсупоранда ва андозситонанда равона карда шудааст.

Барои мукаммалсозии ташкили низоми маъмурикунонии андоз дар ҳама сатҳҳои идора дар Кумитаи Андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми даҳ соли охир таъсири амали Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 хеле назаррас аст ва Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, ки имрӯз мавриди амал қарор мегирад, идомаи мантиқии барномаи аввал мебошад. Ҳарду барномаи тадбиқмешуда асосан се самти ҳаракат дорад: (1) Соддагардонии низоми андоз; (2) Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва (3) Беҳдошти раванди риояи қонунгузории андоз. Дар асоси тақвият додани иқтидори назоратии самаранокии хизматрасонии мақомоти андоз бо истифода аз методология ва услубҳои муосир, арзёбии он бо нишондиҳандаҳои асосии фаъолият, ҷорӣ намудани унсурҳои ҳукумати электронӣ, воридсозии расмиёти ба самтҳои асосии ислоҳоти андоз ва мувофиқ ба системаи электронӣ ва гардиши электронии иттилоот, ҷорӣ гаштани техника ва технологияи нав барои фаъолияти босамар ва соддагардонии расмиёти андоз, баланд гаштани сифат ва шаффофияти маъмурикунонии давлатии низоми андоз ҳам дар сатҳи минтақаҳо ва ҳам дар сатҳи мақомоти марказӣ имконпазир гардидааст.

Аммо, чунин раванд раванди такмилоти низоми маъмурикунонии андоз раванди бетартибона нест, баръакс, ин раванд мувофиқ ба занҷири мушаххаси мантиқӣ ташкил карда шудааст ва аз ҷиҳати институтсионалӣ раванди асоснокшуда мебошад ва тадбирҳои банақшагирифташуда ба афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва

барномаҳои дахлдори миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мутобиқшуда мебошанд.

Дар доираи барномаҳои банақшагирии стратегии маъмурикунонии андоз дар кишвар як қатор ислоҳотҳо гузаронида шудаанд, ки ба фароҳам овардани замина барои фаъолияти бомуваффақияти минбаъдаи низоми андоз равона шудаанд. Аз ин лиҳоз татбиқи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 имкон додааст, ки натиҷаҳои назаррас дар тамоми спектри ислоҳоти амалишаванда ба даст оварда шаванд: азнавсозии сохторӣ ва функсионалӣ; ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти мақомоти андоз; баландбардории иқтидори кадрии мақомоти андоз; таҳия ва татбиқи технологияҳои иттилоотии маъмурикунонии андоз; ташкили назорати самарабахши иҷрои қонунгузории андоз дар асоси принсипи худтанзимкунӣ; ташкили низоми самарабахш оид ба коҳиш додани ҳаҷми қарзи андоз; такмил ва содда кардани низоми хизматрасонии андозсупорандагон; тақвияти Нозироти андозсупорандагони калон ва иқтидори воҳидҳои назорати андозсупорандагони миёна; чораҳои меъёрӣ - ташкилӣ оид ба то ҳадди имконпазир содда гардонидани маъмурикунонии андоз иҷро шудаанд. Ҳамчунин, чораҳои назаррас ҷиҳати таҳкими заминаи молиявӣ ва моддию техникии мақомоти андоз андешида шудаанд.

Баланд гаштани самаранокии маъмурикунонии андоз, ки имрӯзҳо мавриди баррасию арзёбӣ қарор мегардад, натиҷаи ислоҳоти ҷиддӣ дар солҳои охир, бахусус такмилоти барномавии системаи маъмурикунонии андоз мебошад. Рушди муътадили маъмурикунонии андоз аз як тараф аз ислоҳоти татбиқмегардида шаҳодат диҳад, аз тарафи дигар аз тамом шудани имконоти истифодаи услубҳои экстенсивии рушд ва зарурати гузариш ба услубҳои интенсивӣ, аз ҷумла услубҳои инноватсионии рушд шаҳодат медиҳад. Услубҳои мустақими таҳияи сохтори муайян бо функсияҳои нави маъмурикунонӣ ва равандҳои корӣ дар низоми мавҷудаи хадамоти андоз захираҳои худро ба охир расонидаанд ва баландбардории минбаъдаи самаранокӣ бояд тибқи тағйироти интенсивӣ, бо занҷири мантиқии тадбиқи сиёсати самти иқтисоди рақамӣ дар маъмурикунонии андоз босифат асос дода шавад ва чунин занҷири мантиқӣ метавонад танҳо бо барномаҳои миёнамуҳлати рушд, ки бо ҳам алоқамандии бевоситаро дорад, имконпазир мебошад. Воқеан, ба инобат гирифта шудани марҳилабандии барномавии рушди маъмурикунонии андоз ҳангоми муайян намудани марҳилаҳои такмили системаи маъмурикунонии андоз зарур аст, зеро дар таҷрибаи такмилоти низоми андоз рушди маъмурикунонии андоз бе барномаи муайян низ вуҷуд дошт.

Ислоҳоти минбаъдаи маъмурикунониии андоз дар кишвар бо татбиқи пайвастаи чунин принсипҳо алоқаманд мебошад: мустақилияти комили ҳисобкунӣ, беғаразӣ; хизматрасонӣ бидуни тамоси шахсӣ; чандирии нақша ва қобилияти навоварӣ дар пешниҳоди хизматрасонӣ, адолат дар арзёбии манбаи андозсупорӣ, пешгӯӣ ва самаранокӣ, масъулияти дуҷонибаи андозсупорандагон ва мақомоти андоз.

Ҳарчанд, меъёрҳои андоз дар кишвари мо аз меъёрҳои дар кишварҳои бештари Осиёи Марказӣ ва ИДМ қабулгардида пасттаранд, бахши хусусӣ ҳанӯз ҳам бо сарбории баланди институтсионалӣ ва аз ҳад зиёд танзим шудани маъмурикунонии андоз арзёбӣ карда шудааст. Бинобар ин, омӯзиши дақиқи таъсирнокии натиҷаҳои ислоҳоти низоми маъмурикунонии андоз ба даромадҳои буҷетӣ зарурати хос дорад, зеро аз байн бурдани омилҳои манфии рушди бахши хусусӣ маънои беҳбудии раванди ташаккулёбии қисми даромади буҷети давлатӣ мебошад. Дар корҳои минбаъдаи худ мо кӯшиш мекунем, ки ин масъалаҳоро муфассалтар баррасӣ намоем, зеро масъала ҳаҷмнок ва серомил буда, дар доираи як мақолаи маҳдуд баррасиии тамоми ҷанбаҳои он имконнопазир нест. Танҳо қайд менамоем, ки сохтори қисми даромади буҷети давлатӣ на танҳо нишондиҳандаи асосии дараҷаи таъсирнокии ислоҳоти ҷорӣ дар низоми андоз аст, балки нишондиҳандаи асосии рушди бахши воқеии иқтисодиёт мебошад. Афзоиш ё коҳиш ёфтани қисми даромади буҷети давлатӣ аз рӯи андозҳо ва даромадҳои ғайриандозӣ нишондиҳандаи муҳими рушди иқтисоди кишвар мебошад. Аммо, тағйирёбии динамикаи афзоиши андоз аз даромад ва ё

андоз аз фоида нишондиҳандаи муҳими рушди бахши воқеии иқтисодиёт аст ва дараҷаи таъсири натиҷаҳои ислоҳоти институтсионалӣ, аз ҷумла низоми маъмурикунонии андозро нишон медиҳад.

Тавре мушоҳида намудан мумкин аст, нишондиҳандаи тағйирот дар андоз аз даромад рӯ ба афзоиш аст, аммо дар суръати тағйирёбӣ аз нишондиҳандаи умумии қисми даромади буҷети давлатӣ ва даромадҳои ғайриандозӣ нисбатан сусттар аст, ки ин нишондиҳандаи фаъолнокии нокофии соҳибкорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт мебошад .

Хавфҳои маъмурикунонии андоз ва хавфҳои коҳишёбии манбаи андоз дар минтақаҳои кишвар дар сатҳи хеле баланд боқӣ мемонанд. Хавфҳои маъмурикунонии андоз асосан бо камбудиҳои банақшагирӣ ва пешгӯии андоз дар минтақаҳои кишвар бо сабаби истифодаи усулҳои номукаммал, таҳрифот дар маълумоти оморӣ; хатогиҳо дар ҳисобкунии нишондиҳандаҳо ва пешниҳоди маълумоти нопурра барои ҳисобкунии андозҳо аз шахсони воқеӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва шартномаҳо бо он, мақомоти баҳисобгирии техникӣ ва ғайра алоқаманд мебошанд.

Такмилоти низоми маъмурикунонии андоз дар тӯли даврони ба даст оварда шудани истиқлолияти давлатии кишвари мо дар доираи барномаҳои дарозмуддат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати ислоҳоти системаи иқтисод ва иҷтимоиёт амалӣ карда мешаванд.

Хатарҳо ва омилҳои асосии мавҷуда, ки ба самаранокии ислоҳот дар системаи маъмурикунонии андоз таъсир мерасонанд, дар корҳои муҳаққиқони зиёди ватанӣ инъикос ёфтаанд [4,5]. Аз ҷумла, корҳои Солеҳзода А.М. дар ин самт назаррас мебошанд ва дар аксари онҳо хавфҳои мавҷуда тасниф ва тадқиқ қайд карда шудаанд. Дар яке аз мақолаҳои илмии олим қайд мегардад, ки «Рушди минбаъдаи системаи маъмурикунонии андоз бидуни фароҳам овардани рушди нишондиҳандаҳои муайянгардидаи соҳаи андоз, таъмин гардидани шаффофият ва ченшавандаи самаранокии фаъолият дар соҳаи андоз ва ба модели ягонаи консептуалии самаранокии раванди иҷроиши даромади буҷети давлатӣ танзимшуда ва бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонии ислоҳоти маъмурикунонии андоз ғайриимкон аст.» [4. , 71-72].

Самти асосии такмили системаи маъмурикунонии андоз ба қадри имкон содда гардонидани расмиёти андоз, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва механизмҳои электронии амалиёт дар системаи андоз ва дар натиҷа, ба тариқи максималӣ кам намудан ва ҳатто аз байн бурдани тамоси шахсӣ миёни андозсупоранда ва кормандони андоз мебошад.

Таъсиси «Утоқи шахсии андозсупоранда» ҳамчун махзани иттилоотӣ ва ҷой додани он дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳим дар ҳалқаи умумии автоматикунонӣ ва соддагардонии расмиёт ва меъёрҳои қонунгузории соҳаи андозбандӣ маҳсуб меёбад, ки ҳам барои андозсупоранда ва ҳам барои мақомоти андоз баробар зарур аст.

Утоқи шахсии андозсупоранда механизми идоракунии маҷмӯӣ ва автоматикунонии равандҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи барномаҳои миёнамуҳлати рушди маъмурикунонии андох [3] ба роҳ монда шудааст механизм, ё худ махзани иттилоотии мазкур фарогири тамоми ҷанбаҳо ва имконоти функсионалии иттилоотӣ барои маъмурикунонии маҷрои иттилоотии Кумитаи андоз ва андозсупорандаҳо буда, имкони пешниҳод гардонидани ҷанбаи васеи веб-хизматрасониҳо, таъсиси модули махсус, ки робитаи мутақобилаи системаро бо дигар системаҳо ва қарорҳо аз рӯйи принсипи ҳукумати электрониро дорад. Утоқи шахсии андозсупоранда бо мақсади татбиқи пурраи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои андозсупорандагон ва мақомоти андоз, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, таъсис дода мешавад.

Ҳамаи андозсупорандагон, ки ҳамчун истифодабарандаи утоқи шахсии андозсупоранда ба қайд гирифта шудаанд, тавассути он имкони дарёфт намудани ҳуҷҷатҳо аз мақомоти андоз ва ирсол намудани ҳуҷҷатҳо ё иттилоотро ба мақомоти андоз доранд [1,2].

Зимнан, аз мақомоти андоз ба воситаи утоқи шахсии андозсупоранда дарёфт кардани ҳуҷҷатҳоро шахси воқеӣ метавонад баъди ба мақомот ирсол намудани огоҳинома дар бораи истифодаи кабинети шахсии андозсупоранда амалӣ кунад.

Бо маърӯзаи мазкур маълумоти мухтасарро роҷеъ ба имкониятҳои «Утоқи шахсии андозсупоранда» ҳамчун махзани мувофиқ ва дастраси иттилоотӣ пешниҳод мегардонем:

1. Дар хотир доштан зарур аст, ки махзани иттилоотии «Утоқи шахсии андозсупоранда» утоқи ҳамаҷониба ҳифзшаванда аст ва он аз воридшавӣ ва истифодабарии шахси бегона ба таври махсус ҳифз карда мешавад.

2. Супоридани эъломия. Системаи супоридани ҳисоботдиҳии электронӣ барои субъектҳои тибқи тартиби умумии андозбандишаванда номгӯи пурраи воситаҳоро барои супоридани ҳисоботдиҳии андозӣ ва дар шакли электронӣ амалкунандаро дар бар мегирад.

3. Санадҳои электронии муқоисавӣ. Хизматрасонии онлайн имкон медиҳад, ки санадҳои муқоисавӣ бо мақомоти андоз бе ташрифи бевоситаи онҳо, яъне фосилавӣ ва бе тамоси шахсӣ таҳия ва тасдиқ карда шаванд.

4. Маълумотномаи электронӣ дар бораи мавҷуд набудани қарздорӣ. Система имкон медиҳад, ки маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани қарздорӣ дар шакли электронӣ дастрас бошад.

5. Ҳисоб-фактураҳои электронии андоз. Хизматрасонии онлайни навишта додани ҳисоб-фактураҳои электронии андозӣ. Хусусиятҳои фарқкунандаи ин тарзи хизматрасонӣ ин аст, ки робитаи пурра бо системаи иттилоотии андозӣ, бидуни маҳдудият дар навишта шудани ҳисоб-фактураҳои электронии андоз ва инъикоси автоматикии он дар мавриди тағйирёбии эъломия имконпазир гардидааст.

6. Дархостҳои электронӣ барои бекор кардани ҳисоб-фактураҳо. Система имкон медиҳад, ки аз тариқи реҷаи онлайн дархостҳо барои бекор кардани ҳисоб-фактураҳои электронӣ пешниҳод гарданд ва тасдиқнома оид ба бекор кардани онҳо дастрас карда шавад.

7. Анбори (ё худ, хазинаи) электронӣ (борхатҳои молӣ-нақлиётӣ). Хизматрасонии электронии ташаккулёбии муҳити маълумотҳо имкон медиҳад, ки анбори маҷозии субъектҳо ташаккул ёбад. Система имкон медиҳад, ки тамоми амалиётҳо оид ба истифодабарӣ ё ҷойивазкунии арзишҳои молӣ-моддӣ дар анборҳо, инчунин инъикоси автоматикии амалиётҳо дар ҳисоботҳои андозӣ татбиқ карда шаванд.

8. Муроҷиати электронӣ ва қабули арзу шикоятҳо. Ин намуди хизматрасонӣ ба ҳар як шахс – истифодабарандаи «Кабинети шахсии андозсупоранда» имкон медиҳад, ки дар шакли электронӣ ба Кумитаи андоз мурочиат кунад ё дар бораи амалҳои ғайриқонунии кормандон ариза пешниҳод гардонад, инчунин роҷеъ ба такмил додани кори махзани иттилоотӣ пешниҳодот манзур созад.

9. Пешниҳоди ариза барои баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда (ААИ). Пешниҳоди электронии ариза барои баргардонидани ААИ ва иттилоӣ ба он иловагардида, инчунин баррасии электронии ариза бо интиқоли минбаъдаи хулоса оид ба баргардонидани ААИ ба унвонии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардидааст.

10. Мониторинги МНХ (мошинаҳои назоратӣ - хазинавӣ). Хизматрасонии мониторинги мошинаҳои назоратӣ-хазинавӣ, ки бо таҷҳизоти воситаҳои интиқоли иттилои электронӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, имкон додааст, ки дар реҷаи вақти воқеӣ нуқтаҳои фурӯши субъект таҳти назорат қарор дошта бошанд.

11. Назорати автоматикии камералӣ ба тариқи интихоби озод ташкил карда шуда, ба тариқи фосилавӣ анҷом дода мешавад. Система имкон медиҳад, ки механизми электронии якҷояи иттилооти андоз, манбаъҳои берунии маълумотҳо ва маълумотҳои эъломияҳои андоз бо мақсади ба таври автоматикӣ ташаккул додани натиҷаҳои назорати камералӣ истифода карда шаванд.

12. Санҷиши иштирокчии шартнома (контрагент). Хизматрасонии онлайн ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ имкони санҷиши иштирокчии шартномаро оид ба мавҷудияти мақоми барҳамхӯрӣ ва ғайра имконпазир гардидааст.

Ҳамин тариқ, ислоҳоти минбаъдаи маъмурикунонии андоз дар кишвар бо татбиқи пайвастаи принсипҳои зерин алоқаманд хоҳад буд: комилан аз байн бурдани ҳуҷҷатгузории

қоғазӣ дар хизматрасонии андоз ва гузариш ба гардиши электронии маълумот, ҳарчи бештар кам кардани тамоси шахсӣ миёни андозсупоранда ва андозситонанда, мустақилияти комили ҳисобкунӣ, беғаразӣ, содда ва фаҳмо будани расмиёти андоз, чандирӣ ва қобилияти нововарӣ дар пешниҳоди хизматрасонӣ дар системаи андоз, адолат, пешгӯӣ ва самаранокӣ, масъулияти дуҷонибаи андозсупорандагон ва мақомоти андоз.

**Адабиёт:**

1. *www.andoz.tj – сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба қайд гирифтани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009 с., №5, ст. 316; 2010 с., №12, қ. 1, моддаи. 828; 2012 с., №12, қ. 1 моддаи 1006; 2015 с., №11, моддаи 972; Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 с., № 1319.*

*3. Барномаи маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2012с., №166 ва аз 23.08.2016 с., №354 тасдиқ гардидааст.*

*4. Солехзода А.М. Развитие концептуальных подходов к оценке эффективности налогового администрирования в РТ. Журнал Экономика Таджикистана №1.2019. ISBN 978-99947-1-473-5. Душанбе, 2019, стр 71-79.*

*5. Солехзода А.М. Технологии мониторинга в развитии налогового администрирования Республики Таджикистан. Журнал Экономика Таджикистана №4.2018. ISBN 978-99947-1-473-5 Душанбе, 2018, стр 119-126.*

**Нурзода Дж.М.**

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ ПОСРЕДСТВОМ ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОГО КАБИНЕТА НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКА

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В статье обобщена сущность и определены пути реформирования системы налогового администрирования, в том числе путем создания личного кабинета налогоплательщика. Статья направлена на обоснование основных принципов дальнейшей реформы налогового администрирования в стране.*

***Ключевые слова:*** *налоговое администрирование, электронный механизм работы в налоговой системе, личный кабинет налогоплательщика.*

Nurzoda J.M.

## IMPROVEMENT OF THE TAX ADMINISTRATION SYSTEM THROUGH THE FORMATION OF A PERSONAL ACCOUNT OF THE TAXPAYER

Institute of economics and demography
of the National academy of sciences of Tajikistan

*Author in this article summarizes the essence and defines the ways of reforming the tax administration system, including by creating a taxpayer's personal account. The article is aimed at understanding the basic principles of further reform of tax administration in the country.*

***Key words:*** *tax administration, electronic mechanism of work in the tax system, taxpayer's personal account.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Нурзода Ҷумахон Мадамон -*** *унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Почтаи электронӣ:nurzoda.jumahon@mail.ru.*

УДК 342:631.6 Обидов К.Р.

# СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ВОДНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ ТАДЖИКИСТАНА: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В статье представлен научный анализ современного состояния инфраструктуры орошаемого земледелия и системы водоснабжения населения страны. Выявлены основные проблемы (высокий износ сети и сооружений, неэффективная система управления, острая нехватка финансов для содержания и модернизации водной инфраструктуры и т.д.) и предложены действия для решения этих проблем, включая оптимизацию системы управления и проведения инвентаризации сетей, создания различных фондов для устойчивого финансирования и развития государственно-частного партнерства.*

***Ключевые слова:*** *водные ресурсы, инфраструктура, водопользование и водосбережение, плата за воду, сотрудничество.*

Одним из важнейших факторов в интенсификации сельского хозяйства является фактор развитости производственной инфраструктуры, занимающей все более значительное место среди условий, определяющих экономическое развитие и размещение производительных сил.

В регионе, с ярко выраженной сельскохозяйственной специализацией и расположенном в аридной зоне, особое значение приобретают элементы водохозяйственной инфраструктуры. Для республики роль и значение элементов водохозяйственной инфраструктуры возрастают в связи с ограниченностью земельных ресурсов и жестких лимитов на водопользование, что требует, на основе анализа современного состояния оросительных систем и их технической оснащенностью, внедрения современных инновационных технико-экономических подходов для модернизации инфраструктуры водохозяйственного комплекса.

Основными водопользователями в Таджикистане являются орошаемое земледелие - 90% и питьевое водоснабжение и санитария - 5%, и соответственно более 95% всех инфраструктурных сетей и гидротехнических сооружений обслуживают именно эти два сектора водного комплекса страны.

Таджикистан располагает богатыми водными ресурсами, основными источниками которого являются реки Сырдарья, Вахш, Пяндж, Зарафшан, Кафарниган и др., во время таяния снегов и ледников через них проходит до 80-90% годового стока. Приведенные ниже в таблице 1 данные свидетельствуют, что на территории страны формируется более 52% речного стока бассейна Аральского моря и, в том числе, по бассейну реки Амударья более 77%.

Такой режим стока не является противоречием, т.е. совпадает с сезонной потребностью в воде для орошаемого земледелия. Имеется также значительное количество запасов подземных вод. Наибольшее количество из них сосредоточено в Согдийской и Хатлонской областях, в Районах Республиканского подчинения. В настоящее время в Республики Таджикистан подземные воды используются в основном для водоснабжения населенных пунктов. Интенсивное развитие промышленности и сельского хозяйства, рост населения в городах оказывает существенное влияние на развитие водоснабжения населения. Несмотря на значительные запасы водных ресурсов Таджикистана, проблема изыскания и рационального использования водных ресурсов – одна из острых и основных проблем, будет иметь большую значимость и в перспективном периоде.

***Назаров Мирфозил Хуршедович*** *- выпускник МГИМО,*

УДК 338.246.027.7:331.024.2

Бабаджанов Р.М.,
Абдураҳимова Н.Ч.

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ИНДУСТРИАЛӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАҲОИ КИШВАР АЗ НИГОҲИ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ШУҒЛИ ҒАЙРИРАСМӢ

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Мақола ба масъалаҳои рушди индустриалӣ ва инноватсионии минтақаҳои кишвар аз нигоҳи ба расмият даровардани шуғли ғайрирасмӣ бахшида шудааст. Дар мақола нуктаҳои назариявии ба расмият даровардани шуғли ғайрирасмӣ ва фоиданокии он тадқиқ карда шуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда манзур карда шудааст.*

***<u>Калидвожаҳо</u>:*** *иқтисоди минтақавӣ, рушди индустриалӣ ва инноватсионии минтақаҳои кишвар, бозори меҳнат, ба расмият даровардани шуғли ғайрирасмӣ.*

Фаҳмиши дуруст ва мувофиқи мавҳуми шуғли ғайрирасмӣ барои коркард ва таҳияи консепсияи шуғли пурмаҳсул ва дурнамои рушди бозори меҳнат дар кишвар аҳамияти зиёд дорад. Ҳамчунин, мубрамияти масъалаи гузошташуда на танҳо ба масъалаҳои шуғли пурмаҳсул ва пурсамар рабт дорад, балки роҳҳои ҳалли мушкилоти пешомада ба омилҳои амалӣ гаштани ибтикор ва афзалиятҳои муқаррargардида дар ҷодаи рушди индустриалӣ ва инноватсионии минтақаҳои кишвар мувофиқ мебошад.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 омадааст, ки «Сиёсат оид ба дастгирии корхонаҳои саноатии истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда «нуқтаҳои нави рушд»-ро дар минтақаҳои кишвар ташаккул дод. Дар натиҷа ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (ММM) дар муқоиса ба соли 2007 (11,7 млрд. сомонӣ) 6 маротиба, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 6 маротиба, вилояти Суғд 7 маротиба, Хатлон 5 маротиба, ВМКБ 6 маротиба ва НТҶ 3,6 маротиба афзоиш ёфта, дар соли 2019 ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 88,4 фоизро ташкил дод. Дар сохтори ММM ҳиссаи шаҳри Душанбе 19,6 фоиз, вилояти Суғд 26,5 фоиз, Хатлон 25,4 фоиз, ВМКБ 1,4 фоиз ва НТҶ 15,9 фоиз мебошад, ки ин фарқияти афзоишёбандаи байни минтақаҳоро нишон медиҳад» [2]. Дар ҳақиқат, баланд гардидани саҳми саноат дар маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, яъне дар иқтисоди минтақа яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳими рушди иқтисоди кишвар мебошад. Бинобар ин, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соҳаи саноат чун ҳадафи чоруми рушди устувор [1] заминаи хеле назаррас барои рушди бемайлони соҳаи саноат чун нерӯбахши рушди инноватсионӣ ва таконбахши такмилоти сохтори иқтисоди кишвар мебошад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ амалӣ гардонида истодаем». Ва, боз: «Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад… Бинобар ин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд фаъолияти худро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани

корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшанд ва доир ба вазъи иҷрои корҳо ҳар нимсола ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот пешниҳод намоянд» [1].

Яъне, асоси ҳалли кулли мушкилоти мавҷуда, аз ҷумла ҳолати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, аз ҷумла шуғли ғайрирасмӣ ва ба расмиёт даровардани он рушди босуръати саноат аст, ки раванди таъсиси ҷойҳои корӣ мебошад. Ва, баррасии бештари чунин масъалаю мушкилот, аз ҷумла барномаҳои соҳавӣ бояд, пеш аз ҳама, дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо сурат гирад.

Дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қайд карда шудааст, ки «Ҳоло рушди минтақаҳои кишвар нобаробар амалӣ шуда истодааст, ки сабабҳои асосии он ҷойгиршавии нобаробари захираҳои табиӣ, фарқият дар шароити иқлимӣ, ҳаҷми ҷалби сармоя ва сармоягузорӣ, даромади пулии аҳолӣ, мавқеи минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва шохиси рушди неруи инсонӣ ба ҳисоб меравtotalанд» [2]. Дар ҳақиқат, дар корҳои илмии олимони соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва соҳаи иқтисоди минтақавии тамоми кишварҳои пасошӯравӣ қайд карда мешавад, ки мушкилоти асосии рушди иқтисоди минтақавӣ ин мушкилоти тафовути ҳудудӣ (пространственная поляризация) арзёбӣ мегардад. Масалан, ходими пешбари илмии Донишгоҳи давлатии химия ва технологияи шаҳри Иваново-и Федератсияи Россия қайд менамояд, ки «Становление в России рыночных отношений, а также недавний мировой экономический кризис вызвали трансформацию всей хозяйственной системы страны и привели к сильному расслоению ее регионов» [3]. Ва боз дар раванди мубрамияти мушкилоти пешомада ва зарурати ҳалли оҷил ва қатъии он меафзояд, ки «Возникающие диспропорции в развитии затрудняют дальнейшее эффективное развитие многих регионов, тормозят социально-экономические процессы (происходит спад производства, возрастает уровень безработицы, уменьшаются доходы населения) и приводят к обострению пространственной поляризации российской территории». Дар ҳақиқат, зарурати назари амиқ ба мушкилоти тафовути ҳудудӣ дар рушди иқтисоди минтақавӣ ба равшан гардидани бештари аз масъалаҳои рушди минтақаҳои кишвар ва роҳҳои ҳалли он мусоидат менамояд.

Бояд дақиқ намоем, ки мавҳуми «тафовути ҳудудӣ» на танҳо маънои тафовут дар сатҳи рушди минтақаҳои мухталиф, балки маънои тафовути масъала ва мушкилоти сатҳи минтақавӣ аст ва агар он барои як гурӯҳи шаҳру ноҳияҳо мубрам ва тааллуқ бошад, гурӯҳи масъалаҳо ҳастанд, ки барои гурӯҳи дигар тамоман дигар масъалаю мушкилот пеш меоваранд, ки хеле мубрам мебошанд. Бинобар ин, раванди таҳияи афзалиятҳо ва самтҳои рушд барои минтақаҳои кишвар метавонад гуногун бошанд. Аммо, ҳарчанд чуни аст ва бешак, зарурати ба инобат гирифта шудани масъалаи тафовути ҳудудӣ вуҷуд доранд, масъалаҳое арзи вуҷуд доранд, ки ба тамоми минтақаҳо рабт дорад ва чунин масъалаю мушкилот дар рафти таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар назари махсусро тақозо менамояд.

Айни замон, дар адабиёти иқтисодӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ, бахусус шарикони рушд дар ин ҷода фаҳмиши гуногун вуҷуд доранд ва, мувофиқан натиҷаи гуногуни арзёбии шуғли ғайрирасмӣ ба миён омадаасту тақозои онро дорад, ки масъала ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода шавад ва равишҳои консептуалии идораи чунин зуҳурот муайян карда шаванд.

Дар баробари дигаргуншавии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва амалишавии матритсаи институтсионалии идораи ҷомеа муносибатҳои ғайрирасмӣ низ арзи вуҷуд доранд, ки хатари ҷиддиро на танҳо дар бозори меҳнат, балки дар таъмини иҷтимоиёти шахсони машғули ғайрирасмӣ мушкилот эҷод менамояд. Зеро, шахсони машғули ғайрирасмӣ бо системаи иҷтимоӣ фарогир нестанд ва чунин зуҳурот метавонад на танҳо ба худи нафари шуғли ғайрирасмидошта, балки ба аҳли хонаводаи он таъсири манфии таъминоти иҷтимоӣ дошта бошад. Дар адабиёти илмӣ нисбатан дар таърихи на чандон дур мафҳуми муносибатҳои ғайрирасмӣ ба мафҳуми «сектори ғайрирасмии иқтисодиёт» ва «шуғли ғайрирасмӣ» ворид шудааст. Нашрияҳо ва як қатор таҳқиқотҳо дастрас гаштаанд, ки ҷанбаҳои гуногуни ин масъаларо равшан менамоянд. Масалан,

дар Ҳисобот аз натиҷаи таҳқиқи қувваи коргарӣ, ки моҳи июл - августи соли 2016 таҳия гардида, бо унвони «Ҳолати бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2017 чун маҷмааи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардид, маълумот дар бораи бахши ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ оварда шудааст [4]. Дар маҷмаа омадааст, ки «Дар бахши ғайрирасмӣ 133359 нафар машғул буданд, ки 15,6 фоизи шумораи умумии машғулинро (бе кишоварзӣ) ташкил додаанд. Бахши ғайрирасмӣ ҳамаи он шахсони синни 15-75 сола, ки ба фаъолияти соҳибкории шахсӣ бе қайди расмӣ ва ѐ дар корхонаҳои дар қайд набуда фаъолият намудаанд, ки ягон хел ҳисоби сабти даромад ва ѐ хароҷот бурда нашудааст, дар бар гирифтааст. Оид ба бахшҳои иқтисодиѐт бояд ҳатман қайд намоем, ки тибқи тавсияҳои ТБМ, соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби машғулин дар бахши ғайрирасмӣ хориҷ карда шудаанд. Бештари шахсони машғулро дар бахши ғайрирасмӣ мардҳо (79,8 фоиз) ташкил доданд, шахсони аз ҳисоби худашон кор карда (30,9 фоиз) ва машғулин ба сифати кормандони кироя (29,3 фоиз)-ро ташкил доданд» [4, 15].

Масъалаи шуғл дар назарияи иқтисоди классикӣ хеле назаррас аст ва бояд дар илми муосири иқтисод низ ҷои намоянро ишғол намояд. Дар адабиёти муосир маъмул гаштааст, шуғли ғайрирасмӣ дар кишварҳое, ки бозори меҳнати ноустувор доранд ва сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ аз он хеле зиёд аст, бештар аз дигар кишварҳо мутаассир ба иҷтимоиёту иқтисод мебошад. Шуғли ғайрирасмӣ ҳам ҷанбаҳои манфӣ ва ҳам мусбатро инъикос мекунад; аввалан, аҳолии шуғли ғайрирасмидошта аз бисьёр ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ махрум аст. Аз дигар тараф, шуғли гайрирасмӣ то андозае ба сатҳи зисти шумораи муайяни аҳолӣ таъсирнок аст ва он чун омили нигоҳ доштани сатҳи муайяни аҳолӣ арзёбӣ карда мешавад. Аммо, чунин арзёбии шуғли ғайрирасмӣ хавфи маъмул гардонидани онро дар бозори меҳнат дорад. Дар адабиёти илмӣ чандин истилоҳи марбут ба мафҳум ва мазмуни шуғли ғайрирасмӣ ба назар мерасанд ва он бо мавҳуми иқтисоди ғайрирасмӣ, ё худ ғайриқонунӣ, иқтисод дар соя ва ё пинҳонӣ, алтернативӣ ва ғайра вобаста менамоянд. Муносибатҳои назариявӣ ва методологии масъалаи шуғли ғайрирасмӣ аз ҷониби тадқиқотчиёни хориҷӣ дар солҳои 70-уми асри гузашта таҳия карда шуданд. Ҷомеашиноси бритониёӣ Кит Ҳарт бори аввал дар соли 1971 истилоҳи "ғайрирасмӣ"-ро дар пажӯҳиш дар бораи шуғл ва бекорӣ истифода бурда, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроиро дар охири солҳои 60-ум ҷамъбаст кард. Дар яке аз мамлакатҳои қафомондаи Африка. Мувофиқи хулосаи Ҳарт, аҳолии шаҳрҳои ин мамлакат ба системаи расмии иқтисодиёт ягон алоқае надоранд. Дар ин мамлакатҳо бисёр устохонаҳо, мағозаҳо ва корхонаҳои хурд мавҷуд буданд. Онҳо аҳолии шаҳрҳоро бо молҳои оддии рузгор таъмин мекунанд: масалан (хурокворӣ, сару либос), хизмати нақлиётӣ мерасонанд, вале дар айни замон, ё худ танҳо қайди расмӣ надоранд ва ба органхои андоз ва талаботи давлат нисбат ба сохибкорӣ итоат намекунанду халос ва чунин зухурот мушкилоти зиёдро ба миён намеоварад. Ба кавли К.Харт дар ин мамлакат «фарки байни имкониятхои даромади расмӣ ва ғайрирасмӣ ба фарқи байни кори музднок ва худмашгулият асос ёфтааст». К.Харт дар асоси чунин тадкикоти шуғли ғайрирасмӣ ба хулосае омадааст, ки бекорон, дар ҳақиқат, бекор нестанд. Баръакс, дар чанд ҷой кор мекунанд. Баъдан, тадқиқот таваҷҷӯҳи иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносонро ба омӯзиши амиқтари шуғли ғайрирасмӣ ва нақши иқтисодӣ ва иҷтимоии он ҷалб кард [5, 414-423]. Падидаи шуғли ғайрирасмӣ, ки К.Харт кашф кардааст, ба таҳқиқоти фаъоли ин падида такони бахшид. Ташкилоти байналхалкии мехнат (ТБМ) соли 1972 мачмуаи асархои як катор тадкикотчиёнро оид ба кор дар Кения нашр кард. ТБМ дар гузориш оид ба тадқиқот дар Кения фарқи байни шуғли расмӣ ва ғайрирасмӣ шарҳ дода шудааст. Яъне, чунин назари К.Харт ба назарияи либералии шуғли ғайрирасмӣ, аз таъқиб озод намудани онҳо, озодии меҳнат асос гузошт. Аммо, чунин назар хавфи беасоси ҷиддӣ паҳн шудани шуғли ғайрирасмиро дорад, ки он ба системаи андоз ва иҷтимоиёти кишвар метавонад таъсири ҷиддии манфӣ дошта бошад.

Одатан, шуғли ғайрирасмӣ чун асоси иқтисоди ғайрирасмӣ фаҳмида мешавад. Чаро ки шуғли ғайрирасмӣ як намуди шуғл дар иқтисоди ғайрирасмӣ аст ва далели муносибатҳои меҳнатии расмӣ миёни корманд ва корфармо нест ва аз мақомоти расмии давлатӣ, аслан аз мақомоти андоз ва мақомоти омор пинҳон аст. Баъзе олимон нисбат ба масъалаҳои назариявии ҳамин ҷода ва бархурд ба шуғли гайрирасмӣ шакк овардаанд ва муносибати ҷиддӣ надоранд. Дар ин ҳолат, яъне дар сурати ба масъалаҳои назариявӣ ва муайян кардани мафҳуми шуғли ғайрирасмӣ таваҷҷуҳи нокифоя ҷудо намудан, ба ташаккули раванди мавҳумоти назариявии ҳамин ҷода халал эъҷод менамоянд ва чунин натиҷаро чун як назарияи безарар тавсиф медиҳанд. Агар чунин мебуду чунин як назария, ҳарчанд ба мавзӯи хеле ҷиддӣ бахшида шудааст, беасос ва безарар мебуд, аслан ҳеҷ сазовори таваҷҷуҳ набуд. Аммо, мутаассифона, чунин нест ва мушкилоти мавҷуда ҷиддитар аст, мавҳумоти назариявӣ натиҷаҳои хеле таъсирнок дорад ва асоси таҳия ва қабул гардидани консепсия амал ва дурнамои ҳаракати иқтисодию иҷтимоӣ мебошад. Раванди назаривию консептуалӣ заминаи таҳия ва ба роҳ монда шудани механизми ҷиддии пешгӯӣ ва банақшагирии тадбирҳои рушди бозори меҳнат ва таъмин намудани шуғли пурмаҳсул, аз ҷумла ба расмият дароварда шудани шуғли ғайрирасмӣ мебошад. Либерализм дар таърифи шуғли ғайрирасмӣ ва дигар ҷабҳаҳои иқтисод ва иҷтимоиёт танҳо дар назари аввал безарар менамояд ва ба ҳалли масъалаҳои мубрами шуғл ва нафъи шуғли ғайрирасмии аҳолӣ рабт надорад. Ба андешаи мо мақсад аз навишта шудани мақолаи мазкур, он аст, ки таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои мавҷуда оид ба таърифи шуғли ғайрирасмӣ назарияи либерализмро инкор мекунад ва интихоби дуруст ва асоснокшудаи назария дар ин ҷода метавонад боиси интихоби дурусти равишҳои консептуалӣ дар таҳияи стратегӣ ва аз назари илмӣ дуруст гардад ва таконбахши ҳаллу фасли масъалаю мушкилоти соҳаи меҳнат, шуғли аҳолии кишвару ба расмият даровардани шуғли ғайрирасмӣ гардад. Бинобар ин, мо ба ин ақидаи либералӣ пайравӣ надорем ва ҷонибдори назарияи ҳамаҷониба асоснокшудаи шуғли ғайрирасмӣ, дақиқ таъриф кардани он ва муайян намудани аҳамияти он дар иқтисоди муосири кишвар, муайян намудани роҳҳои ба расмият даровардани шуғли ғайрирасмӣ ва волоияти қонунгузорӣ мебошем.

Одатан, муносибатҳои ғайрирасмӣ ё шартан - ғайриқонунӣ бо ташаббуси корфармо анҷом дода мешавад ва он мақсади пинҳон кардани андозро дорад, ки амали ҷиноӣ мебошад. Дар ин ҳолат, пардохти музди меҳнат аксаран бо пули нақд сурат мегирад ва корфармо ба симои ҳуқуқии корманд ва ҳуҷҷатҳои ӯ таваҷҷуҳ зоҳир наменамояд.

Масалан, дар Тоҷикистон мисли Русия ва дар тамоми кишварҳои пасошӯравӣ корфармо вазифадор аст, ки барои як корманди расмии кироягирифта, ки ба кори доимӣ ҷалб гардидааст, андоз аз даромади (13%-и даромад), суғуртаи иҷтимоӣ (25%) ва ба андозаи 1% ба Фонди нафақа пардохт намояд. Ин як бори андоз барои кормандон ва уҳдадории назарраси корфармо мебошад.

Чунин масъалаю мушкилот қобили таваҷҷуҳи мушаххас ва зиёда аз оне, ки гуфтем, ҳастанд. Аммо, бо мақолаи мазкур сабабҳои асосӣ, омилҳои таъсиррасони он ва ҳолати муайянкунандаи шуғли ғайрирасмиро ба тариқи кӯтоҳ мавриди назар қарор доданием.

Ин яке аз сабабҳои музди меҳнати нокифояю нолоиқ, номувофиқ ба меҳнати сарфшуда мебошад. мисол меорем: **Ҷадвали 1.**

Тавре мебинем, динамикаи умумии тағйирёбии музди меҳнат дар кишвари мо мусбӣ мебошад, аммо, дар муқоиса бо дигар кишварҳои пасошӯравӣ нисбатан паст аст ва он таъсири манфӣ ба ҳолати умумии бозори меҳнат, алалхусус шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнат гардидааст. **Ҷадвали 2.**

**Ҷадвали 1.**

**Музди меҳнати номиналӣ бо қурби миёнаи солонаи асъорҳои миллӣ (бо доллари ИМА)** [6, 199]

| **Кишварҳо** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 68,9 | 80,9 | 95,9 | 116,6 | 145,8 | 165,4 | 142,6 | 122,8 |
| Озарбойҷон | 370,8 | 413,0 | 461,2 | 507,1 | 541,8 | 566,7 | 453,0 | 312,4 |
| Арманистон | 264,3 | 274,7 | 290,2 | 281,7 | 357,6 | 381,3 | 359,1 | 391,0 |
| Беларус | 350,2 | 406,6 | 338,9 | 439,2 | 564,2 | 589,9 | 413,1 | 361,0 |
| Қазоқистон | 456,5 | 526,6 | 614,0 | 679,1 | 717,4 | 675,4 | 568,4 | 416,0 |
| Қирғизистон | 143,6 | 156,4 | 201,8 | 228,2 | 234,1 | 229,0 | 209,2 | 207,3 |
| Молдова | 247,2 | 239,7 | 259,3 | 287,2 | 291,9 | 291,3 | 241,2 | 251,2 |
| Россия | 588,3 | 681,6 | 796,2 | 857,1 | 936,3 | 855,8 | 561,0 | 548,6 |
| Украина | 244,6 | 282,2 | 330,5 | 378,7 | 408,5 | 293,3 | 192,5 | 202,8 |

**Ҷадвали 2.**

**Музди меҳнати номиналии моҳонаи минтақаҳои кишвар (бо сомонӣ)** [7, саҳ. 74]

| **№** | **Минтақаҳои кишвар** | **2010** | **2015** | **2019** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 354,4 | 878,9 | 1335,5 |
| 2 | Ш.Душанбе | 717,3 | 1526,6 | 2040,5 |
| 3 | НТМ | 347,1 | 832,2 | 1120,1 |
| 4 | ВМКБ | 277,2 | 701,5 | 1200,4 |
| 5 | Вилояти Суғд | 258,8 | 696,8 | 1182,7 |
| 6 | Вилояти Хатлон | 233,0 | 645,1 | 998,5 |

Ҳамчунин, сатҳи дифференсиатсияи музди меҳнати шаҳру ноҳияҳои кишвар низ ба тариқи назаррас фарқ дорад, ки дар масъалаҳои тафовути ҳудидӣ ва тафовути хусусиятҳои хоси минтақаҳоро мушкилтар менамояд. Дар шароити тафовути ҳудудӣ (пространственная поляризация) истифодаи услубҳои идоракунӣ ва банақшагирии қолабӣ ғайриимкон аст. Ҳатто агар мо шаҳру ноҳияҳоро аз рӯи ягон нишонаи муайян гурӯҳбандӣ намоем, масалан, минтақаҳои кӯҳӣ, ё минтақаҳои наздисарҳадӣ ва ё дигар нишонаҳо ҷудо кунем, бо вуҷуди ин ҳар ноҳия ҳалли масъалаҳои фақат ба ҳамин ноҳия хосро талаб менамояд. Бинобар ин, ҳангоми банақшагирии рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои кишвар бояд мушкилоти тафовути ҳудудӣ ба инобат гирифта шавад.

Ва боз чанд омили дигарро, ки муттассири мушкилоти шуғли ғайрирасмӣ ва ҳолати бозори меҳнат дар кишвар аст, дар мақолаи мазкур мавриди назари сатҳӣ қарор медиҳем.

Яке аз омилҳое, ки ба сатҳи шуғли ғайрирасмӣ таъсир дорад, мушкилоти мавҷуда ва дастрасӣ ба хизматрасонии системаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мебошад.

**Ҷадвали 3.**

**Системаи муассисаҳои таҳсилоти касбии миёна**

| **№** | **Шаҳру ноҳияҳо** | **Шумо-раи муасси-саҳои ТКМ** | **Шумораи хонанда-гон** | **Шумораи хатмкунан-дагон** | **Шумораи хатмкунанда-гон нисбати шумораи умумии хонандагон (бо %)** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар кишвар | 74 | 90442 | 20848 | 23,1 |
| 2 | ш.Душанбе | 14 | 23410 | 5343 | 22,8 |
| 3 | НТҶ | 16 | 18592 | 3989 | 22,4 |
| 4 | ВМКБ | 1 | 290 | 155 | 53,4 |
| 5 | Вилояти Хатлон | 21 | 26247 | 5877 | 22,4 |
| 6 | Вилояти Суғд | 22 | 21903 | 5302 | 24,2 |

**Ҷадвал аз рӯи [7] тартиб дода шудааст.**

Омили дигари таъсиррасон мавҷуд будани ҷойҳои корӣ мебошад. Баъзе аз таҳқиқоти анҷомдодашуда [8, 65-66], ки натиҷаи пурсиши хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии миёна мебошад ва дар диаграммаҳои (№1,2 ва 3) зер оварда шудааст, дидан мумкин аст, ки дар ноҳияҳои таҳти омӯзиш қарордодашуда, ба саволи мавҷудияти кор аз 33,0% то 80 фоизи пурсидашудагон ҷавоби манфӣ додаанд.

**Диаграммаи 1. Мавҷудияти кор**




Ҳамчунин, ҳолати шуғли ғайрирасмӣ аз сохтори ҳолати шуғл вобаста аст, ки дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. Ҳолати шуғл.**




Аз ҷумлаи ҳадафи пурсиши анҷомдодашуда сабабҳои бекорӣ аст, ки натиҷаҳои он дар диаграммаи 3 оварда шудааст ва сабаби асосӣ на хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва на вазъи саломатӣ ва ё вазъи оилавӣ ва дигар сабабҳо, балки сабаби асосӣ ин набудани ҷойҳои кории муносиб аст.

**Диаграммаи 3. Сабабҳои бекорӣ**




Дар поёни сухан, чанд нуктаи хулоса ва баъзе чораҳои асосиеро, ки ба паст гардидани шиддати мушкилоти шуғли ғайрирасмӣ ва ба расмият дароварда шудани он нигаронида шудааст, қайд карданием, ки чунинанд:

- сухан ҳаргис аз боби мубориза ва ё муқовимат ба шуғли ғайрирасмӣ намеравад, балки сухан дар бораи фоиданокии ба расмиёт даровarда шудани шуғли ғайрирасмӣ ҳам ба мақомоти давлатӣ ва ҳам ба соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ меравад.
- татбиқи стратегияи ҳамаҷонибаи рушди саноат ва истеҳсолот, шароити мусоид барои таъсиси ҷойҳои кории нав, беҳдошти муҳити институтсионалӣ барои рушди соҳибкорӣ;
- амалӣ намудани чораҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зиддикоррупсионӣ, ки ҳадафи он ташкили босуръати ҷойҳои кории нав мебошад ва таблиғи ҳамаҷонибаи он аст;
- таҳия ва таблиғи тадбирҳое, ки ба навсозии идоракунии давлатӣ дар ҷодаи суғуртаи иҷтимоӣ, аҳамияти назарраси он дар таъмини адолати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии муассаҳои суғуртаи иҷтимоӣ нигаронида карда шудаанд;
- татбиқи маҷмӯи тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани сифати сармояи инсонии аҳолии қобили меҳнат нигаронида шудаанд, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи маориф ва таҳсилоти касбии коргарон, сатҳи ҷаҳонбинии ҷавонон ва ватандӯстии онҳо, ба таҳсилоти касбӣ ҷалб намудани занону духтарон, маъюбон, татбиқи чораҳое, ки ба ҳифзи меҳнати кӯдакон нигаронида шудаанд.

**Адабиёт:**

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018 12:21, шаҳри Душанбе.).*

2. *Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.*

3. *Головачева О.А. Инструменты сглаживания пространственной поляризации регионов. https://www.isuct.ru/.*

4. *Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳисоботи таҳлилӣ, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шуда буд, омода карда шудааст), Душанбе, 2017 сол.*

*5. Аллен Т. От "неформальных секторов" к "реальным экономикам" // Неформальная экономика. Россия и мир / Т. Аллен. - М., 1999.*

*6. Маҷмааи оморӣ «Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли 2018.*

*7. Маҷмааи оморӣ «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 2020, саҳ. 74.*

*8. Бабаджанов Р.М. и др. Свободные экономические зоны как инновационная форма решения региональных проблем социально-экономического развития. ГУП «МАТБАА», 2021, - 155с.*

**Бабаджанов Р.М.**
**Абдурахимова Н.Ч.**

## ПРОБЛЕМЫ ИНДУСТРИАЛЬНО-ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ СТРАНЫ В КОНТЕКСТЕ ФОРМАЛИЗАЦИИ НЕФОРМАЛЬНОЙ ЗАНЯТОСТИ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*Статья посвящена вопросам индустриально-инновационного развития регионов страны в условиях учета неформальной занятости. В статье исследуются теоретические аспекты формализации неформальной занятости и ее полезность, а также предлагаются пути решения существующих проблем.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика, индустриально-инновационное развитие регионов страны, рынок труда, регистрация неформальной занятости.*

**Babajanov R.M.**
**Abdurakhimova N.Ch.**

## PROBLEMS OF INDUSTRIAL AND INNOVATIVE DEVELOPMENT OF REGIONS OF THE COUNTRY IN THE CONTEXT OF FORMALIZATION OF INFORMAL EMPLOYMENT

**Institute of economics and demography**
**of the National academy of sciences of Tajikistan**

*The article is devoted to the issues of industrial and innovative development of the country's regions in terms of accounting for informal employment. The article examines the theoretical aspects of the formalization of informal employment and its usefulness, and also suggests ways to solve existing problems.*

***Key words:*** *regional economy, industrial and innovative development of the country's regions, labor market, registration of informal employment.*

***Сведения об авторе:***

***Бабаджанов Рустам Мирзоевич*** *– зав.отделом «Институциональные исследования» ИЭД НАНТ, к.э.н., доцент, член-корр. Инженерной Академии Таджикистана.*

*Адрес: 734024Таджикистан, г.Душанбе, ул.Айни, 44. Тел:/Факс+ 992 (37) 227 51 57; Э-почта: barumi@mail.ru*

***Абдурахимова Н.Ч.*** *– м.н.с. отдела «Институциональные исследования» Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана; Электронная почта: nodira-abdurahimova@mail.ru*

УДК 330.322.2 Ишматова Д.А.

# ВОПРОСЫ ОЦЕНКИ ВКЛАДА ИНВЕСТИЦИЙ В ОСНОВНОЙ КАПИТАЛ ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ СТРАНЫ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В данной статье сделана попытка количественного измерения экономического развития регионов от размеров капиталовложений на региональном уровне. Для этого проведен корреляционный анализ влияния объема инвестиций в основной капитал на валовый региональный продукт в среднедушевом исчислении на основе эмпирических данных по регионам Республики Таджикистан за период 2005-2020 гг. Актуальность подобного исследования заключается в том, что активизация процесса инвестирования в основной капитал является важнейшим фактором экономического развития регионов страны. Рассчитано и проанализировано изменение производительности капитала по регионам РТ как показатель, отражающий трансформацию результатов экономического роста на качественные изменения экономики. В статье названы возможные направления активизации инвестиционной деятельности, которые будут способствовать росту объема инвестиций в основной капитал экономики.*

***Ключевые слова:*** *экономический рост и развитие, инвестиции, инвестиционная деятельность, валовой региональный продукт, валовой региональный продукт на душу населения, капитальные вложения, инвестиции в основной капитал на душу населения, производительность капитала.*

Эффективное развитие экономики любого крупного государства напрямую зависит от уровня и перспективы развития его регионов. Поэтому экономический рост и общее благосостояние в стране обеспечиваются за счет регионального производственного потенциала. В этой связи необходимо определить основные факторы, которые могут влиять на экономический рост в регионах Республики Таджикистан в современных условиях.

Уровень и перспективы экономического развития страны и отдельных её регионов во многом зависят от характеристик инвестиционной деятельности, в том числе и параметры эффективности вложения ресурсов. Конъюнктура инвестиционного рынка является основным фактором, определяющим динамику важнейших макроэкономических показателей. Общеизвестно, что без активной инвестиционной деятельности невозможно обеспечить требующиеся темпы роста валового регионального продукта и решение социальных задач. Необходимость увеличения объема инвестиций также обусловлена достаточно высоким уровнем износа основных фондов в республике (в 2018 г. коэффициент износа по экономике в целом составлял 68,7%). Наибольший удельный вес в общем объеме валового накопления приходится на капитальные вложения (инвестиции в основной капитал – 98,6%). Именно эти инвестиции предопределяют состояние и эффективность деятельности экономики.

Сравним динамику валового регионального продукта и инвестиций в основной капитал в сопоставимых ценах в разрезе регионов Республики Таджикистан (табл. 1).

Данные табл. 1 показывают, что: **во-первых,** самые высокие среднегодовые темпы роста валового регионального продукта за период 2005-2020 гг. наблюдаются в Согдийской и Хатлонской областях, а низкие среднегодовые темпы роста в ГБАО и РРП, соответственно.

**Во-вторых,** самые высокие среднегодовые темпы роста инвестиций в основной капитал за анализируемый период наблюдаются в РРП, что выше республиканских среднегодовых темпов роста инвестиций в основной капитал на 5,5 п.п. Это в основном происходит за счет увеличения капитальных вложений в г. Рогун (в среднем более 70% капитальных вложений РРП приходится на г. Рогун). Соответственно, самые низкие среднегодовые темпы роста – в ГБАО – на 10,5 п.п. меньше республиканского показателя.

**Таблица 1.**

**Среднегодовые темпы роста валового регионального продукта и инвестиций в основной капитал в сопоставимых ценах[1] по регионам Республики Таджикистан, в %**

| Регионы РТ | 2005-2020 гг. | |
|---|---|---|
| | Валовой региональный продукт | Инвестиции в основной капитал |
| РТ | 106,4 | 115,2 |
| г. Душанбе | 106,3 | 118,3 |
| РРП | 104,4 | 120,7 |
| Согдийская область | 107,3 | 111,8 |
| Хатлонская область | 107,2 | 111,7 |
| ГБАО | 103,1 | 104,7 |

*Составлена по: Таджикистан: 30 лет государственной независимости. – Душанбе, 2021. - С. 334-335; Строительство в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2021. – С. 59-66; Основные показатели системы национальных счетов. – Душанбе, 2009. - С. 46; Национальные счета Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. - С. 50; Национальные счета Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. - С. 46-48; cisstat.org*

Следует отметить, что «основной индикатор развития региональной экономики отражает производственный и инвестиционный климат в регионе, скорость и масштаб движения финансовых потоков, степень активности субъектов рыночных отношений в развитии территории» [2, 14]. Связь между объемом валового регионального продукта и размером инвестиций представляется вполне очевидной. С одной стороны, инвестиции в основной капитал, являясь основным элементом валового накопления, предопределяют уровень валового регионального продукта. В то же время возможно рассмотрение размера валового регионального продукта в качестве основы для последующих инвестиций. То есть в данном случае каждый из признаков можно рассматривать и как фактор, и как результат. Оценим масштабность объема инвестиций в основной капитал и размер валового регионального продукта, используя информацию по регионам Республики Таджикистан (табл. 2).

**Таблица 2.**

**ВРП и инвестиции в основной капитал на душу населения по регионам Республики Таджикистан за 2005 и 2020 гг., сомони**

| Регион | ВРП на душу населения (в ценах 2020 г.), сомони | | Инвестиции в основной капитал на душу населения (в ценах 2020 г.), сомони | |
|---|---|---|---|---|
| | 2005 | 2020 | 2005 | 2020 |
| Республика Таджикистан | 4260,7 | 7770,7 | 206,9 | 1238,7 |
| г. Душанбе | 9733,3 | 17677,7 | 410,4 | 3719,1 |
| РРП | 4621,4 | 6108,1 | 171,0 | 1988,3 |
| Согдийская область | 3651,9 | 7853,7 | 121,6 | 480,0 |
| Хатлонская область | 3213,2 | 6445,9 | 189,2 | 702,1 |
| ГБАО | 3285,6 | 4602,4 | 889,7 | 1591,1 |

[1] Валовой региональный продукт в сопоставимых ценах рассчитан по дефлятору валовой добавленной стоимости. Инвестиции в основной капитал в сопоставимых ценах рассчитаны по дефлятору инвестиций в основной капитал.

*Составлено по: Таджикистан: 30 лет государственной независимости. – Душанбе, 2021. - С. 334-335; Строительство в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2021. – С. 59-66; Основные показатели системы национальных счетов. – Душанбе, 2009. - С. 46; Национальные счета Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. - С. 50; Национальные счета Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. - С. 46-48; Регионы Республики Таджикистан: 30 лет государственной независимости. – Душанбе, 2021. - С. 18; cisstat.org*

Данные табл. 2 показывают, что за рассматриваемый период наблюдается положительная динамика и ВРП на душу населения, и инвестиций в основной капитал на душу населения. Причем, темпы роста инвестиций в основной капитал на душу населения были намного выше, чем темпы роста ВРП на душу населения. Это говорит о том, что инвестиционная активность в стране из года в год наращивается и это в будущем увеличит возможности регионального развития.

Следует также отметить, что в 2005 году ВРП на душу населения был выше республиканского значения только в г. Душанбе и РРП; инвестиции же в основной капитал на душу населения в г. Душанбе и ГБАО. А в 2020 году по первому показателю выше республиканского значения оказались г. Душанбе и Согдийская область; по второму показателю – г. Душанбе, РРП и ГБАО, соответственно.

На основе эмпирических данных по ВРП и инвестиций в основной капитал в среднедушевом исчислении рассчитаны коэффициенты корреляции на региональном уровне. Так, они составили:

1. в Республике Таджикистан в целом 0,84 – связь прямая, сильная;
2. в г. Душанбе 0,88 – связь прямая, сильная;
3. в РРП 0,57 – связь прямая, умеренная;
4. в Согдийской области 0,61 – связь прямая, умеренная;
5. в Хатлонской области 0,21 – связь прямая, очень слабая;
6. в ГБАО 0,7 – связь прямая, сильная.

Результаты корреляционного анализа свидетельствуют о существенном влиянии инвестиций в основной капитал на объем ВРП в среднедушевом исчислении по экономике в целом и её регионам, кроме Хатлонской области. Следует добавить, что коэффициенты корреляции статистически значимы при 5%-м уровне значимости, кроме Хатлонской области.

Между тем, отечественные авторы монографии «Модернизация механизмов экономического роста в контексте трансформации экономики Республики Таджикистан в индустриально-аграрную экономику» Рахимов Р.К., Довгялло Я.П., Юсуфбеков Ю.Р., Шарипов Б.М. пишут, что «экономическое развитие определяет изменения в жизни общества, которые обеспечиваются не только количественным и качественным экономическим ростом, но и структурными изменениями национального хозяйства, увеличением экономического потенциала страны, укреплением экономической мощи государства и повышением качества уровня жизни населения. В результате таких изменений в экономике формируются новые экономические прогрессивные пропорции, которые становятся предпосылками для последующего экономического роста и развития» [5, 15-16].

Они также отметили, что «… в результате экономического роста может не происходить экономическое развитие, но экономическое развитие не может происходить без экономического роста» [5, 15-16].

Основным показателем, отражающим трансформацию результатов экономического роста на качественные изменения экономики, является капиталоотдача (производительность капитала), за счет роста которого обеспечиваются структурные изменения в экономике и в конечном счете происходит улучшение благосостояния населения.

Оценка этого индикатора играет ключевую роль при анализе качества экономического роста на всех уровнях экономической политики.

По этому поводу Асадов Х. в своей статье правильно пишет, что «Эффективность использования инвестиционных ресурсов, направленных в основной капитал экономики регионов, рассматривается посредством показателя капиталоотдачи. Показатель капиталоотдачи характеризирует объем дополнительного выпуска произведенной продукции за единицу вложенных инвестиций» [1, 63-65].

Капиталоотдача в данной статье рассчитывается как отношение ВРП к объему инвестиций в основной капитал в сопоставимых ценах по регионам РТ.

Графические иллюстрации изменения капиталоотдачи по регионам в сравнении с изменением общего республиканского уровня капиталоотдачи представлены на рис.1-5.




**Рис. 1. Динамика ВРП на единицу вложенных инвестиций в основной капитал по РТ в целом и г. Душанбе за 2005-2020 гг. (в разах, 2005=1).**




**Рис. 2. Динамика ВРП на единицу вложенных инвестиций в основной капитал по РТ в целом и РРП за 2005-2020 гг. (в разах, 2005=1).**




**Рис. 3. Динамика ВРП на единицу вложенных инвестиций в основной капитал по РТ в целом и Согдийской области за 2005-2020 гг. (в разах, 2005=1).**




**Рис. 4. Динамика ВРП на единицу вложенных инвестиций в основной капитал по РТ в целом и Хатлонской области за 2005-2020 гг. (в разах, 2005=1).**




**Рис. 5. Динамика ВРП на единицу вложенных инвестиций в основной капитал по РТ в целом и ГБАО за 2005-2020 гг. (в разах, 2005=1).**

*Источник: Таджикистан: 30 лет государственной независимости. – Душанбе, 2021. - С. 334-335; Строительство в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2021. – С. 59-66; Основные показатели системы национальных счетов. – Душанбе, 2009. - С. 46; Национальные счета Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. - С. 50; Национальные счета Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. - С. 46-48; cisstat.org*

Как видно из анализа показателя капиталоотдачи в экономике регионов Таджикистана (рис. 1-5), последний по регионам страны и экономике в целом снижается. Это дает основание сделать вывод, что снижение производительности капитала за рассматриваемый период снизил потенциал качественного роста экономики регионов Республики Таджикистан.

Сравнение же капиталоотдачи по регионам РТ с общереспубликанской капиталоотдачей показывает, что во всех регионах уровень изменения капиталоотдачи был выше общереспубликанского значения, кроме г. Душанбе и РРП (с 2006 по 2008 г. уровень капиталоотдачи был выше республиканского значения). Это говорит о том, что в г. Душанбе и РРП эффективность вложенных инвестиций в основной капитал ниже, чем в других регионах страны.

Активизации инвестиционной деятельности и улучшению инвестиционного климата в целом, на наш взгляд, могли бы способствовать: 1. Изменения в налоговой политике, направленные на стимулирование инвестиций в активную часть основного капитала. 2. Разработка и применение системы государственных гарантий и льгот для

частных инвесторов. 3. Создание условий для мотивации привлечения частных инвестиций на возвратной основе.

**Литература:**


1. *Асадов Х. Качество экономического роста регионов//Экономическое обозрение. – г. Ташкент, 2020. – №3 (243);*
2. *Березина Н.В., Сергеев А.Ю. Финансовая безопасность регионов Приволжского федерального округа на современном этапе развития экономики // Проблемы устойчивого развития российских регионов: материалы Всерос. науч.-практ. конференции с междунар. участием / Тюменский индустриальный университет. Тюмень, 2015;*
3. *Национальные счета Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014, 2020;*
4. *Основные показатели системы национальных счетов. – Душанбе, 2009;*
5. *Рахимов Р.К., Довгялло Я.П., Юсуфбеков Ю.Р., Шарипов Б.М. Модернизация механизмов экономического роста в контексте трансформации экономики Республики Таджикистан в индустриально-аграрную экономику. – Душанбе, 2015. 187 стр.;*
6. *Регионы Республики Таджикистан: 30 лет государственной независимости. – Душанбе, 2021;*
7. *Строительство в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2021;*
8. *Таджикистан: 30 лет государственной независимости. – Душанбе, 2021;*
9. *cisstat.org.*


**Ишматова Д.А.**

## МАСЪАЛАҲОИ АРЗИШИ САҲМИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР САРМОЯИ АСОСӢ БАРОИ ТАЪМИНИ РУШДИ МИНТАҚАҲОИ МАМЛАКАТ

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Дар ин мақола кӯшиш карда мешавад, ки рушди иқтисодии минтақаҳо аз рӯи ҳаҷми сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ ба таври миқдорӣ муайян карда шавад. Барои ин дар асоси маълумоти ампирикӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2020 таҳлили таносуби таъсири ҳаҷми сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ ба маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ гузаронида шуд. Аҳамияти чунин тадқиқот дар он аст, ки интенсификатсияи протсесси маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ омили муҳимтарини тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳои мамлакат мебошад. Тағйирёбии ҳосилнокии сармоя аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи инъикоскунандаи табдили натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ба тағйироти сифатии иқтисодиёт ҳисоб ва таҳлил карда мешавад. Дар мақола самтҳои имконпазири баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба афзоиши сармоягузорӣ ба фондҳои асосии иқтисодиёт мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд.

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** рушд ва рушди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сармоягузориҳои асосӣ, сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ, ҳосилнокии сармоя.

**Ishmatova D.A.**

**ISSUES OF ASSESSING THE CONTRIBUTION OF INVESTMENTS IN FIXED ASSETS TO THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S REGIONS**

**Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan**

*In this article, author made an attempt to quantitatively measure the economic development of regions from the amount of investment at the regional level. For this, a correlation analysis of the influence of the volume of investments in fixed assets on the gross regional product in per capita terms was carried out on the basis of empirical data for the regions of the Republic of Tajikistan for the period 2005-2020. The relevance of such a study lies in the fact that the intensification of the process of investing in fixed assets is the most important factor in the economic development of the country's regions. The change in capital productivity by regions of the Republic of Tajikistan is calculated and analyzed as an indicator reflecting the transformation of the results of economic growth into qualitative changes in the economy. The article identifies possible directions for enhancing investment activity, which will contribute to the growth of investment in fixed assets of the economy.*

***Key words:*** *economic growth and development, investment, investment activity, gross regional product, gross regional product per capita, capital investments, investment in fixed assets per capita, capital productivity.*

***Сведения об авторе:***

***Ишматова Дилором Алишеровна*** *– научный сотрудник ИЭД НАНТ, докторант (PhD) 3 курса Технологического университета Таджикистана, телефон: (+992) 502-02-38-87, E-mail: ishmatova_96@mail.ru.*

УДК 330.15 Маҳмадшарипова Г.М.

# МАВҚЕИ ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

*Дар мақола мавқеи таъминоти захиравӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи алоҳида таҳқиқ гардидааст. Ошкор карда шудааст, ки таъминоти захиравӣ ва раванди идоракунии он аз мавҷудияти иқтидори захиравӣ вобастагии бевоста дошта, барои дар амал тадбиқ намудани он зарур аст, ки иқтидори захиравӣ самаранок мавриди истифода қарор дода шавад. Инчунин дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъминоти захиравӣ метавон ба хулосае омад, ки асоси таъминоти захиравӣ аз як тараф аз мавҷудияти захираҳои табиӣ вобаста буда, аз тарафи дигар бошад, аз дараҷаи махсусияти минтақа вобаста аст. Дар мақола нишон дода шуд, ки бештари захираҳои иқтисодии минтақа аз ҳисоби махсусият ва маҳдудияти он самаранок истифода намешаванд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *таъминоти захиравӣ, рушди иқтисодӣ, иқтидори захиравӣ, раванди идоракунӣ, иқтисодиёти миллӣ, иқтисодиёти минтақа, фишанги иқтисодӣ, усулҳои инноватсионии истифодаи захираҳо, ҷалби сармоягузорӣ, коркарди захираҳои табиӣ.*

Гузариш ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар он мавқеи асосиро рушди босубот ташкил медиҳад, аз ҳамаи минтақаҳои кишвар талаб менамояд, ки аз дастовардҳои навтарини илми муосир васеъ истифода намоянд. Дар шароити рақобати шадиди иқтисодӣ танҳо он минтақаҳое бурд менамоянд, ки шароитҳои мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, ҷалби сармояи иловагӣ, коркард ва истифодаи самараноки техника ва технологияҳои муосир ва дар маҷмуъ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам оваранд. Бешубҳа, рушди иқтисодии ҳар як минтақаи алоҳида аз сатҳи таъминнокии захиравӣ вобастагӣ дошта, дар натиҷаи истифодаи дастовардҳои илм ва инноватсияҳо имконияти самаранок истифода намудани захираҳои мавҷуда васеъ мегарданд.

Барои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо дараҷа ва сатҳи таъминнокии захиравӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар бештари ҳолатҳо баробарӣ мушоҳида карда намешавад, зарурати мустақилона ҳалли муаммоҳои иҷтимоию иқтисодиро ба миён овардааст. Дар ин раванд қабули қарорҳои идоракунӣ барои истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва дараҷаи таъмини захираҳо барои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ набояд ба таври табиӣ (стихиявӣ), балки пайдарҳамии амалишавии нақшаҳои тарҳрезигардида риоя карда шаванд. Бинобар ин, мавқеи асосиро дар ин самт ҷанбаҳои назариявӣ ва методии таъминоти захиравии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳида ташкил медиҳад. Барои муайян ва ошкор сохтани дараҷаи таъминоти захиравӣ дар бештари адабиётҳои иқтисодӣ диққати асосӣ ба раванди идоракунии он дода мешавад. Мақсади асосии идоракунии таъминоти захиравӣ, махсусан, баландбардории дараҷаи самаранокии он дар доираи банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии сатҳи иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ амалӣ карда мешавад.

Муаммои асосии идоракунии таъминоти захиравӣ ва самаранок истифодабарии он дар таҳқиқоти баъзе олимони хориҷӣ дар он зоҳир мегардад, ки минтақаҳои кишвар аз ҳамдигар бо мавҷудияти захираҳои табиӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, ҳудуди минтақаҳо, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи алоҳида ва дигар омилҳо бодарназардошти масоҳати муаммоҳои демографӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ дар ҳар як минтақа дигаргун аст [3, 46]. Дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шароитҳои зикргардидаи ҳамаи минтақаҳои ҳудудӣ ва ҷуғрофӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва ба андешаи мо зарур аст, ки таҳқиқи системавии идоракунии таъминоти захиравӣ бо мақсади такрористеҳсоли васеъ гузаронида шавад. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки аз як

тараф таъмин будан бо захираҳо барои минтақа рушди иқтисодиро ба вуҷуд меорад, аз тарафи дигар бошад, иқтисодиёти тараққиёбанда захираҳоеро ба бор меорад, ки натанҳо дар сатҳи байниминтақавӣ, инчунин дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ низ мубодилаи мол ва хизматрасониҳоро суръат мебахшад.

Дар баъзе таҳқиқотҳои олимони ватанӣ таъминоти захиравиро ба дараҷаи аҳзхудшудаи иқтидори захиравӣ вобаста медонанд [5, 71]. Дараҷаи таъминнокии захиравии минтақаи алоҳида аз имкониятҳои мавҷуда, дарихтиёрбуда ва мавриди истифода қарордошта бевосита алоқаманд буда, дар маҷмуъ имкониятҳои субъектҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодиро ошкор ва васеъ менамояд. Маълум аст, ки иқтидори захиравӣ имкониятҳои истифоданашуда ва дар ҳамон маврид имконияти истифодабарии ин аз лиҳози иқтисодӣ манфиатовар буда, ҳамчун маҳаки асосии дараҷаи таъминнокӣ ҳисоб мешавад. Дар баробари ин, арзёбии тавсифи алоқамандии захираҳо бодарназардошти хусусиятҳои миқдории он нишон медиҳад, ки имкониятҳо аз сатҳи технологӣ ва инноватсионии истеҳсолот вобастагӣ доранд.

Дар таҳқиқотҳои олимони Ғарб, аз ҷумла Д. Сакс ва А. Уорнер қайд мегардад, ки дараҷаи баланди таъминнокии давлат бо захираҳои иқтисодӣ нишон дод, ки бештари давлатҳое, бо захираҳои иқтисодӣ таъминанд, ки дар онҳо рушди иқтисодии баланд мушоҳида карда намешавад [7, 57]. Ин гуна ҳодисаро дар баъзе адабиётҳои иқтисодӣ ҳамчун “бемории ҳоландӣ” ном мебаранд [6, 19 Тамбовсев]. Моҳияти иқтисодии он дар он зоҳир мегардад, ки фурӯши зиёди маҳсулот ва ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ ба баландравии қурби асъори миллӣ оварда мерасонад ва дар натиҷа сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти коркардро паст намуда, дар натиҷа ба стагнатсияи иқтисодӣ оварда мерасонад. Чунин ҳолат ба рушди иқтисодии давлат ва минтақаи алоҳидаи он таъсир расонида, ҳаҷми ашёи хоб кам гардида, дар ниҳояти кор сохтори иқтисодӣ номукаммал мегардад.

Дар дигар таҳқиқотҳои илмӣ, аз ҷумла К. Бруншвайлер сатҳи таъминнокии захираҳо ба сатҳи рушди иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ таъсири мусбӣ мерасонад [8, 133]. Ба андешаи мо, истифодаи васеъ ва самараноки захираҳои иқтисодӣ дар он давлатҳое, ки рушди иқтисодиро маҳз аз ҳамин ҳисоб таъмин менамоянд, диққати асосиро ба содироти ашёи хом ва маҳсулотҳои тайёр равона созанд, то ин ки суръати рушди нишондиҳандаи макроиқтисодӣ, аз ҷумла маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ вобастагии бевоситаро аз ҳаҷми содироти ашёи хом ва маҳсулотҳои нимтайёр надошта бошанд.

Ба дараҷаи таъминнокии захиравии сохтори ҳудудии минтақа истифодаи иқтидорҳои нав ва амалкунанда низ таъсири бевоситаи худро расонида метавонанд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин қайд мегардад, ки пеш аз ҳама, зарур аст, ки дар соли 2021 истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда, ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва фаъол гардонидани иқтидорҳои амалкунанда, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ тақвият бахшида, дар ин замина иҷрои нишондиҳандаҳои пешбинишуда, хусусан, доир ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи на камтар аз 7 фоиз ва ҳалли проблемаҳои рӯзмарраи аҳолӣ таъмин карда шавад [1].

Дар раванди таъминоти захиравӣ иқтидори захиравие, ки ташаккул меёбад, натанҳо тавсифдиҳандаи намуди захираҳо, инчунин сатҳи истифодаи онҳо ва қобилияти ба вуҷуд овардани самаранокии иловагӣ низ баромад менамояд. Дар ин ҳолат қисматҳои ёрирасони иқтидори захиравӣ метавонанд, ки ба дараҷаи таъминнокии худи захираҳо таъсири бевосита дошта бошанд (расми 1).




Расми 1. - Раванди таъминоти захиравии рушди иқтисодии минтақа аз ҳисоби иқтидори захиравӣ

***Манбаъ**: Таҳияи муаллиф.*

Аз расм маълум мегардад, ки раванди таъминоти захиравӣ зери таъсири омилҳои гуногун қарор дошта, вобастагии зичро аз иқтидори захиравӣ ба андозаи дараҷаи истифодаи он доро буда, дар натиҷаи дарёфти сарчашмаҳои пешбурди фаъолият амалӣ карда мешавад. Инчунин вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаро бо дарназардошти иқтидорҳои мавҷуда аз дигар воҳидҳои сохторӣ ва ҳудудӣ ҷудо намудан зарур аст ва дар натиҷа, ошкор бояд сохт, ки барои рушди иқтисодии минтақа кадом захираҳо метавонанд аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа арзёбӣ карда шаванд.

Дар бештари ҳолатҳо ба ҳайси захираҳое, ки имконияти таъмини бартариятҳои стратегии минтақаҳои алоҳидаро инъикос менамоянд баромад карда метавонанд: табиӣ (таҷҳизот ва техника); инсонӣ (таҷриба, кобилият, истеъдоди коллектив); молиявӣ (сармояи саҳмиявӣ ва қарзӣ, фоидаи тақсимнашуда); ташкилӣ (иҷрои корҳои дастаҷамона, наздикии иҷтимоӣ, нуфуз коллективи таъсисёфта) [2, 109]. Чунин тақсимоти захираҳо ва имконияти таъминнокии он натанҳо зери таъсири омилҳои номбаргардида қарор дорад, инчунин аз дараҷаи ворид намудани инноватсияҳо дар фаъолияти иқтисодии субъектҳои алоҳида вобастагӣ дорад. Бояд дар назар дошт, ки он захираҳое, ки барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ истифода бурда мешаванд, гуногунанд. Пеш аз ҳама, захираҳои табиӣ ва инчунин молиявӣ, ки таъйиноти онҳо барои молиякунонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди технологӣ истифода бурда мешаванд. Инчунин сармоягузорӣ барои азнавкунонӣ (модернизатсия) ва таҷдиди истеҳсолот аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ, сарчашмаҳои худӣ, ё ин ки имтиёзҳои андозӣ. Дар баробари ҳамаи захираҳои номбаргардида инчунин мавқеи калонро захираҳои энергетикӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ низ барои дараҷаи таъминнокӣ зарур аст.

Таъминоти захиравӣ, ба андешаи мо, вазифаи системавии дараҷаи самаранокии амалишавии фаъолияти иқтисодӣ маҳсуб ёфта, раванди андухт, тақсимот, азнавтақсимот, банақшагирӣ, назорат ва мониторинги фаъолиятро дар бар гирифта, самтҳои афзалиятноки фаъолияти субъектҳои алоҳидаро дар ҳудуди муайян беҳтар месозад.

Дар мақола қайд карда мешавад, ки гирдгардиши алоқамандии ҳудудии ҷойгиркунонии захираҳои аввалиндараҷа ва ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳамбастагии консептуалии зич қарор дошта, вобаста аз хусусиятҳои хоси ин ё он минтақа онҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд:

1.Вобаста аз мавҷудияти захираҳои табиӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, шароитҳои иқлимӣ, ландшафт ва ғ. Асоси ин гурӯҳро захираҳои бойи мавҷуда ташкил медиҳанд, ки ба он дохил карда мешаванд:

- Марказҳои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок ва дар онҳо ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулот;
- Ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли минбаъдаи он дар соҳаҳои гуногуни саноат;
- Рушди соҳаҳои инфрасохторӣ, пеш аз ҳама нақлиёт ба хотири хамлу нақли молу хизматрасониҳо;
- Тараққиёти соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ (рекреатсия, сайёҳӣ ва ғ).

2.Дар ҳолати азхуд намудани бештари захираҳои ҳудуди муайян ва рушди намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии субъектҳо амалӣ карда мешавад. Асоси ин гуна махсусияти таъминоти захиравӣ дар он зоҳир карда мешавад, ки дар он касбу малакаи кормандон ва мутахассисони ин ё он соҳа баланд буда, захираҳои молиявӣ андӯхт карда шуда, барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ заминаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шудаанд. Ин ҳолат бештари минтақаҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунонад. Масалан рушди соҳаҳои гуногун дар марказҳои вилоятҳо (шаҳру ноҳияҳои марказбуда аз дигар ҳудуд бо ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд:

- Рушди соҳаи саноат аз ҳисоби технологияҳои ҳозиразамон дар амал тадбиқ карда мешавад;

- Хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла қарзӣ, сармоягузорӣ суғуртавӣ ва технологияҳои молиявӣ дар давраи дарозмуҳлат рушдёбанда ба ҳисоб меравад;

- Фаъолияти илмӣ ва таълимии сатҳи баланд таъмин карда шудааст, ки инконияти истифодаи захираҳоро васеъ менамояд.

Чунин тақсимоти захираҳои иқтисодӣ ва дараҷаи таъминнокии он барои муайян намудани сатҳ ва дараҷаи рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳидаро ошкор месозад. Барои он минтақаҳое, ки ба гурӯҳи якум шомил мешаванд, зарур аст, ки тавассути тарҳрезии барномаҳои дарозмуҳлати мақсаднок ё ин ки нақшаи стратегӣ рушди иқтисодиро аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳо таъмин намоянд. Барои минтақаҳои гурӯҳи дуюм бошад, зарур аст, ки истифодаи захираҳои иқтисодиро аз ҳисоби технологияҳои муосир ва инноватсияҳо ба роҳ монда, ҳарчи бештар рушди иқтисодии интенсивиро пайгирӣ намоянд. Дар баробари ин, рушди соҳаҳои алоҳида натанҳо аз ҳисоби кам намудани ҳиссаи дигар соҳа, балки аз ҳисоби афзоиши худи соҳаҳои тавлидкунандаи маҳсулоти тайёр ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки ҷойгиркунонии ҳудудии захираҳои аввалиндараҷа омили асосии ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда маҳсуб ёфта, истеҳсоли захираҳои моддӣ омили асосии ҷойгиркунонии дигар захираҳо, махсусан ҳамчун молиявӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ ва ташкилӣ-идоракунӣ баромад менамояд. Инчунин ин гуна алоқамандӣ аз дараҷаи тағйирёбии захира, яъне мубаддал гардидан аз як шакл ба шакли дигар (аз захираи моддӣ ба молиявӣ) вобастагӣ дорад. Набояд фаромуш кард, ки дараҷаи тағйирёбӣ дар баъзе ҳолатҳо алоқамандии баръакс дорад. Масалан, аз худ намудани захираҳои имконнопазире, ки аз лиҳози иқтисодӣ ғайримақсадноканд.

Ба андешаи мо ҳар як минтақа дорои сатҳи муайяни дараҷаи таъминнокии захиравӣ буда, самти фаъолият ва махсусияти минтақаро дар оянда муайян месозад. Дар баъзе ҳолатҳо барзиёдии захираҳои иқтисодии мавҷуда ба сиёсати иқтисодии давлат ё ин ки худи минтақа дар муҳлати муайяни вақт мутобиқат карда наметавонад ва як гурӯҳи захираҳои иқтисодӣ мавриди истифода қарор гирифта намешаванд. Инчунин истифодаи ҳамаи захираҳои иқтисодӣ чӣ дар давраи кутоҳмуҳлат ва чӣ дарозмуҳлат иҷроиши якҷоя (комплекси)-и чорабиниҳоро талаб менамояд, ки дар маҷмуъ раванди идоракунии онро ташкил медиҳад. Идоракунии таъминоти захиравӣ дар навбати худ барои гирдгардиши захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ дар давраи муайяни вақт, ё ин ки барои ҷалби захираҳои иловагӣ ба минтақа истифода бурда мешавад [4, 29]. Ҳамаи захираҳое, ки дар раванди идоракунии таъминоти захиравӣ истифода бурда мешаванд (чӣ захираҳои худӣ, чӣ захираҳои ҷалбшаванда) барои мувофиқат намудан ба ҳадафҳои иқтисодии минтақа бояд назорат карда шаванд. Маҳз ҳамин хусусият аст, ки раванди идоракунии онро аз дигар шаклҳо фарқ мекунонад. Дар маҷмуъ идоракунии таъминоти захиравии минтақа ҳамчун таъсиррасонии комплексӣ ба самтҳои тағйирёбии миқдорӣ, сифатӣ, таркибӣ ва алоқамандии захираҳои иқтисодии минтақаро дар назар дошта шуда, ошкор месозад, ки то чӣ андоза захираҳои истифодашуда ва истифоданагардида ба ҷараёни истеҳсоли маҳсулот таъсири бевоситаи худро расонида метавонанд.

Идоракунии раванди таъминоти захиравии минтақа ба самтҳои гуногуни ҳайёти иҷтимоӣ таъсири бевоситаи худро расонида метавонад. Аз ҷумла:

1. Бахши иҷтимоӣ-иқтисодӣ: сатҳ ва сифати зиндагонӣ;
2. Иқтисодиёт: мутавозинӣ ва устувории низоми иқтисодӣ тавассути алоқамандии байни сатҳи махсусгардонӣ ва диверификатсияи он;
3. Ҳолати демографӣ: тавсифи ҷараёнҳои демографӣ ва такрористеҳсоли аҳолӣ;

4. Ҳолати экологӣ: гузаронидани корҳои барқарорсозӣ ва канданиҳои фоиданоки табиӣ, нигоҳдории меъёрҳои экологӣ ва иҷроиши талаботҳои такрористеҳсоли маҳсулот дар сатҳи минтақавӣ.

Дар ҳар як бахши ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низоми идоракунии таъминоти захиравӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки барои ҳамаи онҳо таъсири бевоситаи худро расонида метавонанд. Миёни онҳо чунин хусусиятҳои хосро метавон ҷудо намуд:

1. Мураккабии сохтор, ташкил ва амалӣ намудани низоми идоракунӣ дар сатҳи минтақавӣ;
2. Мустақиман ё ғайримустақим идора намудани раванди таъминоти захиравии минтақа аз ҳисоби таъсири омилҳои истеҳсолот;
3. Мӯҳлатнокии иҷрои нақшаҳои идоракунӣ дар сатҳи минтақавӣ ва дар ҳамбастагӣ бо дигар минтақаҳои сатҳи иқтисодиёти миллӣ;
4. Ҷудо намудани фишангҳои идоракунии раванди таъминоти захиравӣ дар сатҳи минтақавӣ;
5. Арзёбии сифати корҳои ташкилӣ ва амалинамоии низоми идоракунии таъминоти захиравӣ дар сатҳи минтақавӣ.

Дар хулоса ҳаминро бояд қайд намуд, ки таъминоти захиравӣ ва раванди идоракунии он барои таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ, махсусан иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида мавқеи махсусро ишғол намуда, барои ноил гардидан ба рушди устувор барои минтақаҳои ҷумҳурӣ зарур аст, ки таҳияи барномаҳои кутоҳмуҳлат ва дарозмуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодиро вобаста аз махсусият ва мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ амалӣ намоянд. Дар баробари ин барои минтақаи алоҳида зарурат пеш омадааст, ки раванди таъминоти захиравиро бодарназардошти иқтидори захиравии мавҷуда, ки он чӣ гунае, ки таҷрибаи истифодабарии он нишон медиҳад, на ҳама вақт пурра ё ин ки васеъ мавриди истифода қарор мегирад, мутобиқ гардонида шавад. Ин гуна мутобиқатӣ барои пешбурди фаъолияти иқтисодии субъектҳои алоҳида дар сатҳи минтақавӣ шароитҳои мусоидро амалӣ карда метавонад.

**Адабиёт:**


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». ш. Душанбе. 26.01.2021 с.*

*2. Грачев С.А., Фраймович Д.Ю., Доничев О.А. Направления ресурсного обеспечения инновационной деятельности социально-экономических систем // Экономический анализ: теория и практика. 2016. №8 (455). - С. 108-119.*

*3. Добролежа Е. В. Методический инструментарий стратегического управления эффективностью ресурсного обеспечения региона // Финансы: теория и практика. 2010. №6. – С. 45-49.*

*4. Оборин М. С. Повышение финансово-экономической стабильности сельскохозяйственного производства в регионе (на примере Ленинградской области) //Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2021. – №. 2. – С. 27-33.*

*5. Садриддинов М.И. Ҷанбаҳои назариявии раванди идоракунии таъминоти захиравии рушди иқтисоди миллӣ / Г. М. Маҳмадшарифова // Паёми Молия ва иқтисод. – 2021. 2 (26). – С. 70-77.*

*6. Тамбовцев В., Валитова Л. Ресурсная обеспеченность страны и ее политико-экономические последствия //Экономическая политика. – 2007. – №. 3. – С. 18-31.*

*7. Sachs J. D., Warner A. M. Natural resource abundance and economic growth / NBER Working Paper No W5398. 1995. P.-56-59.*

*8. Stijns J.-P. Natural Resource Abundance and Economic Growth Revisited. Department of Economics. Northeastern University / Mimeo. 2005. April; Brunnschweiler C.*

*Cursing the blessing? Natural resource abundance, institutions, and economic growth / Mimeo. Institute of Economic Research; University of Zurich. 2006. February. P.-136-142.*

Махмадшарифова Г.М.

## РОЛЬ РЕСУРСНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕГИОНА

**Таджикский государственный финансово-экономический университет**

*В статье исследуется особая роль ресурсного обеспечения в социально-экономическом развитии отдельного региона. Выявлено, что ресурсное обеспечение и процессы управления зависят от наличия природного потенциала, и для его обеспечения необходимо эффективно использовать природные ресурсы. Также в результате исследования теоретико-практических аспектов ресурсного обеспечения можно прийти к выводу, что основу ресурсного обеспечения, с одной стороны, составляет наличие природных ресурсов, с другой, степень специализации региона. В статье показано, что большая часть экономических ресурсов региона зависит от специализации и ограниченности ресурсов и не используется эффективно.*

***Ключевые слова:*** *ресурсное обеспечение, экономическое развитие, природный потенциал, процессы управления, национальная экономика, региональная экономика, экономический рычаг, инновационные методы использования ресурсов, привлечение инвестиции, инвестиционное обеспечение, обработка природных ресурсов.*

Mahmadsharifova G. M.

## THE ROLE OF RESOURCE PROVISION IN THE DEVELOPMENT OF THE REGION'S ECONOMY

**Tajik state university of finance and economics**

*In this article author examined the special role of resource provision in the socio-economic development of a particular region. It is revealed that resource provision and management processes depend on the availability of natural potential and it is necessary to use natural resources effectively to ensure it. Also, as a result of the study of theoretical and practical aspects of resource provision, it can be concluded that the basis of resource provision, on the one hand, is the availability of natural resources, on the other hand, the degree of specialization of the region. The article shows that most of the economic resources of the region depend on specialization and limited resources and are not used effectively.*

***Key words:*** *resource provision, economic development, natural potential, management processes, national economy, regional economy, economic leverage, innovative methods of using resources, attracting investment, investment provision, processing of natural resources.*

***Сведение об авторе:***

***Махмадшарифова Гуландом Махмадзарифовна*** *- соискатель кафедры "Экономика предприятий и предпринимательство" Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: 988497110, e-mail: Gulandom-2020@mail.ru.*

УДК 330.1. + 338(575.3)

Асоев М.М.,
Манонов С.С.

# АРЗЁБИИ ИНДИКАТОРҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МАҲАЛҲОИ ДЕҲОТ (ДАР АСОСИ МАВОДҲОИ НОҲИЯҲОИ ТОБЕЪИ ҶУМҲУРӢ)

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур арзёбии индикаторҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии маҳалҳои деҳот (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи мо, барои баҳодиҳии сатҳи рушди инфрасохтори ичтимоии маҳалҳои деҳот, методологияи баҳодиҳии интегралии рейтингиро истифода бурдан хеле ба маврид мебошад. Дар мақолаи мазкур таъкид карда шудааст, ки инфрасохтори ичтимоӣ ба ташаккули инсон, аз ҷумла, олами маънавӣ, фарҳангӣ, тарзи ҳаётии солим, ҳифз ва таҳкими саломатии ӯ, омодагӣ ба мавқеи фаъолии он дар ҷомеа таъсири бузург мерасонад. Аз ин лиҳоз риояи меъёри асосии муайян кардани сатҳи рушди инфрасохтори ичтимоии деҳот аз фаъолияти доимии объектҳо ва сифатии амалкарди хизматрасониҳо вобастагии зиёд дорад.*

***Калидвожаҳо**: маҳакҳо, инфрасохтори иҷтимоӣ, маориф,тандурустӣ, фарҳанг, шумораи китобҳо, гардиши мусофирони нақлиёт, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ,кафолати қарзҳо, грантҳо, кӯмаки техникӣ, барномаҳои таҳқиқотӣ мактабҳо, клиникаҳо, истгоҳҳо, системаҳои энергетикӣ,обтаъминкунӣ, телекоммуникатсия, мушкилиҳои манзил, беҳтар шудани вазъи демографӣ ва афзоиши некуаҳволии мардум.*

Дар мақолаи мазкур таъкид карда шудааст, ки инфрасохтори ичтимоӣ ба ташаккули инсон, аз ҷумла, олами маънавӣ, фарҳангӣ, тарзи ҳаёти солим, ҳифз ва таҳкими саломатии ӯ, омодагӣ ба мавқеи фаъолии он дар ҷомеа таъсири бузург мерасонад. Бо афзудани сатҳи рушди инфрасохтори ичтимоӣ сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ низ рӯ ба беҳбудӣ меоварад. Тариқи додани имтиёзҳо сармоягузорӣ дар самти бунёди иншоотҳои инфрасохторӣ, ки ин ба рушди инфрасохтори ичтимоӣ мусоидат мекунад, амалӣ кардан ба маврид мебошад.

Дар мақолаи мазкур усули таҳқиқи рушди устувори инфрасохтори минтақаҳо дар асоси ҳисоб кардани коэффитсиентҳои устувори рушди инфрасохтори ичтимоии ноҳияҳо тибқи гурӯҳбандӣ пешниҳод карда шудааст

Давлатов Қ.Қ. ва Тағоев Ҷ.Х. ба бозсозии истеҳсолот ва иншооти инфрасохтор дар арзёбии самаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ, бештар ба нишондиҳандаҳои амният, фарогирӣ, маҳдудият ва муқоисаи нархҳои хизматрасонии пулакӣ дар шаҳрҳо ва деҳот аҳамияти хоса додаанд. [1]

Гуфтан ба маврид аст, ки бозсозии истеҳсолот ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири бағоят бузург мегузорад. Ҳар чи қадар бозсозӣ зиёд гардад, ҳамон қадар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ меафзояд

Олими ватанӣ пророфессор Ашӯров И.С., нишондиҳандаҳои таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоиро бо роҳи таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, хидматҳо, маҳсулот ҳангоми таҳлили дурнамои ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст.[2 ]

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми ислоҳотҳо рушд ва таҳкими соҳаҳо ба вуҷуд омада ва ба ин васила рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа таъмин мегардад.

Мадаминов А.А. [3] оид ба истифодаи нишондиҳандаҳои арзёбӣ, сатҳ ва сифати хидматҳоро қайд кардааст, ки инфрасохтори иҷтимоӣ бо нишондиҳандаҳои ниҳоии худ, дар нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ инъикос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки рушди корхонаҳо ва фаъолияти фирмаҳо боиси он мегардад, ки дар минтақа аз маҷмуи хизматрасониҳо истифода бурда шавад ва бо ин васила ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири худро гузорад.

Самандаров И.Ҳ.[4], оид ба ин масъала, ба истифодаи нишондиҳандаҳои табиӣ ва муқоисавӣ афзалият дода, дар сатҳи микро, мезо ва макроиқтисодиёт омӯхта, баҳодиҳӣ намудааст.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ метавонад ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ замина гузорад.

Пириев Ҷ.С [5], дар бораи муайян кардани сатҳ ва сифати хизматрасонии унсурҳои иҷтимоӣ инфрасохтор, истифодаи чунин нишондиҳандаҳоро ба мақсад мувофиқ медонад: андозаи маблағгузории асосии барои сохтмон ҷудошуда, барқарорсозӣ, тавсеа ва модернизатсияи объектҳои иҷтимоӣ; ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз буҷети давлатӣ ва ҳиссаи онҳо дар хароҷоти буҷа; ба истифода додани иншооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ; аз ҳисоб баровардани объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ бо сабаби фарсудашавӣ ва ғ.

Ҳамин тавр, гуфтан ба маврид аст, ки андозаи маблағгузорӣ метавонад ҳамчун катализатори соҳаи иҷтимоӣ баромад карда, ба ин восита бахши хусусӣ низ дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ саҳми худро гузошта, маҷмуи маблағҳои гузошташуда зиёд гардида, бо ин васила сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ метавонад дар оянда зиёд гардад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ мувофиқи маълумотҳои сомонаҳои интернетӣ аз даҳ нафар аҳолии дар кураи замин зиндагикунанда, ҳафт нафарашон дар деҳот зиндагии худро ба роҳ мондаанд. Як қисми аҳолии онҳо аз бастаи асосии кафолатҳои иҷтимоӣ маҳруманд, ки ин дар коҳиш ёфтани шабакаи муассисаҳои иҷтимоӣ, кам шудани дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои мардуми деҳот зоҳир мегардад.

Дар Русия ҷанбаҳои манфии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ низ зуҳуроти мушаххас доранд ва ба он аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳо дода мешавад: бад шудани ҳолати ҷисмонии заминаи моддии инфрасохтори иҷтимоӣ; якбора коҳиш ёфтани сармоягузорӣ ба сохтмони ғайри истеҳсолӣ; набудан ё миқдоран ками иншооти иҷтимоӣ (мактабҳо, клубҳо, иншооти варзишӣ, китобхонаҳо); бад шудани шароити манзил (афзоиши ҳиссаи манзилҳои фарсуда); сифати пасти хизматрасониҳои тиббӣ ва китобдорӣ, хизматрасониҳои фарҳангию фароғатӣ. [6].

Дар ҷараёни таҳқиқот асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муайян гардид, ки шумораи зиёди таҳқиқотгарони ба омӯзиши нишондиҳандаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ таърифҳои гуногуни ин мафҳумро овардаанд, Аз ҳамин лиҳоз гуфтан ба маврид аст, ки коҳиш ёфтани инфрасохтори иҷтимоӣ шароити зиндагӣ ва роҳати зиндагиро аз байн бурда, боиси карахтии соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши таҷрибаи бойи илмӣ тафсири ин категорияро метавон ба чор равиши калидӣ - анъанавӣ, функсионалӣ, неоклассикӣ ва идоракунӣ гуруҳбандӣ намуд, ки дар ҷадвали 1. инъикоси худро ёфтааст.

Ҳамин тариқ, инфрасохтори иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба рушди минбаъдаи шахс ва ҷомеа нигаронида шудааст ва инчунин рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ин таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва кафолати шароити арзанда ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи профессор Баутин В.М. дар муносибат бо нишондиҳандаҳои иҷтимоии гуруҳӣ дар таҳқиқоти худ чунин баҳо додааст [8].

Нишондиҳандаҳои дохили система самараҳоеро ифода мекунанд, ки бевосита дар соҳаҳо ва дар дохили он фаъолияти мураккаби инфрасохтори иҷтимоӣ (масалан, афзоиши солонаи фурӯши маҳсулот ва хидматрасонии соҳаҳо инфрасохтори иҷтимоӣ барои як воҳиди маблағгузории асосӣ, ё хароҷот, даромад аз фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ ва ғ.) сохта шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Усулҳои фаҳмидани инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳо**

| Муносибат | Мазмуни муносибат |
|---|---|
| **Анъанавӣ** | Инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмӯи муассисаҳо ва соҳаҳои фаъолиятест, ки барои зиндагии муқаррарии аҳолӣ шароит фароҳам меоранд, аз ҷумла рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ, хадамоти инсон (маориф, тандурустӣ, санъат, амнияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, фароғатӣ, хӯроки умумӣ); таъминоти инсон (фурӯш) ва фароҳам овардани шароити бароҳати зиндагӣ ва таъмини зиндагии шахс (газ, барқ, об, манзил, коммуналӣ, алоқа, нақлиёт, шабакаи роҳ). |
| **Функсионалӣ** | Инфрасохтори иҷтимоӣ соҳаи хизматрасонӣ барои аҳолӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани як қатор ниёзҳои мубрами анъанавии аҳолӣ пешбинӣ шудааст ва механизми муайяне, ки рушди тарзи ҳаётро назорат мекунад ва ба ташаккули шаклҳои ояндадори иҷтимоии зиндагии субъектҳо мусоидат мекунад. |
| **Неоклассикӣ** | Инфрасохтори иҷтимоӣ сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ тавассути ташкили фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ, тиббӣ, манзилӣ - коммуналӣ ва дигар муассисаҳо мебошад, ки қонеъгардонии ниёзҳои иҷтимоии ҳаётбахши одамонро таъмин мекунанд ва барои зиндагӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. |
| **Роҳбарӣ** | Дар заминаи банақшагирии ҳудудӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи воситаҳо ва унсурҳое ҳисобида мешавад, ки ташаккул, дастгирӣ ва рушди сифати зиндагии аъзои ҷомеаро таъмин мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, инфрасохтори иҷтимоӣ муносибатҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, таҳсилот, шуғл, сатҳи некӯаҳволӣ ва истироҳатро дар бар мегирад. |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф. Дар асоси Арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа Белехова Г.В., Калашников К.Н., Шаров В.В тартиб дода шудааст[11].*

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2030 ин масъала бо назардошти афкор омӯхта ва таҳлил карда шуд. Олимон ва мутахассисони ватанию хориҷӣ нишондиҳандаҳои зерини рушди бахшҳои иҷтимоиро таҳия кардаанд, ки дар ҷадвали 1 инъикоси худро ёфтааст.

Бояд гуфт, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар баробари хидматҳои анъанавӣ, соҳаҳои дигари иҷтимоӣ низ ба хизматрасонии пулакӣ гузаштанд. Масалан, имрӯз дар бисёр минтақаҳои кишвар, мактабҳои хусусӣ, дармонгоҳҳои хусусӣ, варзишгоҳҳои ғайридавлатӣ мавҷуданд, объектҳои иҷтимоӣ, ки фаъолияти худро тибқи принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ пеш мебаранд.

Инчунин, бисёр муассисаҳои коммуналӣ ва нақлиёти мусофирбар, фаъолияти худро дар асоси механизмҳои иқтисоди бозорӣ ба роҳ монда истодаанд.

Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанбаҳои гуногун таҳқиқ гардидаанд. Профессор Ғаниев Т.Б. дар бораи ташаккул ва рушд идоракунии иҷтимоӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин қайд намудааст: «иҷтимоиёт бахши соҳаи махсуси идоракунии давлатӣ, илм, маориф, меҳнат ва менеҷмент, ки мавзӯи он инсон ва ниёзҳои ӯ ба шумор меравад дар нуқтаи меҳварӣ истодааст”.[9]

Ҷадвали 2.

**Маҳакҳо баҳодиҳии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ**

| Маҳак | Усули ҳисобкунии нишондиҳанда | Воҳиди ченак |
|---|---|---|
| Аҳолӣ | Индекси аҳолии қобили меҳнат | адад |
| | Индекси умри миёнаи аҳолӣ | сол |
| | Коэффитсиенти фавти модарон | ба 1000 модар |
| | Коэффитсиенти фавти кӯдакон | ба 1000 нафар |
| Маориф | Индекси таъминоти кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ | % |
| | Индекси фарогирии кӯдакони аз се то шашсола аз ҷониби муассисаҳои томактабӣ, маориф | % |
| | Индекси таъминоти ҷойҳо барои кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ | ба 100 нафар |
| | Индекси таҳсилоти мактаббачагон | ҳазор нафар |
| | Индекси маълумоти миёнаи махсус | ҳазор нафар |
| | Индекси таҳсилоти донишгоҳӣ | ҳазор нафар |
| | Нишондиҳандаи занон дар байни донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии маориф | % |
| Сатҳи зиндагии аҳолӣ | Индекси даромади аҳолӣ | сомонӣ, % |
| | Индекси хароҷоти аҳолӣ ба хӯрокворӣ аз даромади умумӣ | сомонӣ, % |
| | Индекси сабади истеъмолӣ | Кг |
| | Индекси хизматрасониҳои бонкӣ | Аҳоли/бонк |
| | Сарфаи хароҷоти аҳолӣ аз иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | сомонӣ |
| | Индекси афзоиши даромади аҳолӣ аз ҳисоби равнақи рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ | сомонӣ |
| | Индекси таъмини аҳолӣ бо неруи барқ | % |
| | Таъмини аҳолӣ бо техникаҳои маишӣ (автомобил, яхдон, телевизер ва кондитсионер) | % |
| Тандурустӣ | Индекси таъминоти аҳолӣ бо кадрҳои тиббӣ | ба 10 ҳаз нафар |
| | Индекси таъминоти аҳолӣ бо катҳои беморхона | ба 10 000 нафар |
| | Индекси таъминоти аҳолӣ бо ҳуҷраҳои амбулаторӣ | ба 10 ҳаз нафар |
| | Индекси бемории аҳолӣ аз рӯи синфҳои асосии бемориҳо | % |
| | Индекси ҳиссаи минтақаҳое, ки ба маблағгузории сарикасӣ дар система гузаштаанд | ба 100 ҳаз нафар |
| Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Индекси афзоиши нафақаҳои воқеӣ | сомонӣ |
| | Индекси андозаи миёна дар як моҳ сомонӣ таъин шудааст | сомонӣ |
| | Индекси маъюбон, ки нафақаи маъюбӣ ва нафақаи иҷтимоӣ мегиранд | % |
| | Ҳиссаи муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва тандурустӣ, ки биноҳояшон барои инвалидон мувофиқ кунонда шудаанд | одам |
| Фарҳанг | Индекси ташриф ба музейҳо аз ҷониби аҳолӣ | ҳазор нафар |
| | Индекси иштирок дар театрҳо | ҳазор нафар |
| | Индекси ташрифи аҳолӣ ба китобхонаҳо | ҳазор нафар |
| | Индекси таъмини аҳолӣ ба рузномаҳо | ҳазор нафар |

| | | |
|---|---|---|
| | Индекси иштироки аҳолӣ дар озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ” | % |
| **Шароити зист** | Индекси таъминоти аҳолӣ ба манзил | м2 одам |
| | Индекси фонди манзили фарсуда ва садамавӣ | м2 |
| | Индекси такмили манзил | м2 |
| **Экология** | Индекси ифлосшавии ҳаво | ҳазор тона сол |
| | Индекси оби ифлосшуда | литр, мграм |
| | Индекси хароҷоти ҳифзи муҳити зист | ҳазор сомонӣ |
| **Нақлиёт** | Индекси таъминоти аҳолӣ бо воҳидҳои нақлиёти мусофирбар | Дона |
| | Индекси гардиши мусофирон | млн. мусофир |
| | Индекси зичии роҳҳои сангфарш | Км |
| **Алоқа** | Индекси фарогирии аҳолӣ, қаламрав бо шабакаи телефон | Км |
| | Индекси таъминоти аҳолӣ бо алоқаи ҷамъиятӣ | ба 100000 нафар |
| | Таъмини аҳолӣ бо шабакаҳои телевизонӣ ва радио | ба 100000 нафар |
| **Варзиш** | Индекси таъмини аҳолӣ бо маҷмааҳои варзишӣ | 100 ҳаз нафар |
| | Индекси аҳолии ба варзиш машғулбуда | нафар |
| | Индекси таъмини аҳолӣ бо воситаҳои варзишӣ | Адад |
| **Демократия** | Индекси иштироки аҳолӣ дар интихоботҳо | % |
| | Индекси интихоби занҳо ба хизмати давлатӣ | % |
| | Индекси занҳои интихобшуда ба шуроҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ. | % |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф [12 ]. Такмил дода шудааст.*

Илова бар ин, нишондиҳандаҳои оморӣ асоси илмии таҳқиқотро ташкил намуда, метавонад ҳам як ҷузъи таҳлили муқоисавии ҳудудҳо ва ҳам як ҷузъи низоми иттилоотию таҳлилии идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳо ба ҳисоб равад.

Ҳамин тариқ, қайд кардан бамаврид аст, ки барои арзёбии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, методи баҳодиҳии интегралии рейтингиро истифода бурдан ба маврид аст.

Чуноне, ки А.А. Грабар [10], арзёбии рейтингиро дар навбати аввал ба нишондиҳандаҳои сифатӣ ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ ҷудо намуда, бо ин васила муқоисаи минтақа аз кадом нишондиҳандаҳо қафо мондааст ва ё ин ки рушд намудааст, баҳодиҳӣ намудааст.

Баҳодиҳии рейтинги ноҳияҳо ҷанбаҳои гуногуни рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва ташаккули системаи нишондиҳандаҳои минтақаро инъикос менамоянд, ки бо ин васила патенсиали иҷтимоию иқтисодии минтақа баҳодиҳӣ карда мешавад. Дар асоси омӯзиши методологияи баҳодиҳии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ метавон маҷмуи нишондиҳандаҳоро ба 7 блоки тематикӣ гурӯҳбандӣ намуда, сатҳи рушди минбаъда ва ҳолати воқеиро баҳо дод, ки дар ҷадвали 2. инъикоси худро ёфтааст.

Арзёбии рушди инфрасохтори маориф дар минтақа хеле мушкил аст, зеро шабакаи муассисаҳои таълимӣ мураккаб буда, тамоми минтақаро зарур аст, ки ба мақсади содатар баҳодиҳӣ намудани вазъи таҳсилот, аз баҳодиҳии рейтингӣ истифода намудан, хеле ба маврид мебошад, тадбирандешиҳоро дар ин самт тақозо менамояд.

Методологияи пешниҳодшуда барои арзёбии интегралии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ аз чор марҳила иборат аст.

**Марҳилаи I -** асосноккунии таркиби нишондиҳандаҳо. Нишондиҳандаи таъмини аҳолӣ ба манзил ва хизматрасонии коммуналӣ - маҷмӯи зербахшҳое мебошад, ки ба фаъолияти инфрасохтори муҳандисиро дар нуқтаҳои аҳолинишин бо таъмин намудани

манзил ва роҳати зиндагии шаҳрвандон нигаронида шудааст. Хоҷагиҳои манзилию коммуналӣ, соҳаи муҳимтарини системаи инфрасохтори иҷтимоӣ ба шумор рафта, барои зиндагӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон роҳатро фароҳам меорад. Маҳз фонди манзилӣ имконият медиҳад, ки соҳаҳои дигар ҷараёни такрористеҳсолӣ ва бозомӯзиро ба роҳ монад.

**Ҷадвали 3**

**Системаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа**

| Блокҳо | **Маҳакҳо** |
|---|---|
| I | Сатҳи зиндагӣ, таносуби музди миёнаи моҳонаи кормандони ташкилотҳо ва андозаи ҳадди ақали зиндагии аҳолии қобили меҳнат, мавҷудияти мошинҳои ҳама намудҳо аз соҳибони инфиродӣ (дар охири сол, адад ба 1000 нафар) |
| II | Таъмини аҳолӣ ба фонди манзил ($м^2$, масоҳат майдони ба 1 нафар сокин), ба истифода додани хонаҳои истиқоматии инфиродӣ дар минтақа (масоҳати умумӣ бо $м^2$), ҳиссаи фонди манзили бо гази моеъ таъмин.(%) |
| III | Маориф. Хароҷоти маҷмӯии буҷет барои таҳсил (ба як нафар); шумораи хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба 10 ҳазор нафар; музди маоши миёнаи моҳонаи муаллимон бо % аз сатҳи миёна дар иқтисодиёт; ҳаҷми хизматрасонии пулакии таълимӣ ба аҳолӣ ба як нафар. |
| IV | Тандурустӣ. Шумораи муассисаҳои табобатӣ воҳидҳо барои 10000 нафар аҳолӣ; таъминоти аҳолӣ бо табибон барои 10000 нафар аҳолӣ; таъминоти аҳолӣ бо кадрҳои миёнаи тиб барои 10000 нафар аҳолӣ; таъмин аҳолӣ бо катҳои беморхонаҳо, воҳидҳо барои 10000 нафар аҳолӣ |
| V | Фарҳанг. Шумораи китобхонаҳо ба 1000 нафар; шумораи муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба 1000 нафар; |
| VI | Гардиши мусофиркашонии нақлиёт ва коммуникатсия тавассути автобусҳо ва ҳамаи намудҳои фаъолият, ки ба тиҷорати хурд марбут нестанд; таъмин будани аҳолӣ ба шабакаи телефонӣ (адад ба 1000 нафар); дарозии роҳҳои мумфарш км ба 1000 $м^2$ км қаламрав |
| VII | Фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозори истеъмолӣ (ба 1000 нафар ҳаз. Сомонӣ); фурӯши маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (ҳаз. Сомонӣ ба 1000 нафар); муомилоти хӯроки умумӣ (ҳаз. Сомонӣ ба 1000 нафар); ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар як сол (ҳаз. Сомонӣ ба 1000 нафар) |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси Арзёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа Белехова Г.В., Калашников К.Н., Шаров В.В. тартиб дода шудааст.[11].*

Хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бошад яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ба шумор меравад, зеро солимии аҳолӣ асоси бойигарии давлат ҳисобида мешавад. Пас барои ҳаёти бехатар мебояд рушди тандурустиро таъмин намуда, аз хатари захмӣ шудан, гирифтор шудан ба беморҳо ва дигар таҳдидҳои бавуҷуд омадаистода танҳо рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва алалхусус рушди тандурустӣ метавонад, ба солимӣ ва сиҳатмандии аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар ҷаҳони имрӯза фарҳангҳои бузург фарҳангҳои хурдро фурӯ бурда истодаанд. Аз ин лиҳоз фарҳанг яке аз нишондиҳандаҳои асосии таъмини бехатарӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи минтақа (маҳал) ба шумор меравад. Дохил намудани ин нишондиҳандаи соҳаи фарҳанг ба методология имкон медиҳад, ки ҷузъи истироҳати ҳаёти аҳолӣ, рушди ахлоқӣ, сатҳи маърифатии аҳолӣ, ҳимояи арзишҳои фарҳангӣ, фарогирии аҳолӣ ба китобхонӣ, арзёбӣ карда шавад.

Дар ин самт маҳз солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуда истодаанд, ки ба онҳо баргузор намудани озмунҳои ҷумҳуриявии

“Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст!”, “Илм - фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон - ватани азизи ман”, “Андалеб”, “Чакомаи гесӯ”, ҷашнгирӣ ва арҷгузорӣ ба Наврӯз, Меҳргон, Садда ғайраҳо мисол шуда метавонад. Яъне бо ин васила метавон сатҳи рушди фарҳангӣ ва маърифатии аҳолиро таъмин намуд.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ягон минтақа ва ё давлат наметавонад дар алоҳидагӣ талаботҳои худро таъмин созад, пас зарурат пеш меояд, ки муносибатҳои худро ба давлатҳо ва ё минтақаҳои дигар ба роҳ монад. Аз ин лиҳоз ташкили роҳҳо ва муносибатҳои байниминтақавиро ба воситаи рушди соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия таъмин намудан зарур аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин ҷода аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҳадафҳои стратегӣ муайян гардидаанд, яке аз онҳо ин баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ба шумор меравад.

Фаъолияти бозори истеъмолӣ низ яке аз нишондиҳандаҳое ба шумор меравад, ки қобилияти қонеъ кардани ниёзҳои сокинонро инъикос менамояд. Ин нишондиҳандаи сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва васеъ будани доираи маҳсулот, хизматрасониҳои мавҷудбударо тавсиф мекунанд, ки бояд ҳангоми арзёбии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба назар гирифта шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳар чӣ қадар доираи муносибатҳои иқтисодӣ афзояд, ҳамон қадар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ устувор мегардад. Бояд илова намуд, ки фурӯши маҳсулотҳои ғайриозуқаворӣ низ яке аз нишондиҳандаҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба шумор меравад, чун ки бо зиёдшавии талабот ба молҳои ғайриозуқаворӣ ин инъикоскунандаи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ба шумор меравад

**Марҳилаи II** - баҳодиҳии ноҳияҳо барои ҳар як нишондиҳандаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ.

Барои муайян кардани рейтинг, усули миёнаи тағйирёбанда истифода мешавад. Дараҷаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои интихобшуда барои ҳар як ноҳия аз арзиши миёнаи ин нишондодҳои барои минтақа дар маҷмӯъ ҳисоб карда мешавад:

$$K=\frac{x_y}{x_M}, \text{ дар инҷо:}$$

$x_y$ - арзиши умумии нишондиҳанда дар як бахш;

$x_M$ - арзиши миёнаи нишондиҳанда барои минтақа.

**Марҳилаи III** - ҳисобкунии рейтинги маҷмӯии ноҳияҳо барои блокҳои алоҳидаи нишондиҳандаҳо, ки сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро тавсиф мекунанд.

Дар асоси нишондодҳое, ки воқеан ноҳияҳо ба даст овардаанд, рейтинги таркибӣ бо усули таҳлили бисёромилаи муқоисавӣ ҳисоб карда мешавад. Коэффитсиентҳои стандартишудаи чоркунҷа кардашуда, решаи квадратӣ аз ҷамъи квадратҳои ҳар як коэффитсиент бароварда мешавад. Арзиши ҳисобшуда рейтинги ҷамъбастӣ мебошад, ки арзишҳои ҳамаи нишондиҳандаҳои блоки ҷудогонаро ба инобат мегирад:

$$I_J = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n} k_1^2}{n}}.$$

**Марҳилаи IV - ташаккули рейтинги интегралӣ**. Инъикоси аҳамияти ҳар як нишондиҳанда ва таносуби онҳо бо мақсади сохтани интеграл рейтинги ноҳияҳо аз рӯи сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, тибқи прогрессияи геометрӣ ба роҳ монда мешавад:

$$I = 8\sqrt{I_1 x\, I_2 x\, I_3 x I_4 x\, I_5 x I_6 x I_7}, \text{ дар ин ҷо:}$$

$I_1$ - рейтинги мухтасари сатҳи зиндагӣ ва бехатарӣ;

$I_2$ - рейтинги маҷмӯии таъмини аҳолӣ бо манзил;

$I_3$ - рейтинги мухтасари сатҳи таҳсилот;

$I_4$ - рейтинги мухтасари сатҳи тандурустӣ;

$I_5$ - рейтинги мухтасари рушди фарҳанг;

$I_6$ - рейтинги маҷмӯии рушди нақлиёт ва алоқа;

$I_7$ - рейтинги маҷмӯии рушди бозори истеъмолӣ.

Афзалиятҳои баҳснопазири ин равиш яъне ҳисоби самаранокӣ, коршоямӣ дар фаъолияти идоракунӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, баҳодиҳии интегралӣ хавфҳои зиёдеро тафсир намуда, камбудиҳо ва костагиҳоро инъикос менамояд. Дар ҳолати саҳеҳ набудани маълумот ба вуҷуд омадани коэффитсиенти самаранок ғайри имкон мебошад. Аз ин рӯ, ҷузъи муҳими арзёбии интегралӣ, сифати интихоби иттилооти ибтидоӣ мебошад, ки ба саҳеҳ будани маълумотҳо аз ҳама бештар сифати натиҷа вобаста мебошад.

Дар ҳолати сохтани нишондиҳандаҳои интегралӣ, арзиши нишондиҳандаҳои «воқеан» ҳамчун барои баҳодиҳӣ гирифта мешавад, ки вазифаҳои идоракунии стратегиро то андозае содда мекунад. Дастурҳои ҳақиқии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бояд ба меъёрҳои байналмилалии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, ташкили меҳнат расонидани хадамоти иҷтимоӣ ва фароғати аҳолӣ асос ёбанд.

Инфрасохтори иҷтимоӣ на як дискрет, балки як шабака, ташаккули системавие мебошад, ки дар он камбудиҳои маҳаллӣ метавонанд тавассути алоқаи байни қаламравҳо бомуваффақият бартараф карда шаванд. Таҷрибаи идоракунӣ дар минтақа имкон медиҳад, ки минтақа хуб таҳлил гардад ва инчунин натиҷаҳои хуб ба даст оварда шавад. Дар акси ҳол, эҳтимолияти хулосаҳои хато зиёд мегардад.

Индикаторҳои (нишондиҳандаҳои) баҳодиҳии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии дар ҷадвали 4 овардашуда соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоиро дар бар гирифта, дар он усулҳои ҳисобкуние нишон дода шудааст, ки бо воситаи онҳо ба вазъи кунунии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро баҳо додан мумкин аст.

**Ҷадвали 4.**

**Баҳодиҳии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа**

| Ноҳияҳои минтақа | Блокҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | IV | V | VI | VII | суръати рушди миёна минтақа |
| Ваҳдат | 0,67 | 0,515 | 0,75 | 0,094 | 0,005845 | 1,387 | 0,3195 | 0,534 |
| Варзоб | 0,52 | 0,768 | 0,87 | 0,023 | 0,002099 | 0,359 | 0,0542 | 0,371 |
| Ляхш | 0,43 | 0,827 | 1,18 | 0,024 | 0,004364 | 0,303 | 0,0120 | 0,397 |
| Нуробод | 0,43 | 0,624 | 0,99 | 0,023 | 0,002923 | 0,472 | 0,0411 | 0,369 |
| Ҳисор | 0,50 | 0,607 | 0,89 | 0,082 | 0,003359 | 0,576 | 0,4537 | 0,445 |
| Рашт | 0,49 | 0,521 | 0,95 | 0,039 | 0,005337 | 0,423 | 0,0515 | 0,354 |
| Роғун | 0,48 | 1,300 | 0,72 | 0,020 | 0,00114 | 0,548 | 0,0128 | 0,440 |
| Рӯдакӣ | 0,44 | 0,775 | 0,76 | 0,073 | 0,005599 | 0,868 | 0,6482 | 0,510 |
| Сангвор | 0,46 | 0,701 | 1,34 | 0,015 | 0,001012 | 0,380 | 0,0170 | 0,416 |
| Тоҷикобод | 0,43 | 0,667 | 1,06 | 0,019 | 0,001726 | 0,454 | 0,0302 | 0,380 |
| Турсунзода | 0,55 | 0,819 | 0,84 | 0,117 | 0,004295 | 0,637 | 0,4063 | 0,482 |
| Файзобод | 0,46 | 0,613 | 1,01 | 0,032 | 0,002474 | 0,465 | 0,1060 | 0,384 |
| Шаҳринав | 0,44 | 0,682 | 1,06 | 0,038 | 0,002474 | 0,448 | 0,0590 | 0,390 |
| **НТҶ** | 0,485 | 0,725 | 0,95 | 0,046 | 0,003001 | 0,563 | 0,1701 | 0,421 |

***Сарчашма:*** *Дар асоси Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. 2020, - С.99-101,*

*305-323. Оид ба номгӯи ҷамоатҳо ва шумораи аҳолии (Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ то 01.01.2020). Ҳар як блок дар алоҳидагӣ замима мегардад. Ҳисоби муаллиф*

Дар методологияи пешниҳодгардида мо кӯшиш ба харҷ додем, ки барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, баҳодиҳии ташаккули рейтинги интегралиро бо миёнаи арифметикӣ ба роҳ монда, коэффитсиентҳоро бо миёнаи арифметикӣ муайян созем ва суръати рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаро баҳодиҳӣ намоем.

$$I_{мр} = \frac{\mathbf{I_1 + I_2 + I_3 + I_4 + I_5 + I_6 + I_7}}{\mathbf{7}}$$

Бо вуҷуди ин, интихоби маводи омории ибтидоӣ ва ҷалби маълумоти босифат, бештар дар бораи ҳудудҳои алоҳида аз ҷумла таҳлили вазъият дар минтақа, бо истифода аз усулҳои пурсиши коршинос, ки мавриди таҳқиқ қарор мегиранд, метавонанд натиҷаи хубе диҳад.

Муайян карда шуд, ки дар маҷмӯъ барои НТҶ коэффитсиенти устувории рушди инфрасохтори деҳот ба 0,421 баробар аст, ки онро паст арзёбӣ кардан мумкин аст. Илова бар ин, нишондиҳандаҳои пасти рушди устувориии зерин ошкор карда шуданд: коэффитсиенти устувории сатҳи рушди хизматрасонии савдо - 0,17, коэффитсиенти устувории сатҳи рушди муассисаҳои тандурустӣ - 0,046, коэффитсиенти устувории сатҳи рушди фарҳанг - 0,003.

Ҳамин тариқ, бахши иҷтимоӣ ин фаъолияти субъектоне мебошад, ки ҳадафи умумии онҳо беҳтар намудани ҳифзи саломатӣ; беҳтар намудани шароити зист, музди меҳнат, кори мувофиқ бо музди одилона; маълум намудани нишондиҳандаи тахминии рушд инфрасохтори иҷтимоӣ ва шинос шудан бо дастовардҳои илм ва фарҳанг бо роҳи таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва ғ. ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили маводи дар боло зикршуда дар бораи асосҳои методологӣ ва баҳодиҳии дараҷаи рушди бахшҳои иҷтимоии инфрасохтор, мо ба чунин хулоса омадем:

Барои арзёбии сатҳ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ нишондиҳандаҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст, вале истифодаи усулҳои арзёбии миқдорӣ ва нишондиҳандаҳои сифатӣ хеле муфид мебошад.

Дар ин навбат метавон нишондиҳандаҳоро ба: ибтидоӣ, меъёрӣ, муқоисавӣ ва ояндадор тақсим намуд. Байни усулҳо ва нишондиҳандаҳои дар онҳо истифодашаванда ҳангоми баҳогузорӣ сатҳ ва сифати хизматрасонии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, маҳдудиятҳо дида намешавад, зеро дар ҳолати зарурӣ ин нишондиҳандаҳо якдигарро мукаммал мегардонанд, яъне суръати рушди миёнаи инфрасохтори иҷтимоӣ маълум мегардад.

Ҳамин тариқ қайд кардан ба маврид аст, ки аҳамияти хоса додан ба меъёри асосии муайян кардани сатҳи рушди объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, яъне бояд фаъолияти устувор ва сифатии минтақаҳо бо истифода ташаккули рейтинги интегралӣ муайян гардад ва ҳангоми истифодабарӣ ин методология истифодаи усули миёнаи арифметикӣ, ки хеле бамаврид аст, чунки ин ин усул ба мо имконият медиҳад, то муайян намоем, ки инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар кадом сатҳ қарор дорад ва чӣ тадбирандешиҳо бояд намуд.

Адабиёт:


*1. Давлатов К.К. Тенденции развития сельского хозяйства и проблемы углубления коопрационно-интеграционных отношений в АПК Таджикистана// Международный сельскохозяйственный журнал.-2007.- №1.-С. 51-53.*

*2. Тагоев Дж. Аграрный сектор РТ: приоритеты, инвестирования и ожидаемые результаты в рамках госпрограмм// Вестник нац. ун-та – Душанбе: «Сино», 2016.- №2/10(219).-С.151-157.*

*3. Ашуров И.С. Аграрная реформа Республики Таджикистан / И.С. Ашуров // – М.: ООО НИПКЦ «Восход – А», 2008.– 332с.*

*4. Самандаров И.Х. Уровень развития социальной инфраструктуры села. Душанбе. Изд-во ТАУ, 2003.- 140с.*

*5. Пириев Дж. С. Развитие социальной сферы в сельской местности на основе формирования государственно-частного партнерства./Дж. С. Пириев, Р.Р. Ахмадов // Сборник материалов VI-й межд. научно-прак. конф-ии. Март 2015г.-Пенза, 2015.- С. 299-304.*

*6. Трухачев В.И., Громов Е.И. Оценка уровня развития сельских территорий в разрезе регионов России // Экономика сельского хозяйства России. 2016. №4. С. 57 – 64.*

*7. Белехова Г.В., Калашников К.Н., Шаров В.В. Об оценке социальной инфраструктуры сельских территорий // Вестник Алтайского государственного аграрного университета. - 2008. - № 4. - С. 76 - 78.*

*8. Баутин В.М., Козлов В.В., Мерзлов А.В. Устойчивое развитие сельских территорий: вопросы стратегии и тактики. - Москва: ФГНУ «Росинформагротех». – 2004 – С.312.*

*9. Ганиев Т.Б. Проблемы устойчивого развития сельского хозяйства (на примере Республики Таджикистан) - М.: Диалог – МГУ, 1996. - 108 с.*

*10. Грабар А.А. Рейтинговая оценка развития социальной инфраструктуры регионов [Электронный ресурс] / А.А. Грабар. - Режим доступа:http://uecs.mcnip.ru/modules.php?name=News&ffle=print&sid=136206*

*11. Белехова Галина Вадимовна, Калашников Константин Николаевич, Шаров Владимир Васильевич Об оценке социальной инфраструктуры сельских территорий // Проблемы развития территории. 2013. №1 (63). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ob-otsenke-sotsialnoy-infrastruktury-selskih-territoriy.*

*12. Билолов Н.К.Формирование и развитие социальной инфраструктуры села в условиях рынка (на материалах Хатлонской области) // дис. на соис. уч. стени к.э.н. 2019. 52с.*

**Асоев М.М.,**
**Манонов С.С.**

## ОЦЕНКА КЛЮЧЕВЫХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ СЕЛЬСКОЙ МЕСНОСТИ (ПО МАТЕРИАЛАМ РАЙОНОВ РЕСПУБЛИКАНСКОГО ПОДЧИНЕНИЯ)

**Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**

*В статье рассматривается оценка ключевых показателей развития социальной инфраструктуры в сельской местности (на материалах районов республиканского подчинения). На наш взгляд, очень целесообразно использовать методологию комплексной рейтинговой оценки уровня развития социальной инфраструктуры в сельской местности. В статье подчеркивается, что социальная инфраструктура оказывает большое влияние на развитие человека, включая духовный, культурный, здоровый образ жизни, защиту и укрепление его здоровья, готовность к активной позиции в обществе. В связи с этим соблюдение основных критериев определения уровня развития социальной инфраструктуры села зависит от бесперебойной работы объектов и качества оказываемых услуг.*

***Ключевые слова:*** *стандарты, социальная инфраструктура, образование, здоровье, культура, количество книг, пассажирооборот, продажа продуктов питания, гарантии по кредитам, гранты, техническая помощь, исследовательские программы для школ, поликлиник, система водоснабжения, станции, телефоны, системы, совершенствование демографической ситуации и повышение благосостояния населения.*

**Asoev M.M.,**
**Manonov S.S.**

## ASSESSMENT OF KEY INDICATORS OF DEVELOPMENT OF THE SOCIAL INFRASTRUCTURE OF A RURAL SPACE (BASED ON THE MATERIALS OF THE REGIONS OF REPUBLICAN SUBORDINATION)”

**Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan**

*In this article authors examined the assessment of key indicators of the development of social infrastructure in rural areas (based on the materials of the regions of republican subordination). In our opinion, it is very advisable to use the methodology of a comprehensive rating assessment to assess the level of development of social infrastructure in rural areas. The article emphasizes that social infrastructure has a great impact on human development, including spiritual, cultural, healthy lifestyle, protection and strengthening of his health, readiness for an active position in society. In this regard, compliance with the main criteria for determining the level of development of the social infrastructure of a village depends on the uninterrupted operation of facilities and the quality of services provided.*

***Keywords:*** *standards, social infrastructure, education, health, culture, number of books, passenger traffic, food sales, loan guarantees, grants, technical assistance, research programs for schools, clinics, water supply systems, stations, telephones, systems, demographic improvement situation and improving the well-being of the population.*

***Сведения об авторах:***

***Асоев Муфарах Мазориддинович****-старший преподаватель кафедры управления государственными финансами, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. Тел: (992) 905507069. E-mail: mufarrakh@mail.ru*

***Манонов Саиднозим Сайдакрамович-*** *соискатель кафедры управления государственными финансами, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. Тел: (992) 918 88 88 01 E-mail: Saidnozim.tj@hotmail.com*

УДК 330.35.01. Шарипов Ш.Р.

# ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКУ ТАДЖИКИСТАН

**Технологический университет Таджикистана**

*Статья посвящена изучению экономических факторов, влияющих на привлечение инвестиций в Республику Таджикистан, так как доказательство того, что существует фактор, однозначно влияющий на принятие инвестиционного решения, отсутствует. Для определения причин неравномерного распределения прямых иностранных инвестиций в стране, а также выявления наиболее привлекательных для иностранных инвесторов стран были определены следующие показатели: макро-экономическая устойчивость, нормативно-правовая сфера, рынок труда, инфраструктура, налогообложение.*

***Ключевые слова:*** *Факторы, экономика, инвестиции, модели, иностранные вложения, ценные бумаги, рынок труда, налогообложения, инфраструктура, динамическая модель, структурная модель*

В настоящее время в Таджикистане созданы благоприятные условия для привлечения иностранных инвестиций на основе развития рыночных отношений в банковском секторе, финансовой системе и торговле.

Законодательная база страны позволяет инвесторам других стран использовать следующие возможности:

